*Саид Ғоиб*

# КУЛЛИЁТ

Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ғ – 78

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

Ғ– 78 **Саид Ғоиб**. Куллиёт (Шеърҳо) –
Душанбе, «Адиб», 2010, 192 саҳ.

Саид Ғоиб (додари Муҳаммад Ғоиб) шоири хубе буда, афсӯс ки бармаҳал дар хок ғунуда. Китоби руи дасти Шумо хулосаи муҳаббати ӯ ба халқу ватан аст аз нигоҳи як шоири навҷӯ. Умедворем, ки тасвирҳои зебо ва биниши баланди шоир мисли табиати баланди Тоҷикистон дар дили хонанда хоҳад нишаст.

ISBN 978-99947-64-67-9

© Саид Ғоиб, 2010

# БА ҶОИ САРСУХАН



Фарзандони падари худро дӯст доред, аз ҳолашон хабар бигиред. Дасти дароз дошта бошед, мададашон расонед. Аз онҳое ки ҳамроҳашон дар як хона, бар ба бар хобидаед, дар сари як дарсархон нишаста, шарбати шодию ғамро чашидаед, дурӣ маҷӯед. Дар зидагӣ ба қадрашон бирасед, ки қадрдониҳои баъд аз марг аз сароб об ҷустан аст. Бародароне ҳастанд, ки барои манфиати дурӯза бо ҳам носозанду қаҳриянд. Онҳо агарчи соҳиби мансабу тахтанд, меҳргумкардагони бадбахтанд.

Фарзандони падари худро, ки қиматтарин ганҷинаанд, чун гавҳараки чашм нигоҳ доред.

Аз рӯзи аз дунё гузаштани бародарам Саиди Ғоиб худро ба даст гирифта наметавонам. Таъсири мисраъҳои «Фарзанди падар меваи ноёфтанист» ва «Нест доғе дар ҷаҳон чун доғи фарзанди падар» ба дилу ҷонам сахттар гаштаст. Ҳоло ин сатрҳо ва навиштаҳои додарамро , ки аксар ҳолномаи ӯст, хонда гирён мешавам, ба ёдаш дилам гум мезанад.

Ҳанӯз чашми одаткарда боумед роҳашро мепояд. Гӯш ба садои телефонаш менишинам, ки овозашро шунавам. Дарвозаро кушода мемонам, ки шояд бехабар аз дар дарояд. Дигар ӯ аз дарам намедарояд. Ба хонааш ҳам равам, ба пешвозам намебарояд. Дигар бо ҳазорон ҷустуҷӯ ӯро намеёбам. Бо умеде ки дар хобам дарояд, маҷбуран мехобам. Дигар на дарамро мекушояд, на дар хобам медарояд.

Вале аз пеши чашмам лаҳзае дур намешавад, аз кӯчаи хаёлам дур намеравад.

Нолишаш ба гӯш мерасад, оҳи ҷонгудози кӯдаконааш аз дили деҳи хомӯш мерасад. Бо чашмони хоболуд аз ҷо хеста, аз суфаи баланд сарозер афтоданаш, бобои донишмандам мулло Худойназари Содиқ дуо хонда, дардашро

сабук карданаш, захми аввалинро, ки дар пешонияш нақш монд, аз саги холаи Сангимоҳ диданаш, Убайди байтор ҷои кандаи бинии ӯро часпонданаш, аз байни оташ дасти хоҳарамро гирифта, ба ҷои бехавф бурданаш, ҳамроҳи ман полезбонӣ кардану хӯса сохтанаш, бар-бари ман аз пайи дуздон тохтанаш, дар барам дароз кашида, ба китобам чашм дӯхтанаш, бо ҳама дониш аз имтиҳони донишгоҳ афтодану аз оташи ғами бешиносӣ сӯхтанаш, дар китобхонаи мактаб кор карда, пайваста омӯхтанаш ва боз дигар лаҳзаҳо аз ёдам намераванд. Баъдтар ба донишгоҳ дохил шуда, ҳамроҳам дар як ҳуҷра зистанаш, аз ҳамдарсон зиёдтар донистанаш, бо баҳои аъло не, бо дониши аъло донишгоҳро хатм карданаш, барои манфиъате пеши нокасе сар фуруд наоварданаш ҳар лаҳза аз пеши рӯям мегузарад. Хулоса, баробари ба забон гирифтани номаш хотираҳо тагурӯ мешаванд.

Баъди хатми донишгоҳ фаъолияти кории додарам аз мактаби деҳаи ҳамсоя –деҳаи Ғиҷоваки ноҳияи Данғара оғоз ёфт ва то дами вопасинаш давом кард. Бисту ҳафт соли умраш дар ин роҳ гузашт. Додарам шогирдонашро дӯст медошт, барои соҳибмаърифат шудани онҳо ҷони худро азоб медод. Ҳама дар тобистон барои зимистон ҳезум ва коҳу хас захира мекарданд, вале додари ман варақчаҳои саволу ҷавоб тайёр менамуд. Шабу рӯз хонда, мавсими таътилро ҳам бо таҳсил мегузаронд. Шогирдонаш дар ҳама мактабҳои олӣ дохил шуда, обрӯмандаш мегардонданд. Додарам дониши баланду унвони паст дошт. Боре аз ин хусус гап кушода гуфтам:-Парво макун, барои унвондор шуданат мубориза мебарам.

– Биё, ин гапҳоро мон бародар, бисёр унвонҳо то дари гӯр аст. Агар гапат гузарад, бигӯ, ки риштаи қисмати хонандагони доноямро ба дасти дигар муаллимон надиҳанд. Намехоҳам онҳо дар нимароҳ бимонанд. Аз синфи чор то ҳашт ман дарс медиҳам. Дар синфи нӯҳум аз онҳо ҷудоям мекунанд. Агар то охир дарс диҳам, бовар дорам, ки ягон шогирдам аз дари донишгоҳи дилхоҳ ноумед барнамегардад. Худи ҳамин подошу унвони ман аст.

Хоҳишашро иҷро кардам. Минбаъд ба гурӯҳе то охир, то хатм кардани мактаб дарс мегуфт. Шогирдонаш дар донишгоҳҳо бе душворӣ дохил шуда, соҳиби касб мегаштанд. Дастпарваронаш дар соҳаҳои гуногун кор мекунанд.

Ҳангоми рӯ ба рӯ омадан «Шогирди додари туем»-гуфта маро ҳам эҳтиром менамоянд.

Дар рӯзи фавташ пиру ҷавони деҳаи ҳамсоя фиғонкунон аз дарвоза даромада, майдони ҳавлиро пур карданд. Дар даст гулчанбар ва сурат доштанд. Сурати бародарамро худашон кашида буданд. Шогирдони шаҳрияш дар вақташ ҳозир шуда, тобуташро то қабристон бардоштанд. Як ҳафта омадану рафтани сокинони деҳаи ҳамсоя, ки худашон ва ё фарзандашон аз додарам дарси забону адабиёт гирифта буданд, идома ёфт.

Додарам ҳар рӯз то деҳаи ҳамсоя пиёда мерафту меомад. Дар гармову сармо роҳи яксоатаро тай мекард. Интизори ягон мошин намешуд. Ин роҳ агар нақши қадамҳояшро нигоҳ медошт, саргаштатарин одами кӯи мақсад додари маро мехонд. Дар ин роҳ бо шеъру ғазал рози дили пурмуҳаббаташро гуфтааст, дар ин роҳ ҳарфҳои қалами пояш хуфтааст. Дар ҳамин роҳ сармо хӯрда, сулфа зада, бори ранҷи беморӣ кашидааст. Дар ҳамин роҳ дидори неку бадро дидааст. Ман низ дар ин роҳи шинос бе оби дида қадам ниҳода наметавонам. Аз хати ин роҳ сарнавишти додарамро мехонам.

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ эҳтиёҷи зиндагӣ бисёр омӯзгоронро маҷбур кард, ки тарки касб намоянд. Онҳо барои дарёфти ризқ ба пойтахти мамлакат ва дигар кишварҳо рафтанд, вале додари ман бо дода қаноат карда, ҳамроҳи хонандагони азизаш дар деҳа монд.

Қурбоншудагони солҳои ноороми додари маро марсиягӯ кард. Дар мотами волийдони шогирдонаш ашки ҳасрат рехта, баҳри тасаллои дили мотамзадагон шеър мегуфт. Дафтараш аз номи шаҳидшудагон пур аст. Дарди рӯзгор додари маро ҳам водор кард, ки баробари пешаи омӯзгорӣ даст ба шуғли дигаре бизанад, барои таъмини оилаи серфарзандаш шабу рӯз ҷон биканад. Соатҳои дарсашро дар рӯзи мувофиқ гузошта, рӯзҳои холӣ ҳамчун хабарнигори кумитаи радио ва телевизиони вилояти Хатлон ба ноҳияҳо рафта, барнома таҳия мекард. Пуле, ки аз хабарнигорӣ мегирифт, ночиз буд. Бо ҳама нодорӣ аз касе мадад намепурсид. Ҳолате шуд, ки маҷбуран вазифаи мудирии танзими расму оинҳои ноҳияи Данғараро ба ӯ супориданд. Се моҳ дар ин вазифа кор кард. Чанд соат пеш аз

маргаш гуфтааст, ки ман дар чунин муҳит кор карда наметавонам, маро бо хоҳиши худам аз кор озод кунед.

Додари ман донишманд буд, аз ӯҳдаи корҳои тарғиботӣ ба хубӣ мебаромад. Агар дилашро ба даст меоварданд, дар як шаб як қисса ва ё як мақолаи хонданбоб менавишт. Вале онҳое, ки фаҳмаш ба фаҳми ӯ наздикӣ надоштанд, дуруштии худро дар муқобили нармии ӯ мегузоштанд. Баъди сарзанише додарам ғамгин шуда «кӣ медонад, ки ханҷари чи хаёлу аламе ба ҷисмаш кора мекунад- мегӯяд ва худи ҳамон шаб дар ҳалқаи фарзандон ҷон медиҳад. Дар рӯзи мотамаш аз ҳукумати ноҳия ду кас омаданд, ки бо мо риштаи пайванди ҳамқаламӣ доштанд. Онҳо ҳам лаҳзае истода рафтанд. Раису муовини сарзанишгараш наомаданд. Аз ин бисёр аламам кард.

Додари ман танҳо додари ман набуд, фарзанди фарзонаи миллат ҳисоб меёфт. Соҳиби шаш китоб ва узви иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Дар ноҳия аз миёни чандин ҳазор ду кас аъзои нависандагон буд, ҳоло якто мондааст, шоир Тулқин Хоҷа, ки нагуфтаҳои додари маро мегӯяд. Бисёр ноҳияҳо шоиру нависанда надоранд.

Аз ҳамон рӯз мехоҳам нобино бошаму дидори он қадрношиносонро набинам, фаромӯшхотир бошаму номашон ба ёдам наояд. Лекин чи илоҷ? Лаҷоми саманди хотира дар дасти ман нест. Наход сарвари ноҳия дар марги омӯзгори номдору хабарнигору шоираш омада натавонад? Инсон ба хотири як ном, шояд барои сазовор шудани як таъзия умре кору эҷод кунад, Ватан обод кунад. Наход сарвари ноҳия аз нишонаи ифтихор маҳрум бошад, барои ба роҳи охират гуселонидани фарзанди обрӯманди диёраш фурсат наёбад? Аз бинои ҳукумат то мотамхона бистдақикаина роҳ аст. Агар дар ноҳия меҳнати диловарона ба чашм мерасид, дастгоҳҳо мунтаам кор мекарданд, майдонҳо сарсабзу боғҳо ва анборҳо пур аз ҳосил мебуданд, он вақт ҷои гила набуд. Ҳоло ҳамааш оина барин рӯшан аст.

Баъди вафоти додарам ҳатто хоҳарамро, ки дар кӯчаи марказии ноҳия, дар сари роҳи рафту омади роҳбарон зиндагӣ мекард, хабар гирифта наметавонистам. Бо телефон ҳолашро мепурсидам. Хайрият, ки ӯву ҳамсояҳояшро маҷбуран ба дигар гӯша кӯчонданд. Аз ин хоҳарам бохту

ман бурд кардам, роҳам ба даргоҳаш, ки дуртар аз маркази ноҳия буд, кушода шуд.

– Чаро ин аламномаамро ҳамон рӯзҳо не, баъди як соли марги бародарам рӯи коғаз овардам? Борҳо хостам, вале боз ғубори ғазабамро фурӯ шинондам. Баъди хондани дастхатҳои додарам, ки дар ҳолати ноумедӣ ва бачонрасӣ эҷод шудаанд ва ҳангоми омода кардани ҷамъбасти асарҳояш худро дошта натавонистам. Ба худ суол додам:-Ӯ барои кӣ заҳмат мекашид, ба хотири чӣ ҷони ширинашро азоб медод? Албатта, ба хотири шахсони алоҳида не, ба умеди фардои дурахшони кишвар даст ба домони нангу номус мезад. Имрӯз бисёр дастпарваронаш дар бахшҳои гуногун роҳбар ё дар зинаи поёнтар кор мекунанд ва номи устодашонро бо некӣ ба забон меоранд. Аз шеърҳояш дарси ватандорию худшиносӣ меомӯзанд. Ҳунармандон ба шеърҳои аз муҳаббату садоқат саршораш оҳангҳо баста, тараннум мекунанд. Магар ин ҳама ба як таъзияву ба роҳи охират гусел кардани як эҷодкор намеарзид?

Муносибати ҳокими вақт хоҳу ноҳоҳ ба эҷоди адибон асари худро мегузорад. Рӯҳбаландӣ ҳам аз он ибтидо мегираду ноумедӣ ҳам. Ояндагон аз рӯи ин эҷодҳо ба фаҳму фаросати ҳокими вақт баҳо медиҳанд.

Ҳеҷ гап не, мизони ҳаёт бори фаҳму ҳимати ҳамаро баркашида, қадру манзалати ҳар касро муайян мекунад ва барои ҷо гирифтан аз маскани ҳастию нестӣ ҳуҷҷат медиҳад. Ҷои додари ман маълум аст. Офаридаҳояш бозгӯи зиндагии ибратбахш ва нишонаи гирён омадану хандон рафтани ӯст.

*Муҳаммад ҒОИБ*

## ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Бинам туро ба хоби худ бо дидаи хайёл,
Аз қаъри асрҳо расад овози ту ба гӯш,
Рӯҳи бузургат оварад, эй тоҷи тоҷдор,
Як лаҳза худшиносию ақли маро ба ҳуш.

Андар ҷаҳони хоби ман як марди хокиӣ,
Чашмони пуршарори ту ғарқи муҳаббат аст.
Гӯё ту як фариштаи некию покиӣ,
Эъҷози ту нишонаи ҷовиди миллат аст.

Девори бахти миллатам аз нақши дасти туст,
Хокаш ҳама шуҷоату обаш зи илму фан.
Осон набуд рахнаи ин бораи бузург,
Бар хасми нотавону абедониши Ватан.

Бо ту зи байни шаҳри Бухоро кунам гузар,
К-он ҷо зи ҷӯши илм яке инқилоб буд.
Тоқу равоқи шаҳр пур аз ганҷи маърифат,
Мардум зи шавқ ташнаи илму китоб буд.

Шеъру суруди Рӯдакӣ як сӯ диҳад садо,
Ҳамчун суруди миллату озодии Ватан.
Орад суҷуди шаҳр халоиқ зи ҳимматаш,
Бар қаъбаи фазилату гаҳвораи сухан.

Ояд зи дорухонаи Сино чу бӯи нон,
Бӯи наҷоти зиндагию умри бардавом.
Банди ҳаёли марҳами нав ҳаст, то диҳад
Халқаш зи чангу панҷаи шуми аҷал амон.

Бар сӯи Балху Тӯс равонам ба боли хоб,
Бинам ҷамоли Робия аз шеъри ҷонфишон.
Машғули «Шоҳнома»-нависист Пири Тӯс,
Таърихро ба кохи сухан карда ҷовидон.

Сар то ба пои мулки ту аз ҷавҳари сухан,
Зебост чун фасонае дар чашми хоби ман.
Аммо дили ту хаста зи авлоди Нӯҳ буд,
К-аз ғофилӣ супурд ба бегонаҳо Ватан.

Дидам туро ғамину дилам реш-реш шуд,
Аз лонаҳои чашм рамӣ гашт мурғи хоб.
Ин дам ба ёди қисмати оядаи Ватан,
Хун шуд дилам зи ғуссаю ду дида ғарқи об.

## ҲОМИИ МИЛЛАТ

***Эҳдо ба Эмомалӣ Раҳмонов***

Дар ғами ободии ҳар гӯшаю манзил туӣ,
Буалӣ Синои дармонбахши ҳар мушкил туӣ.
Қавми моро чун ба ҳам овард дасти ваҳдатат,
Байни оқилҳои миллат аз ҳама оқил туӣ.
Халқ чун дарёст, душман мавҷҳои саркашаш,
Устувор андар мақоми хеш чун соҳил туӣ.
Ахтари бахтат дурахшон аз сахои дӯстӣ,
Бо ҳама номоилони мулки худ моил туӣ,
Аз каломат муждаи даврони серӣ мерасад,
Киштаи умеди моро босахо ҳосил туӣ.
Роҳи оҳан, набзи Абрешим ҷони миллат аст,
Месазад гӯям, ки дар ҳастии миллат дил туӣ.
Буд Девори Бухоро шоҳ Исмоил агар,
Баҳри мо Исмоили сонӣ, шаҳи одил туӣ.

## РОЗҲО ДАР РОҲҲО

Шеър бар лаб роҳ гирам ҳар саҳар
Бар сӯи мактаб,
Аз пайи умеду матлаб.
Роз гӯям раҳ ба раҳ ман бо ҷаҳони орзуҳо,
Рози худ гӯям ба ҳамроҳони ҳамдарду дилогоҳ.
Роз гӯяд бо мани марда мусофир,
Бо мани дар зиндагӣ ошуфтахотир,
Ҷои одамҳои сангиндил,
Сангҳои хуфтаи домони роҳ.
Ҷои неши таънаҳои бадзабонон,
Мехалад бар дидаи назораам хор,
Роз гӯяд бо алам ҳар як гиёҳ.

Меравам умре пиёда,
Укдаҳои розҳоро бо ҳавасҳо.
Раҳ ба раҳ бо панҷаи шеърам кушода,
Нест ҳаргиз ғайри байту мисрае,
Дар сарам фикри зиёда.

Гоҳ мансабдори зиште,
Бодосо аз бари ман бигзарад мошинсавор,
Заҳрханде карда сӯям бо виқор,
Мезанад писханд бар омӯзгор,
Мезанад писханд бар эҷодкор.
Бехабар аз он ки байтеро ба зиштиҳои хеш,
Медиҳад андар замири шеъри ман қувват.
Ҳамчу дарди бедаваю ҷовидони халқу миллат.
Ҳаст писхандаш агарчи лаҳзае,
Ман ба ӯ дар шеър хонам ҷовидон лаънат,
Бо забони хешу лафзи халқи ғамолуд,
Онҷунон Фирдавсии тӯсӣ ба Маҳмуд.

Розҳо печида бо ҳам,
Бо нахи абрешими шодию ғам,
Дар гулӯгоҳи қалам.
Мисраю байте шавад аз шодмонӣ,
Мисраю байте пур аз дарду алам.

Лек гоҳо мисраю байтам чу пастию баландиҳои роҳ.
Дар баҳо пасту баланд аст.
Гоҳ байту мисрае чун накҳати субҳи баҳор
Рӯҳбахшу дилписанд аст.
Ман зи оғӯши баҳорон шеър ҷӯям,
Ҳам зи набзи рӯзгорон шеър ҷӯям.
Аз сукути кӯҳсорон, аз навои дилфиребе боду борон,
Аз қадамҷои азизон шеър ҷӯям.
Аз Алиҷон то Ғиҷовак,
Аз Ғиҷовак то Алиҷон шеър ҷӯям.

Шеър ҷӯям ман зи чашмони хумори духтаре,
Аз гули рухсору аз гулхандаи маҳпайкаре.
Шеър ҷӯям аз каломи ҳикматангези падарҳо,
Ҳам зи чашми интизору пурумеди модаре.

То хумори розҳою орзуҳо бишканам,
То шавад холӣ зи дарди зиндагонӣ лаҳзае ҷону танам.
Шеър меҷӯям зи паҳноию дара,
Гаҳ зи савти дилфиребу рӯҳбахши шаршара.
Аз назаргоҳи азизони ду ҷои хурраму хушманзара,
Навниҳоли мисраю байтам шавад сабз,
Аз зулоли чашмаи меҳри азизон,
Ҳам зи файзи чашмаҳои дарди инсон.
Ғунчаи уммедҳо дар шохаҳояш байт гардад,
Байти дарду доғи миллат, байти сад уммеду армон,
Шеъри шодию сурури Тоҷикистон.

## ПАЙМОНШИКАН

Бе ту ҳам сӯҳбати мо мегузарад,
Бе ту ҳам маҳфили мо обод аст.
Бе ту ҳам савту наво дар ҷӯш аст,
Бе ту ҳам базму шаби эҷод аст.

Э дареғо, ки навиштам шеъре,
Ки ту маҳбубу гиромӣ бошӣ.
Дар ҳама маърака кардам васфат,
То ки ту як каси номӣ бошӣ.

Лек имрӯз аёнам гардид,
Ки ту як ёри забонӣ ҳастӣ.
Ташнаи шӯҳрати бепоёне,
Ташнаи мадҳияхонӣ ҳастӣ.

То аён тангаи тилло гардад,
Гоҳ кас шод зи миссӣ бошад.
Ҷавфурӯшиву гандумрангӣ,
Одати зишту хабисӣ бошад.

## ДИЁРИ ИШҚ

Омадам боз бар диёри ишқ,
Бар диёри пур аз шарори ишқ.
Боз бо ёди бӯсае ларзид
Ин дили ташнаю хумори ишқ.

Лек он ҷо туро надидам ман,
Домани ёдҳо қапидам ман.
Тарҳи рӯи ту офаридам ман,
Байни гулбоғу лолазори ишқ.

Аз дарахтон шукуфаҳо мерехт,
Аз лабат нақши бӯсаҳо мерехт.
Дарду ҳасрат ҷудо-ҷудо мерехт,
Дар замини дили фигори ишқ.

Ғунчае сӯи ман табассум кард,
Кафтаре ҷонгудоз қум-қум кард.
Оламе дар дилам талотум кард,
Мисли дарёи беқарори ишқ.

Ёд кардам нишоти деринро,
Лаззати дарду сӯзи ширинро,
Даври бар бахти хеш зоминро,
Бе ту дар сояи чанори ишқ.

## ЛОЛАҲО

Лолагун дидам саҳар рухсори ту
Аз насими рӯҳбахши навбаҳор.
Маст гаштам аз майи дидори ту,
Шуд раҳо аз ман инони ихтиёр.

Чеҳраат овард дар пеши назар
Навбаҳори деҳи кӯҳистони ман.
Аз насими хандаат бишкуфт зуд
Ғунчаи нашкуфтаи армони ман.

Бо ту гуфтам он саҳар аз сӯзи дил
Ман ба байте дарди ишқу розро.
Бурд ишқат бар ҷаҳони ошиқӣ
Бачаи деҳотии гулбозро.

Чида будам ман нахустин бӯсаро,
Ҳамчу гул аз лолазори рӯи ту.
Навбаҳори қоматат гулпӯш буд,
Ҳар замон мебурд дилро сӯи ту.

Навҷавонӣ рафту ишқи мо гузашт,
Чун қатори турнае аз роҳи умр.
Лолаҳо пажмурда гардид аз дигар
Байни кӯҳу пуштаю саҳрои умр.

Ишқи мо чун тифли раҳгумкардае
Бепанаҳ дар кӯчаҳои шаҳр монд.
Ҷои шаҳди бӯсаҳои ошиқӣ
Андаруни шишаи дил заҳр монд.

Баъд аз ин дар ёлаҳои ёди ман
Мешукуфад лолаи рухсори ту.
Лолаҳои доғ бар ёд оваранд
Доғи ҳаҷру ишқи нотакрори ту.

## ПАДАР

Кас надида лаҳзае осудаат,
Дидааст, аммо суботу заҳматат.
Мулк то обод гардад, офарид
Ганҷи шаҳди умр дасти ҳиматат.

Дар қатори номдорони Ватан,
Ранҷ бурда роҳи оҳан сохтӣ.
Нимаи умри азизи хешро
Баҳри сарсабзии меҳан бохтӣ.

Лаҳзае, ки буд маҳан дар хатар,
Дар набарди душманон хун рехтӣ.
Бо зафар баргашта аз майдони ҷанг,
Хокашон бо элаки ғам бехтӣ.

Ҷои сарбозони гумноми Ватан
Сабз кардӣ навниҳоле бо умед.
Боғҳо бунёд кардӣ аз сахо
Бо умеди сабзиши мулки сайид.

Лек ҳар нахли ба ғам парвардаат
Хӯрд чун ту захми сад досу табар.
Боғзоратро зи бун барканду бурд
Мардуми бедарду дунёбехабар.

Ҷои ҳар як нахл буд андар назар,
Мисли ҷои тирҳо ғарқоби хун,
Бар диёри қисматат орад ҳуҷум
Гӯй чун бар хоки кишвар хасми дун.

Кундае чун пайкаре тобад ба чашм,
Ғарқаи хун гашта дар майдони ҷанг.
Захму хуни сабзи ҳар як навниҳол
Рехт дар паймонаи умрат шаранг.

Гар Ватан кори туро дорад ба ёд,
Лек садри зишту халқозор не.
То кунун боқист нақши заҳматат,
Пеши чашми ҷамъи ишкамхор не.

Зиндагӣ таззодҳо дорад аҷаб,
Ҳар киро ҳар гуна қисмат медиҳад.
Бенавоӣ рӯзии аҳли сахост,
Нокасонро ганҷу сарват медиҳад.

Эй дареғи заҳмати беҳудаат,
Кас надонад қадрат, эй марди матин.
Зодагонат дар дили хоки Ватан,
Нест акнун соҳиби обу замин.

**ШАБЕҲА**

Ахтаристон аст имшаб осмон,
Дар ҳарири нур маҳ печидааст.
Гӯиё шаҳдухтаре дар ҳалқаи
Духтарони моҳрӯ хобидааст.

Хоб мебинад, шиновар мешавад
Дар миёни ҳавзаи оби булӯр.
Атр мепошад ба обаш Офтоб,
Аз кадомин гӯшае ҳамроҳи нур.

Ахтарон чун моҳии тиллоие,
Даври ӯ печида бозӣ мекунанд.
Аз фараҳ монанди духтарҳои шӯх,
Рақсҳои дилнавозе мекунанд.

Чун наҳанге хуфта дар кунҷе уфуқ,
Ногаҳон хоҳад барад ӯро фурӯ.
Офтоб баҳри наҷоташ омада,
Медарад бо ханҷараш ӯро гулӯ.

Каҳкашон амсоли дарёи зиё,
Мешитобад ҷониби баҳри булур.
Моҳ мехезад зи хоби нози худ,
Мешавад дунё зи рӯяш ғарқи нур.

## ПАНДИ МОДАР

Илму дониш буд аз баҳрат азиз,
Мерасидӣ ту ба қадри ҳар сухан.
Панд медодӣ, ки донишманд бош,
То бидонӣ ҳурмати халқу Ватан.

Дер хуфта, хестан пеш аз ҳама
Аз ту дар ин роҳи хайр омӯхтам.
Машъали илму адабро дар дилам
Бо дуои неки ту афрӯхтам.

Субҳ мерафтам ба мактабхона ман,
Мешудам ғамгин агар дар баста буд.
Пири мактабхон табассум менамуд,
Гарчи аз бехобиаш дилхаста буд.

Бо дуои модару андарзи ӯ
Шуд насибам пешаи омӯзгор.
Буд пуразиш замоне касби ман,
Деҳа мекардӣ номам ифтихор.

Шод будӣ, модаро, мегуфтиям,
Илм подевори мулку давлат аст.
Фозилони ҷумлаи давру замон
Машъалафрӯзони халқу миллат аст.

Шод будам ман аз ин номи баланд,
Тухми ҳикматро ба дилҳо кошта.
Парчами фарҳанги миллат бо ҳавас,
Ман ба боми орзу бардошта.

## II

Давр дигар гашту мактаб хор гашт,
Ин замон дониш намеояд ба кор.
Деви ҷаҳли зиндагӣ бар аҳли дил
Оварад бо панҷаи сахташ фишор.

Аз пайи сарват ҳама бар шаҳр рафт,
Соҳиби қасранд ҳамсолони ман.
Меҳри ту дар деҳа побандам намуд
Хор дар як гӯшаи хоки Ватан.

Ман накардам тарк мактабхонаро,
Ҷанг дорам бо ҷаҳолат беамон.
Ҳар хазонеро баҳори дилкаш аст,
Доимо яксон намемонад ҷаҳон.

Мон, ки бошам хор дар маъвои ту,
Лек ман пайванди деҳу хонам.
Кулбаатро посбонӣ мекунам,
Модарам, эй модари фарзонаам.

Зери чанори пир, ки бар сӯи осмон
Бо ҳасрати вуҷуди худ имдодҷӯй буд.
Биншаст пири хастадиле ғарқаи хаёл,
Бо ғамгусори бачагӣ дар гуфтугӯй буд.

Аз файзи навбаҳор шуда боғ ғарқи гул,
Ҳам бод дошт атри нафасҳои духтаре.
Сармаст гашта пир зи дунёи рангу бӯ,
Дар тирамоҳи хотираш осори дигаре.

Бардошт чун чанор сар он лаҳза ӯ бидид
Гулбозу масти ишқ яке ҷуфти навҷавон.
Гардид мисли қатрае аз дидаи чанор,
Ашке зи ҷӯи рӯи хазонгаштааш равон…

## ҶАВОБ

Эй кӣ меҷуӣ зи ман асли маро,
Баҳри чӣ дур аз назар афтодаам.
Дар миёни сангавзоёни деҳ,
Лек монанди шарар афтодаам.

Дарди ман дар шеъри ман бинхуфтааст,
Шеъри ман ифшогари ҳоли ман аст.
Ман самандартинатам, андӯҳу ғам
Оташ аст, аммо пару боли ман аст.

Ҷойи ҳайрат нест шоирпешаам,
Лек дурам аз ҷаҳонӣ шоирӣ.
Гар Худо табъи равонам додаст,
Мушкил аст, аммо намудан соҳирӣ.

Эй ки мегӯӣ, ки ҷоят шаҳр буд,
Нест ин ҷо ҷуз ғами молу замин.
Қадри ту дар шаҳр бишносанд зуд,
Зиндагӣ гардад бароят дилнишин.

Деҳи ман аз баҳри ман бошад азиз,
Дар ҳама ҷо одаму ноодам аст.
Дар ҳама ҷо ҳаст айёми хазон,
Дар ҳама ҷо навбаҳори хуррам аст.

Ҳаст ин ҷо он ки шоир парварад,
Ҳаст ҷамъе, ки ба шоир душман аст.
Гоҳи сахтӣ мекунанд ӯро суроғ,
Бо туфайлаш обрӯ афзудан аст.

Эй ки меҷӯӣ зи ман асли маро,
Асли ман хокист, деҳқонзода аст.
Шеъри ман дардошнои шаҳр нест,
Чун суруди чашмасорон сода аст.

## ТИРАМОҲ

Сард мегардад дили шаб,
Бод менолад ғамангез.
Зард мегардад рухи рӯз,
Аз нафасҳои хазонрез.

Чеҳраи коҳида дорад
Кӯҳсору боғу гулшан.
Руд ҳам шӯре надорад,
Чун дили ошуфтаи ман.

Боз соле аз кафи умр,
Ҳамчу барг аз шохсорон.
Канда мегардад ба ҳасрат
Аз шитоби рӯзгорон.

Дил зи дарде мешавад хун,
Зард гардад пуштаи ёд.
Бод мегӯяд ба гӯшам,
«Ҳайфи умрат, одамизод».

## РӮДИ ПАНҶ

Эй рӯд, эй фариштаи рангинқабои мавҷ,
Бо печутоби хеш аҷаб рӯҳпарварӣ.
Ман дар канори сабзи ту банди хаёлҳо,
Чун духтарони шӯх ту мастона бигзарӣ.

Қалби ту ҷӯш мезанад аз сӯзу дарди ишқ,
Андар лабат таронаи меҳру муҳаббат аст.
Пироҳани ҳарири ту бӯи вафо кунад,
Оғӯши атргини ту ҷои ҳаловат аст.

Гаҳ мавҷҳои саркашат аз панҷаи булур
Бар рӯи ман ба нозу адо об мезанад.
Аз шӯхиҳои дилкаши ту ҷон кунад ҳузӯр,
Қалбам зи сӯзи ишқ чу мӯ тоб мезанад.

Гоҳе, ки бод боз кунад тугмаи ҳубоб,
Бидҳад танат чу зарҳали нилуфарӣ ҷило.
Собуни мушки кафк бишӯяд ба сад ҳавот,
Пайваста поктар намояд тани туро.

Як олами фасонаӣ, эй рӯди пурхурӯш,
Эй посбони сарҳади тӯлонии Ватан.
Чун мавҷи дилрабои ту шеърам забона зад,
Аз шеваи равони ту омӯхтам сухан.

## ОБШОРИ ЗИЁ

Бо болҳои зарҳалин аз шонаи уфуқ,
Хуршед сар кашиду ҳама гашт дилнишин,
Деви шаб аз ҳароси синонаш ба танг шуд,
Бардошт ҷисми даҳшаташ аз бастари замин.

Гулбоғу шаҳру деҳа зи бандаш раҳо шуданд,
Бар коми хеш бурда ҳавои саҳар фурӯ.
Ғарқи сафои олами нуру зиё шуданд,
Худро ба обшори зиё дода шустушӯ.

Гармӣ дамид бар рагу пайванди хоки сард,
Хуни ғизош деви шабонаш макида буд.
Мисли маризи хаста раҳо шуд зи ранҷу дард,
Оҳанги сури ӯй ҳама лаҳза мефузуд.

Шабнам ба даври гардани гул гашт дар ҷило,
Чун шаддаҳои мӯҳраи симину тобдор.
Мурғони беқарор ҳама дар наво шуданд,
Олам шукуфт аз қадами неки навбаҳор.

## ЗИМИСТОН

Аз нафасҳои зимистон имрӯз
Охирин барги хазон мерезад.
Зиндагонӣ бишавад мӯйсафед,
Барфи ҳасрат чу бар он мерезад.

Бодҳо оҳи ятимӣ бар лаб,
Дили озурдаи ман реш кунанд.
Ашк резанд дарахтон хомӯш,
Ғуссаю дарди маро беш кунанд.

Об аз шишаи ях бо ҳасрат,
Нигарад ҳамчу асире ба ҷаҳон.
Зуд бо абр саморо пӯшад
Фитнаи деви зимистони гарон.

Рӯз чун лаҳзаи шодӣ кӯтоҳ,
Шаб дароз аст ба ғамдори ватан.
Ҳаваси рӯи баҳорон дорад
Боз бо ёди ҷавонӣ дили ман.

## РӮҲИ ҶОВИДОН

Шафақ чун оташи пок асту хуршед
Гумонам ҳаст чун рӯҳи Сиёвӯш.
Зи оташ бигзарад мардона хусрав,
Фурорад тӯҳмати Судоба аз дӯш.

Бувад кӯҳсори мағриб лашкари ӯ,
Ки ғамгинанд аз кирдори Ковус.
Бо по истода андар рӯзи сахтӣ,
Чу ёрони вафодору баномус.

Баланд он ҷо ба чашмам қуллае ҳаст,
Ки тобад мисли рӯҳи Рустами зол,
Зи теғаш кушта мегардад Судоба,
Ки рӯяш буд баҳраш бадтарин фол.

Уфуқ андар хаёлам ҳаст Гӯрон,
Макони зиндагии деви зулмот.
Панаҳ бурда Сиёвӯш, лек он ҷо
Сари худро ба хорӣ дод барбод.

Ҳамон истораи Бекас Фуруд аст,
Ки танҳо хест баҳри ҳифзи меҳан.
Дили тифлонаи ӯ беқарор аст,
Ба зери теғи ҷонафшони Бежан.

Бувад маҳ чеҳраи поки Фарангис,
Ҳамон наҷми бараш Кайхусрав, эй дӯст.
Кунад зулмотро равшан ба нураш,
Ки шоҳаншоҳи Эрон зодаи ӯст.

Бале, хуршед рӯҳи ҷовидон аст,
Зи қалби субҳ мегардад намоён.
Бипайвандад ба ҳам Машриқ ва Мағриб,
Ба мисли кишвари Эрону Турон.

## ХОҲИШ

Мастӣ макун зи сарвату нерӯи мансабат,
К-ин зиндагӣ ҳамеша туро комгор нест.
Дилбастаи ҳавою ҳавас гаштаӣ, бидон,
Рӯзи сиёҳи хеш туро ғамгусор нест.

Кошонаи дилат, ки чу кӯи Ҳариман аст,
Хезад аз ӯ алангаи бедоду дуди кин.
Чун тори анкабут бупечад назораат,
Бар ҷисми поку тозаи мардони некбин.

Аспи ғуруру чеҳраи аҳреманӣ турост,
Хун мечакад зи тундии теғи забони ту.
Нармӣ надида одаме дар ҳарфи ту ҳанӯз,
Чун мешуморам одамат, эй марди зиштхӯ.

Бар хеш ой лаҳзае, андеша кун, ки чун
Дунё ҳадиси Ҳотаму Қорун гирифтааст.
Бо он ҳама бузургияш ин аждаҳои марг,
Ҷон аз тани ширифи Фалотун гирифтааст.

Андеша кун, ки нест ҷуз оби дуои халқ,
Дар шӯразори қалби ту нерӯи сабзише.
Боз о, зи чоҳи зулмату аз дил ғубор шӯй,
Омӯз хоксорию лутфу навозише…

## АБРИ ТАНҲО

Сайр месозад фазоро
Пораи обри сиёҳе.
Дуртар аз абрзорон,
Чун ятими бепаноҳе.

Барқ месӯзад танашро,
Раъд меғуррад ба сӯяш.
Ронда ӯро бод аз хашм,
Мебарад кӯи ба кӯяш.

Дар суроғи рӯи модар
Мешавад оҳиста гирён.
Ашк мерезад ба ёдаш,
Абр ҳам монанди инсон.

## БОЛИ ОТАШ

Қалби ман чун кӯи нор аст,
Дард монанди Самандар.
Ҳар замон бо боли оташ,
Дар фазояш мезанад пар.

Аз ҳавои болҳояш,
Медурахшад лахчаи ғам.
Аз бухори дуди андӯҳ
Ҳаст андар дидаам нам.
Ҳастии ман ҳаст оташ,
Сӯзу дардаш беҳисоб аст.
Ҳамчу мӯе нахли умрам
Ҳар замон дар печутоб аст.

Ханда бинӣ дар лабонам,
Шӯълаи дардаш ту пиндор.
Нахли шеърам ғам диҳад бар,
Хӯрда оби ранҷу озор.

Ман яке омӯзгорам,
Баҳри фардо мехӯрам ғам.
Дар азои бесаводӣ,
Аз алам бигрифта мотам.

Мекунам худро табобат
Бо сухан, бо ҳарфи ширин.
Шеър бошад марҳами ман,
Бахшадам орому таскин.

Шеъри ман шӯридаи ғам,
Хушнавою дилнишин нест.
Дарди ман дарди илоҳист,
Ҷуз ғами Модар – Замин нест.

## МАНЗАРАИ БАҲОР

Боғ аст пуртаровату саҳрост ғарқи гул,
Бод аст мушкбезу дилорост марғзор.
Гул кардааст аз фараҳ рухсораи замин,
Пурҷӯш гашта боз дили рӯди беқарор.

Дар ҳалқаи бухор кунун монда кӯҳсор,
Чун он яке, ки пеши нафасгоҳи аждаҳо.
Барқ аст дар дурахш чу шамшери тези ӯ,
Раъд аст дар ғирев зи ҳар захми бедаво.

Сел аст мисли аждари пурзахм дар гурез,
Печад зи сӯзи дард кунад налою фиғон.
Гирад ба коми хеш ҳар он чист дар раҳаш,
Дар қаъри баҳри тирагӣ охир шавад ниҳон.

Хуршед сар кашад зи гиребони абрҳо,
Олам зи атри лолаву насрин муаттар аст.
Рахшад ба рӯи сабзаю себарга қатраҳо,
Гӯё ки ташти дашт пур аз нуқраю зар аст.

Ояд садои мурғакон аз шохсорҳо,
Резад тарона аз нафаси обшорҳо.
Зебост зиндагонӣ, аё интизорҳо,
Мисли шамими мӯю лаби гулъузорҳо.
Андар баҳорҳо,
Дар лолазорҳо…

## САХОВАТПЕША

*Барои Саймиддини Ризо*

Бе ту будам чу чашмаи сокит,
Хастаҷону ҳазину хомӯше.
Худ ба худ ҷӯш мезадам гоҳе,
Гашта аз ёдҳо фаромӯше.

Регу хасрӯбаҳои навмедӣ
Баста буданд роҳу маҷроям.
Панҷаи обсабзаи ҳасрат
Кушта дар банди дил ҳавасҳоям.

Менамудӣ ба ҷони ман таҳдид
Гармсели азобу дарду ғам.
Тафсиши сангрезаи кулфат
Чанг мезад ба қалби ман ҳар дам.

Гоҳ сайёди зиндагӣ маҳкам
Карда рӯям, нишаста дар коза.
Кабки илҳоми ман рамӣ гашта,
Мегурезад зи тарс тарвоза.

Лек борони раҳматат афзуд,
Аз саховат мадори обамро.
Ҷониби гӯшае равонам кард,
Шуста гарди ғаму азобамро.

Ташнае бишканад хумори худ,
Гӯшае сабз гардад аз обам.
Шодам аз бахту аз сахои ту,
Баъд аз ин роҳи хеш меёбам.

Шукр дорам, ки ёд овардӣ,
Чун Сикандар ту заҳмати устод.
Зумрае носипос гардида,
Зумрае бо бадӣ кунандам ёд.

Меравад чашмаи суруди ман
Аз сахои ту ҷониби водӣ,
Чун асире, ки баъди озодӣ
Роҳ гирад ба мулки аҷдодӣ.

## ОЛИҲАИ МЕҲР

Боз о, ки дил аз ғами ту маҳзун аст,
Чун навҳаи ҷонгудози боронҳо.
Боз о, ки шукуфад аз қадамҳоят
Гулзори умеду ишқу армонҳо.

Шаб қиссаи ошиқона мехонад,
Бар гӯши хаёли ман ба ҳасрат бод.
Рахшад нафасе чу хандаҳоят барқ,
Тундар чу ғами ту мекашад фарёд.

Дар шаҳри хаёлҳои ширинам,
Чун олиҳае қадам гузорӣ ту.
Бо боли ҷавониҳои рангинат,
Худро ба паноҳи ман супорӣ ту.

Аз пушти ҳарири тӯри боронҳо
Аксат – чу гули баҳор механдад.
Мӯи ту зи бӯсаҳои найсонҳо
Бо дидаи ашкбор механдад.

Чун тифли хуҷастарӯю густохе
Дар ойина нақш мекашад борон.
Ояд зи шамими шоми боронӣ
Атрии нафаси ту бар машоми ҷон.

Оҳиста бухори ҳаҷр мепӯшад
Аз шиша гули баҳори рӯятро.
Дар кишвари ёдҳо бимонам боз,
Дар банди хаёлҳо мани танҳо.

Ҳар сатри китоби ишқро созад
Ангушти хаёлҳо варақгардон.
Бо шеваи ту тарона мехонад
Бо нағмаи дилфиреби худ борон.

Боз о, ки дил аз ғами ту маҳзун аст,
Чун навҳаи ҷонгудози боронҳо.
Боз о, ки шукуфад аз қадамҳоят
Гулзори умеду ишқу армонҳо.

## ПАЙВАНД

*Барои бародарам Муҳаммад*

Шеър бошад ҳама дороии мо,
Қалби аз меҳри сухан саршорем.
Ҳамчу ду чашмаи кӯҳӣ ба ҳавас
Сафари олами дарё дорем.
Гарчи худ зодаи деҳқонастем,
Лек дурем зи кишту зи дарав.
Ҳастию ҷону тан аз баҳри сухан
Монда монандаи деҳқон ба гарав.

Дили мо об бигардад шабу рӯз,
То шавад сабз яке нахли сухан.
То ба нерӯи сухан афрӯзем
Ба диле машъале аз ишқи Ватан.

Атри шеъри ту кунад накҳати деҳ,
Нафаси деҳаю шаҳр омезад.
Ба дили мардуми деҳотии шаҳр,
Ҳамчу борони муҳаббат резад.

Шеъри ман дур зи паҳнои сухан
Дар дили деҳа танин андозад.
Шеъри ту дар дили дарёии шаҳр
Ҳаваси молу замин андозад.

Ту ба шаҳр астию ман сокини деҳ,
Лек пайванди яке кӯҳсорем.
Киштаи мост ба марзи дили халқ,
Ҳар ду ҳам тухми сухан мекорем.

## БОРОН

Борон,
Эй қатраҳои рӯҳбахш, эй ашки осмон.
Эй ёри хушзабон,
Эҳёгари замин, эҳёгари замон.

Эй кокулони духтари пурнози абрҳо,
Эй ёлҳои обии асбони шӯхи раъд.
Эй зодагони пуршарари барқи як нигоҳ,
Эй савтҳои Зӯҳраи чангии хушнаво.

Бо панҷаҳои обии зеботар аз булур,
Бо нағмаҳои дилкаши пурсӯзи хештан.
Қалби маро рабудаю тасхир кардаед,
Абёти норавони маро бо сахои хеш,
Таҳрир кардаед.
Хоҳам зи абри хомаи ман низ чун шумо,
Як лаҳза қатраҳо
Резад замини шеър шавад сабзу пурсахо,
Аз тасвироти тозию рангину дилрабо…

Борон,
Эй катраҳои рӯҳбахш,
Эй ёри хушзабон,
Бар созҳои дилкаши худ боз захма зан,
Бо лафзи дилнишини худ бар ман тарона хон.

## КӮҲСОРОН ДАР БАҲОРОН

Ашки борон мечакад аз дидаи санг,
Метаровад қад-қади ҳар ҷӯи ожанг.
Аз дами поки масеҳои баҳорон
Обшоре мешавад пайдо .
Пири лоли кӯҳсорон мешавад гӯё,
Бо забони обшорон роз мегӯяд ба дунё.
Аз кафи монандаи гулдони ҳар санг,
Медамад гулҳои рангоранг.
Саҳфаи ҳар пораи хоке зи гарди рӯзгорон,
Дар ҷабини кӯҳҳо биншаста буд,
Ранг мегирад ба сони саҳфаи «Аржанг».
Боди наврӯзӣ ба шеъри кӯҳсорон
Аз фараҳ мебандад оҳанг.
Гӯӣ бо боли уқобон,
Сайр месозад хаёли кӯҳсорон рӯи дунёро.
Килки борон дошта дар панҷаи ёдаш,
Мӯ ба мӯ печида андар ҷӯяҳои санг фарёдаш,
Мекунад ӯ шеърҳои тоза иншо,
Ҳамчу шеъри обшоронаш мусаффо,
Чун суруди барқу боронаш гуворо.
Лаҳзае, ки сард мегардад дили ӯ,
Аз ҷудо гардидани ҳар пора сангаш.
Мисли қалби модаре хун мешавад қалбаш,
Аз ҷудоӣ ҷустани парвардаи бо ору нангаш.
Сели ашкаш тира мегардад зи андӯҳ,
Мешитобад сӯи паҳно рӯҳи кӯҳ.
Гӯиё бо дастҳои сангии ҳар селроҳаш,
Меқапад аз домани тифлон,
То нагардад зодагонаш ҳар тараф паҳну парешон.
Балки бо чашмони санги лонаҳояш,
Аз баҳоре то баҳоре,
Мекашад ӯ интизорӣ.

Бӯи фарзандони худро мекунад ҳис,
Ӯ зи ҳар розе, ки дар гоҳи ғарибӣ.
Хӯрда ҳасратҳо чу мурғони фирорӣ,
Гашта бар рӯи Ватан зору хуморӣ.

## ПИРИ ЗИМИСТОН

Бӯи барф ояд зи анфоси шамол,
Ларза меафтад ба ҷисми офтобпарвардаю
 гарми дарахтон.
Мисли он пире, ки дандонҳои ларзонаш,
Аз фишори рӯзгорон ҳамчу барги зард меафтад
Зи дандонхонаҳои шохсорон.

Барф мерезад бо сони мӯи испедаш,
Сард мегардад ҷаҳон чун қалби навмедаш.
Шохаҳои тобдори ях, ки чун шамъи булур,
Ҳар яке метобад аз дур,
Бо сиришки сардашон ёд оваранд,
Қатраи оби намозиро, ки ҳангоми вузӯъ
Дар таровиш аст аз ҳар тори ришаш,
Мӯ ба мӯ созад раҳо аз банди ташвишаш.
Медиҳад ҷону тани худро таҳорат,
Мешавад пок.
Мисли қалбу ҳастии хок,
Аз матои поки барфин,
Ҷонамозе дӯхта хайёти донои табиат.
Ҷумла мавҷудоти олам,
Ки кашида заҳмати гармою сармои ҷаҳонро,
Мекунанд оёти раббонӣ қироат,
Бар худои худ ибодат.
То худо бошад нигаҳбон,
То бубинад орази сабзу равонбахши Масеҳои баҳорон.

## ЁД МЕОРӢ МАРО

Замоне ёд меорӣ маро ту,
Ки андар деҳи ман як шоире буд.
Набуд андар ғами амволи олам,
Ки худ як олами беохире буд.

Зимоне ёд меорӣ маро ту,
Чу дар пайроҳи деҳ по мегузорӣ.
К-аз ин раҳ борҳо бигзаштаам ман,
Чу ҷӯёи сухан масту хуморӣ.

Замоне ёд меорӣ маро ту,
Ки рангин нест дунёи хаёлат.
Шаби тӯй асту базми дӯстдорон,
Ба ёд оварда айёми висолат.

Замоне ёд меорӣ маро ту,
Ки пӯшад барф ақсои заминро.
Бароят менамудам зинда аз нав,
Ба шеъре ман баҳори нозанинро.

Замоне ёд меорӣ маро ту,
Ки андар деҳа фасли навбаҳор аст.
Дили ҳар чашмаи ҷӯшони кӯҳӣ,
Ба мисли қалби шоир беқарор аст.
Замоне ёд меорӣ маро ту,
Ки мавлуди ман асту фасли гармо.
Ҳамепечад нафас андар гулӯят,
Хуморӣ мешавӣ чун боди саҳро.

Замоне ёд меорӣ маро ту,
Ки хонад шоире шеъру тарона.
Зи пушти шишаҳои ёд хонам
Бароят шеърҳои ошиқона.

Замоне ёд меорӣ маро ту,
Ба қалби меҳрбору дидаи нам.
Бигиряд абр андар пуштаи деҳ,
Сари қабрам бирӯяд лолаи ғам.

## ҶӮЁИ ШЕЪР

Яке саргаштаи саҳрои шеърам,
Ба ҷон ҷӯяндаи дунёи шеърам.
Чу он ҷӯе, ки то дарё барад раҳ,
Хумору ташнаи дарёи шеърам.

Бувад кӯҳпорае гаҳвораи ман,
Чу модар бодҳо ғамхораи ман.
Даво бахшад суруди обшорон,
Ба қалби хастаю садпораи ман.

Намепурсад касе чашми тарат чист?
Хазон гардидану дарди сарат чист?
Зи дил огаҳ наянд, аммо нагӯянд,
Ки, эй шоир, даруни дафтарат чист?

Ҷудо з-аҳли сухан афтодаам ман,
Чу булбул аз ҷаман афтодаам ман.
Ғарибӣ мулки шеърам, дар диёрам
Каси дур аз Ватан афтодаам ман.

Касе дар зиндагӣ дастам нагирад,
Хабар аз ҳоли ман ҷуз ғам нагирад.
Ба сахтӣ тифли пурармони шеърам
Даруни қалби пурдардам бимирад.

Уқобосо ба сахтӣ хӯ гирифтам,
Паридам, қуввати бозӯ гирифтам.
Намудам сайр паҳнои суханро,
Зи гарди ҳар сухан дорӯ гирифтам.

Давобахшам ба ҷуз шеъру сухан нест,
Касе дардошно монанди ман нест.
Ҳама раҳтӯшаи ман дар ду олам,
Ба ғайри ишқи сӯзони Ватан нест.

Матои шеърҳоям деҳқонист,
Чу баҳри киштаҳо пасту баланд аст.
Манам он хоргашта шоири деҳ,
Ки ҷои хома бар дастам каланд аст.

**ДУО**

*Барои Искандар*

Бичархад чархҳо оҳиста, мошин
Бигирад роҳ бар азми ҷудоӣ.
Сари ман чарх гардад аз ғами ту,
Кашам аз синаи пурдард оҳе.

Кунад аз пушти шиша ҷониби ман
Ду чашми раҳмпарвардат назора.
Ба қалбам мезанад ҳаҷри ту чангол,
Гаҳе ки «хайр гӯӣ» бо ишора.

Шитоби чархҳо ҳар лаҳза гардад,
Чу ғамҳои ҷудоӣ сахт афзун.
Ту сарбози Ватан мегардию ман,
Гаҳе шодам, гаҳе аз дард маҳзун.

Ҳумоюн бод бахтат ҳар куҷоӣ,
Махӯр ғам аз ғами танҳоии ман.
Уқобосо ба сахтӣ тоб овар,
Ки бошад кори мардон ҳифзи меҳан.

## ТОҶИКИСТОН

Буд вақте шӯҳрату шон доштам,
Рӯдакию Оли Сомон доштам.
Аз сахои меҳнати поку ҳалол
Неъмату ганҷи фаровон доштам.

Зодагонам шод аз тақдир буд,
Ҷумла донишманду ботадбир буд.
Ибтидои шеъри оламгир буд,
Дар кафи худ шеъру девон доштам.

Оламеро шӯҳрати Сино гирифт,
Ҳикмати Саъдию Мавлоно гирифт.
Табъи Аҳмад Махдуми Доно гирифт,
Баҳри дарди хеш дармон доштам.

Бори дигар шӯълаҳои инқилоб
Бар сарам пошид нури офтоб.
Кард озодам зи андӯҳу азоб,
Қисмату бахти дурахшон доштам.

Дар сари ман ин қадар даъво набуд,
Зодагонам аблаҳу коно набуд.
Ин қадар бераҳму бепарво набуд,
Сарбаландӣ чун Бадахшон доштам.

Во дареғо, шӯҳрату шонам бирафт,
Тирабахтам, Оли Сомонам бирафт.
Гӯиё аз пайкарам ҷонам бирафт,
Варна кай ман чашми гирён доштам…

## ДУШАНБЕ

Душанбе – олами армони тоҷик
Давои дарди бедармони тоҷик,
Дурахшад наҷми иқболи баландат,
Зи азми неки фарзандони тоҷик.

Дилорой ба мисли наварӯсон,
Шукуфонӣ зи файзи илму ирфон.
Ту шаҳри ишқ, шаҳри аҳду паймон,
Шукӯҳу ифтихори Тоҷикистон.

Ту зебоӣ, ҳама ҷои ту зебост,
Хиёбону қадамҷои ту зебост.
Ба гӯшат Шаҳрзоди рӯди Варзоб,
Бихонад қисса, шабҳои ту зебост.

Ҳумоюнбахту некӯсарнавиштӣ,
Чу зебоёни худ зебосириштӣ.
Дар оғӯши ту ҳар кӣ кард маскан,
Бигардад ҳар ду дунёяш биҳиштӣ.

## ФИРДАВСӢ

Ба мулки лутфу эҳсон буд шоҳ ӯ
Ҳама ганҷинааш меҳри Ватан буд.
Паи сарват нагашта то дами марг,
Ягона сарваташ дурри сухан буд.

Кашида ранҷ дар саҳрои эҷод,
Тамоми умр дони ҳикмат ӯ кошт.
Бимонад зинда то таърих боқист,
Ливои меҳри халқи хеш афрошт.

Зи Рустам қиссаҳои паҳлавонӣ
Навишт ӯ бо муроди халқи муздур.
Ба уммеде, ки бошад Оли Сомон
Чу аҷдоди бузургаш неку машҳур.

Ягона дошт обу хоки меҳан,
Насозад то касе миллатгароӣ.
Ба ҷоми лашкари адлу ҳақиқат
Наандозад касе заҳри ҷудоӣ.

Ба ӯ ҳар зарра хоки поки меҳан
Гиромитар зи амволи ҷаҳон буд.
Наметарсид аз таҳдиди шоҳе,
Ягона тарсаш аз захми забон буд.

Забони модарии хешро ӯ
Ба мисли меҳри модар пос медошт.
Каломи ҳикматангезу Ватанро
Ягона манбаи ихлос медошт.

Ба лафзи порсӣ аз меҳру ихлос
Бикард ӯ зинда таърихи аҷамро.
Бишӯяд то зи бунёдаш ба олам
Зи дилҳо доғи андӯҳу ситамро.

Ливои ковиёнӣ буд маҳкам
Ту пиндорӣ ба чӯби хомаи ӯ.
Зи ноаслӣ ба табъи шаҳ нафорид,
Ки панду ҳикмати «Шоҳнома»-и ӯ.

Зи ҳар ҳарфаш, ки чашми ҷонфидоест,
Бурун ояд ватанхоҳию мардӣ.
Дарахти шеъри ӯ то ҳаст олам
Набинад ҳеҷ гоҳе рангзардӣ.

Ба Фирдавсии Тӯсӣ гӯяд аҳсан
Касе хонад китоби «Шоҳнома».
Бихоҳам ҳамчу Фирдавсӣ гузорад
Дар ин олам ҳама худ нишона.

## ВАТАН

Кӯҳҳо сангари балогардон,
Ҳомии хоки покат аз зиштист.
Қуллаҳои баланду ботамкин
Ҳайкали мӯбадони зардуштист.

Тахтасангону лавҳи саҳроят,
Охирин нусхаи «Авасто» аст.
Вирди лаб бодҳои кӯҳиро
Готҳо, готҳои Яшто аст.

Субҳ дар маҷмари худоҷӯят
Машъали Офтоб мерахшад.
Шом баҳри наҷот аз зулмат,
Пораеро ба моҳ мебахшад

Рӯдҳо рӯҳи Рустаму Рахш аст,
Метапад ҳамчу қалби кӯҳистон.
Дар дили пуршарори ҳар сангат
Медамад з-ин садо ту гуӣ ҷон.

Меҳри гарми диёр мехезад
Гоҳи сахтӣ зи резасанги ту.
Шӯълаи ҷовидони аҷдодӣ
Монда аз суғдии бананги ту.

Кӯҳҳо мӯбадони зардуштӣ
Бодҳоят дами Масеҳо аст
Бешаҳо лӯъбатони арғуштӣ,
Ватан, оғӯши ту чу рӯъё аст.

## ДАНҒАРА

Ахтари осмони иқболат,
Кош бошад ҳамеша ғарқи нур.
Хонадони умеду армонат,
Бод ободу хурраму масрур.

Дур бод аз самои поки ту,
Гарди доғу ғубори ранҷу дард.
Абр бошад гар, абри борон бод,
Нахли умри ту то нагардад зард.

Мулки сарсабзу бостонӣ ту,
Зеби сад шеъру достонӣ ту.
Мазри бахту саодати ҷовид,
Баҳри ман балки худ ҷаҳонӣ ту.

Бар заминат Худо назар кардаст,
Хизр аз доманат гузар кардаст.
Файз хезад зи хоки поки ту,
Хокро дар кафи ту зар кардаст.

Давр-даврат зи кӯҳ қурғон аст,
Қуллаҳо минбари бузургон аст.
Сафҳаи шаҳкитоби саҳроят
Дафтари ҳикмати ниёгон аст.

Данғара, олами ту зебо аст,
Чун рухи бонувони зебоят.
Меҳр хезад зи ҳар кафи хокат,
Чун дили ошиқони шайдоят.

Аз азал зодаат тавоно буд,
Чорасозу закию доно буд.
Пеши ӯ душмани тавоно ҳам,
Оҷизу нотавону аъмо буд.

Панди пират Сикандари Мақдун
Кард аз мулки тирагӣ берун.
Даргузашт аз сари ҷаҳонгирӣ,
Дида қавме закӣ зи Афлотун.

Шояд афсонаест, ин марудум
Карда онро ба номи ту машҳур.
Лек аз фаҳми родмардонат
Гардад имрӯз аз об ҳосил нур.

Халқ донад Қазоқ Ёрашро,
Шаҳсавориони номдорашро.
Ҷон ба каф бо силоҳу бо заҳмат
Дода умри дигар диёрашро.

Миллатеро зи варта зулмат
Зодаи оқилат раҳоӣ дод,
Ҳақталошӣ намуд, яздонаш
Баҳри ӯ тоҷу тахти шоҳӣ дод.

Чархи таърих гашт бар комат,
Фарри шоҳӣ битофт дар ҷомат,
Ҳодии некманзаре бикшод
Даргаҳи пурнишоти айёмат.

Вахш вақте дар ихтиёрат шуд,
Сабз аз он боғи ифтихорат шуд.
Роҳи оҳан раҳи барорат шуд,
Шаҳд дар коми иқтидорат шуд.

Дар канорат ҳазорҳо нек аст,
Қуллаи ифтихори тоҷик аст.
Сангтӯда зиё набахшад гар,
Сарнавиштат ҳанӯз торик аст.

Аз сахою талоши мардонат,
Медурахшад зиёи армонат.
Осмон нури тоза мегирад
Он дам аз нури ахтаристонат.

## САНГТӮДА

Сангтӯда,
шӯълаи умедҳо,
Маскани маҳтобҳо, хуршедҳо.
Як таҷллигоҳи навпайдои маздоӣ,
Монда андар зулмати шабҳои ялдоӣ.
Вахш умре хонда бар гӯшат
Готҳои ҳикматангези авестоӣ.
Лек ҳайфо,
Шеъри дарё беасар мемонд,
Дар дили сангидилон ҳамчун шарар мемонд.
Ҷои суде сад зарар мемонд,
Даҳшату хавфу хатар мемонд.
Раҳ ба раҳ мехост дарё
Шӯълаи умед афрӯзад.
Осмонҳоро тариқи нурполоӣ биомӯзад.
Аз ҳавасҳо кам намешуд шӯру исёнаш,
Дард мешуд оташи сӯзанда дар ҷонаш.
Бори аввал аз талоши як дилогоҳ,

Фавҷи нуреро ба шаҳри нор дод
Раҳнаҳое канд ӯ аз синаи зулмот
Рахнаи фарёдҳо, имдодҳо,
Наслҳои рӯшноӣ бор дод.
Кошифони рӯшноӣ пас аз ин фатҳи бузург,
Бо ҳама имкони буда ҷумла дар ғафлат шуданд.
Аз дами аҳремани бӯҳронашон,
Ҳамдами торикию зулмат шуданд.
Рӯй сӯи даргаҳи яздон шуданд,
Аз Худои хештан равшандиле ҷӯён шуданд.

## ВАҲЙ

Ваҳйи кайҳону ваҳйи яздон шуд,
Вориди хонадони Раҳмон шуд.
Равшанибахши ақли тоҷик шуд,
Мулк андар талошу таҳрик шуд.
Ҳомии халқ, зодаи Раҳмон
Шуд пайи рафъи дард чун дармон.
Донад ӯ савту сози дарёро,
Қиссаи пургудози дарёро.
Ҳикмату ҳиммати ту охир кард
Кашф розу ниёзи дарёро.
Дид нақши ягонаи дӯшӣ,
Монда дар гӯшаи фаромӯшӣ.
Охирин файзи маслаки Ленин,
Равшанибахши даргаҳи мискин.
Азми эҳёи ин иморат кард,
Баҳри бунёди он ишорат кард.
Гуфт, бояд фурӯзад, эй ёрон,
Дар дили Сангтӯда нуристон.
То тарошад зи водии зулмат
Сояи номубораки шайтон.
Рахшад аз нав зиёи маздоӣ,
Дар диёри азизи бобоӣ.

## АХТАРИ ИҚБОЛ

Ҳафт рахшанда ахтари иқбол,
Мекушояд зи пайки некӣ фол.
Ҳафт ахтар, ки мулк аз ӯ раст,
Ҳафт фаршаш ба аршҳо пайваст.
Корзоре варо, ки дар пеш аст,
Ҳаст нӯше, ки аз пайи неш аст.
Мушкилаш обу рӯшноӣ шуд,
Фатҳи ӯ кашфи ошноӣ шуд.
Нур пайванди хоку афлок аст,
Равшанӣ рамзи ҷавҳари пок аст,
Нур рӯҳест дар дили олам,
Ҳаст пайваста бо гили одам.
Нур равшангари дилу ҷон аст,
Нур ақл асту нур имон аст.
Нур моҳ асту нур хуршед аст,
Нур бошад, ҳаёт ҷовид аст.
Нур пайванди пушт бар пушт аст,
Қиблаи эътиқоди Зардушт аст.
Ҳафт рахшанда ахтари иқбол,
Сулҳ доду нишоту оби зулол,
Роҳи оҳан кушоду абрешим,
Кард олам ба ақли ӯ таҳсин.
Парчами илму маърифат бардошт,
Тухми ваҳдат ба марзи дилҳо кошт.
Роҳи мақсуди ӯст бикшода,
Роҳ тахт аст бар худодода.
Сангтӯда зи азми ӯ рахшад,
Зиндагиро ҷилои нав бахшад.
Ёвари ӯст, ёвари ҷонӣ,
Андар ин кор русу эронӣ.
Дӯстӣ қувваи баруманд аст,
Раҳкушое зи қайди ҳар банд аст.
Дӯстӣ нахли номусу нанг аст,
Пояи устувори фарҳанг аст.
Қувваи муқтадиру эъҷоз аст,
Ақлро раҳнамои парвоз аст.
Дӯстӣ нафъи бешумор орад,
Дӯстӣ рӯшноӣ бор орад.

Дӯстӣ ҷавҳари худованд аст,
Эзид аз ӯ ҳамеша хурсанд аст,
Хар кӣ нахлаш ба боғи дил кишта,
Роз гӯяд ба аршу афришта…

## АНАҲИТО

Фуруд о з-ошёни нур,
Аё африштаи зебои рӯъёӣ.
Нигаҳ кун бар ҷаҳони тира бо чашмони рӯшанбин,
Ки тифли одамият майл бар аҳриманӣ дорад,
Талоши тирагию душманӣ бо равшанӣ дорад.
Нигоҳи хайрхоҳат тарҳи оламро дигар созад,
Дадию зиштхӯиҳои одамро дигар созад.
Ва равшандил нагардад куштаи дилҳои зулмонӣ,
Насозад зишт пас аз зишткориҳо пушаймонӣ.
Фуруд о, аз дами ҳар рӯди кишвар нур бархезад,
Замин бар пайкарат аз нури худ овеза овезад.
Замон аз тирагӣ вораста гардад, сахт парҳезад,
Сипоҳи аҳриман аз зӯри маздоит бигрезад.
Бигирад Сангтӯда нур аз андоми зебоят,
Дурахшад ахтари иқболҳо аз пайкари хубу фараҳзоят.
Бихезад нур аз наълайни асби барқу боронат,
Бирезад нур аз гардунаи тиллои гардонат.
Кушо чун чеҳрат аз фарри яздонӣ,
Раҳи аз Каҳкашонҳо равшани фардои инсонӣ.

*Зи файзи Оли Раҳмонӣ,*
*Ба рӯи Тоҷикистонӣ.. .*

## НУРИ ИЛМ

Нест нуре пурзиё аз нури илм,
Равшан аст он ҷо, ки бошад зӯри илм.
Одамӣ бе илм банди ғафлат аст,
Ғафлати миллат шикасти давлат аст.
Илм пайвандад ҷаҳоне бо ҷаҳон,
Илм созад фатҳ асрори ниҳон.
Роҳи фардо равшан аз илму фан аст,
Нури дониш офтоби меҳан аст.
Илм бошад раҳнамои шоҳи мо,

Фарри иқболаш кушояд роҳи мо.
Равшаниҷӯӣ бувад мероси мо,
Аввалин сарчашмаи ихлоси мо.
Равшанӣ офардаи Ҳурмуз буд,
Оташи ҷонпарвари Наврӯз буд.
Кӯҳнаоине зи Ҷамшед аст он,
Даргаҳи армону умед аст он.
Илм бикушояд ҷаҳони нурро,
Шӯҳрат афзояд шаҳи машҳурро.

## АЗМ

Парвардаи хуршедем, аз тор наметарсем,
Мо оташи ҷовидем, аз нор наметарсем
Сад сӯзу шарар дорем, дунёи дигар дорем,
Бо пайкари пурозар, з-озор наметарсем.
Ҳар ҳалқаи барқи мо сад наҷм барафрӯзад,
Хӯ карда ба дори барқ, аз дор наметарсем.
Гар фарш шавад равшан бо арш қарин гардад,
Мо ошиқи он ёрем, з-ин ёр наметарсем.
Ҷӯяндаи фарҳангем, сарбози раҳи нангем,
Дар роҳи худогоҳӣ аз ор наметарсем.
Чун баҳри пур аз ҷӯшем, ботамкину хомӯшем,
Аз валвалаи селу анҳор наметарсем.
Мо пайрави аҷдодем, як қавми худодем,
Аз хасми Ватан гар ҳаст ҷаррор, наметарсем.

## ДАРЁ

Чӣ дарёям, агар шӯре надорам,
Ба ин покизагӣ нуре надорам.
Ба чашми ақл бояд зӯри ман дид,
Дурахшу иқтидори нури ман дид.
Ки ҳар як зарраам хуршедвор аст,
Зи як гардаш фурӯзон «НОБ»-и Нор аст.
Ба дарди ташнагӣ монанди нӯшам,
Ба гӯши зиндагӣ пайки Сурӯшам.
Замин аз ҳиммати ман сабз гардад,
Баҳори миллати ман сабз гардад.
Раҳи ман сӯи фардо ҳаст рахшон,

Барои зиндагонӣ меканам ҷон.
Ба дил шӯру шарар дорам ҳамеша,
Зи нури худ самар дорам ҳамеша.
Садои ман садои зиндагонист,
Зи даҳри пир оҳанги ҷавонист.
Дами Исост бар гӯши табиат,
Зи ман зебост оғӯши табиат.
Насими тоза, оби тоза дорам,
Ба покӣ дар ҷаҳон овоза дорам.
Бувад Шамсу Қамар дилдодаи ман,
Ҳама масту хумори бодаи ман.
Зи файзам абри борон баҳра дорад,
Зи барқам раъди ғуррон заҳра дорад.
Шабона розгӯӣ ахтаронам,
Ба чашми осмон худ Каҳкашонам.
Махонам тира, садҳо чашм дорам,
Ба қалби заррабинам хашм дорам.
Бигир аз ман тариқи ошноӣ,
Ба рағми тирагиҳо рӯшноӣ.
Бибахшам бар ту ганҷи бебаҳоям,
Ҳама зӯру ҳама нуру зиёям.
Гувоҳи кисмати бигзаштаам ман,
Ҳазорон кӯю манзил гаштаам ман.
Ҳазорон ранг дидам ин ҷаҳонро,
Ҳазороҳанг дидам ҳар замонро.
Ба мислаш шоҳи дилсӯзе надидам,
Худододу худафрӯзе надидам.
Ба тоҷаш ҳафт ахтар бесабаб нест,
Нафаҳмӣ гар, туро илму адаб нест.
Ризои ҳафт қишри осмон аст,
Атое аз атои ломакон аст.
Зи сайъаш мулк гардад ғаркаи нур,
Ҷаҳони маърифат ободу масрур.

## ДАНҒАРА

Файз резад, файз хезад аз замини Данғара,
Аз сахои мардуми меҳнатқарини Данғара.
Шеъри сабзи пахтазораш ояти мардонагист,
Хӯрда оби ранҷ аз ҷӯи ҷабини Данғара.

Нанг дорад, ор дорад, ҳаст дар майдони кор
Пахтакору пахтачину садршини Данғара.
Сурхрӯӣ ёфт зар аз хоку мо зар ёфтем,
Аз сахои мардуми зарофарини Данғара.
Пахтаҳо чун чеҳраи гулдухтарон бишукуфтааст,
Анбарин бошад ясору ҳам ямини Данғара,
Аз фарози кӯҳи пахта хандад иқболи баланд,
Сад ҷаҳон шодист дар савти ҳазини Данғара.
Шаҳру деҳ аз Сангтӯда мешавад ғарқи зиё,
Дилрабо гардад ҷаҳони дилнишини Данғара.
Аз мароми навҷавонаш мерасад бӯи вафо,
Зеби сад дунёст ҳар як нозанини Данғара.
Хизр аз тадбири пири мо чашид оби ҳаёт,
Шамси зулмат аст ақли некбини Данғара.
Шуд ватан ангуштари зинҳор дар ангушти даҳр,
Аз талоши зодаи соҳибнигини Данғара.
Ин зафар оғоз бошад бар зафарҳои дигар,
Нест пайки ғолибии охирини Данғара.

## БАЛҶУВОН

Олами иқболро кошонаӣ, эй Балҷувон,
Хирмани уммедҳоро донаӣ, эй Балҷувон.
Сарзамини пурсахоӣ чун биҳишти нозанин,
Дар ҳақиқат олами афсонаӣ, эй Балҷувон.
Саҷда меорам ба хоки поки мардони валӣ,
Ошёни мардуми фарзонаӣ, эй Балҷувон.
Хонам аз ҳар байти ноби мавҷи Баҳманрӯди ту,
Таҳ ба таҳ нохонда як «Шаҳнома»-ӣ, эй Балҷувон.
Рӯдҳои пурхурушат рӯҳи аҷдоди ман аст,
Дар баҳо қиматтарин дурдонаӣ, эй Балҷувон.
Ҳарфи ноҷои ҳасуде кам насозад қиматат,
Мардхезу мазраи шоҳонаӣ, эй Балҷувон.
Гуларӯсони парирӯят ғизоли хушхиром,
Дилрабо бар хешу ҳам бегонаӣ, эй Балҷувон.
Аҳду паймони Сайидат дар сари паймона нест,
Зеби сад таҳсину сад шукронаӣ, эй Балҷувон.

# САРИПУЛАК

Ҳарчанд ки аз зиндагии даври гузашта
Дар лавҳаи саҳрои ту осор намондаст,
Меҳри падарӣ мекашадам сӯи ту, гарчанд
Аз кулбаи ободи ту девор намондаст.

Ман тарҳи туро кардаам аз ёд чу шеъре,
К-эҷоди падар буд ба ганҷинаи хотир.
То ёди ту як вақт шавад аз сари ихлос
Сармояи як шеъри гуворою муосир.

Аз ин сабаб аз шавқ ба оғӯши ту оям,
Чун ташнаи дидори ту ман пои пиёда.
То меҳри азизони ту, эй деҳи қадима,
Гардад ба дили хастаи ман боз зиёда.

Дар кӯчаи ту мегузарад аз назари ман
Тифлию ятимии падар ҳамчу наворе.
Бо пои бараҳна ба зимистону баҳорат
Чун оҳи ятимӣ бикунад гаштугузоре.

Ҳар гӯшаи хоки ту бувад сабзу гуворо,
Саҳрои ту аз ҷӯши сахо паҳну кушод аст.
Ман меҳри ту аз гуфти падар карда ба дил ҷо,
Чун меҳри падар оламӣ меҳри ту зиёд аст.

Ҳар гӯшаи ту олами асрори ниҳон аст,
Эъҷози табиат бувад эъҷози ҷаҳонгир.
Омезиши рангини хаёл аст, ки онро
Ҳаргиз натавон нусха бибардошт ба тасвир.

Дар синаи рӯъёии ту хуфта азизон,
Дар марқадашон ҳамчу нишон пораи санг аст.
Он қабр бувад саҷдагаҳу каъбаи умед,
Дар рӯш яке нахли барӯманди заранг аст.

Ин аст ҳамон марқади бобои фақирам,
Дар аҳди ҷавонӣ зи ҷаҳони гузарон рафт.
Ҳар чор азизаш ба ғамободи ятимӣ,
Дар роҳи падар монда ба чашми нигарон рафт.

Эй деҳаи бобоӣ, ту бисёр азизӣ,
Аз файзи азизони ту ҳастем шарафманд.
Мо вориси он тифли ятимем, ки моро
Бинмуд ба ҳар пуштаю саҳрои ту пайванд.

Ҳарчанд ки аз зиндагии даври гузашта
Дар лавҳаи саҳрои ту осор намондаст.
Меҳри падарӣ мекашадам сӯи ту, гарчанд
Аз кулбаи ободи ту девор намондаст…

**БОҒИ ҒУЗИХАМ**

*Ба хотири бобоям Мулло*
*Худойназари Содиқ*

Зи байни боғу гулгашти хаёлам
Қадам монад ҳамон пири фақире,
Ки дар оғӯши ту бунёд карда
Ба чандин ранҷ боғи беназире.

Надида дар ҳаёти хеш фарзанд,
Валекин боғҳо аз ӯ нишон аст.
Зи файзаш ҳар ниҳоли сабз гӯё
Ба мисли тифлакони ормон аст.

Ба мисли футаи сони сафедаш
Бирезад чашмае дар боғ хомӯш.
Ту пиндорӣ, ки гоҳи кӯч бастан
Варо кардаст бобоям фаромӯш.

Ба хотир оварад як нахли сархам
Қади хамгаштаи ҳамчун сипораш.
Хати пайроҳаҳо чун чини теппа,
Бувад огардҳои киштукораш.

Гулистонест он ҷо сабзу хуррам,
Зи файзаш деҳае ободи гашта.
Ҳамин боғ аст асар аз деҳи матрук,
Ки аз эъҷози ӯ эҷод гашта.

Гумонам мурғи шавқаш то ба имрӯз
Қироат мекунад дар боғ Қуръон.
Гули зардолу ороянд варо ёд,
Ки пӯшидаст бар тан хилъати сон.

Биёяд ҳар кӣ ин ҷо, менишинад
Ба рӯи сурфаи мобайни боғаш.
Зи шаҳди меваҳояш баҳра бурда
Ва бо дасти дуо созад суроғаш.

Бувад ӯ зинда бо ин боғи зебо,
Ки имрӯз аст мисли ҷангалистон.
Бигӯяд гӯиё ҳар нахл ин ҷо,
Зи меҳнат мева орад номи инсон.

## ЧАШМАИ ҲИБИЛ

Монанди каси ғамзада аз гӯшаи хилват,
Бар гӯш расад нолаи пурсӯзу ҳазинат.
Умре зи ғаму ғусса бисӯзӣ, нашавад лек
Холӣ зи ғаму дард дили сарду ғаминат.

Осуда шавӣ, чун ба қадамгоҳи ту оянд,
Андӯҳи ту гӯё бишавад саҳл фаромӯш.
Ғамҳои туро бо қадаҳи оби зулолат
Бо шавқ кунам нӯш дар ин водии гулпӯш.

Оби ту равад қад-қади ин манзари зебо,
Бӯи хуши пудинаю райҳон ба лаби ҷӯ.
Сармаст шавад, ҳар ки гузораш чу биафтад
Бар ин дараи хурраму пурнакҳату хушбӯ.

Ту сӯзӣ зи дарду ғами ин деҳаи вайрон,
Сард аст дилат аз алами ҳаҷри азизон.
Ё парданишинӣ ту дар ин гӯшаи хомӯш,
Чун духтари шармину дилорои кӯҳистон.

Аз лаҳни ту бар гӯш расад савти ниёгон,
Чун шаршараат ашк бирезам зи дилу ҷон.
Ҳамдард шавам бо ту дар ин хилвати хомӯш,
Дар ҳасрати ин миллати чун ганҷ парешон.

## ДАРГОҲИ ПАДАР

Даргоҳи падар, туро ба қасре надиҳам,
Як шаҳди ту бар нишоти асре надиҳам.
Эй хоки Ватан, қисмати ояндаи ту,
Дониста, надониста ба Насре надиҳам.

Даргоҳи падар, ту каъбаи мақсудам,
Дил саҷдаи ту намуд ҳар ҷо будам,
Бе ту ҳама ҳеҷаму дар оғӯши ту лек,
Гӯё ки расад мартабаи Маҳмудам.

Даргоҳи падар, ба диданат зор шудам,
Дар банди ҳавасҳои ту афгор шудам.
Шояд, ки хатое бигузашт аз мани зор
Бемор шудам, ба ғам гирифтор шудам.

Даргоҳи падар, азиз аз ҷони манӣ,
Як гӯшаи мустаҳками имони манӣ.
Бӯи Ватан аз ту рафт дар мағзи вуҷуд,
Сарчашмаи меҳри Тоҷикистони манӣ

Даргоҳи падар, биҳишт ҳамранги ту нест,
Сад дилбари хушсиришт ҳамсанги ту нест.
Аз дафтари меҳри одамӣ фаҳмидам,
Покиза зи сарнавишту фарҳанги ту нест.

## МЕҲРИ ДЕҲА

Аз деҳаи худ кӯч набандам чу фирорӣ,
Дар дил ҳаваси сарвати маъвои дигар нест.
Ҳарчанд маро беш расад заҳмату хорӣ,
Ҷуз олами ӯ завқи тамошои дигар нест.

Ман зодаи кӯҳсораму ҳамранги уқобам,
Бар гармию сардии ватан тоб биёрам.
Чун турна ба иқлими дигар рахт набандам,
Сардӣ чу бубинам ба баҳорони диёрам.

Ман сарвату дороии бисёр надорам,
Ҷуз кулбаи лойии падар монда ба мерос.
Бар шавкату бар қасри ту, эй шоҳи фирорӣ,
Гарди назаре нест маро аз сари ихлос.

Ҳар қулла бувад қаср ба пеши назари ман,
Ҳар хомаи рег аст чу ганҷинаи тилло.
Ҳар чашма бувад чашмаи илҳому нишотам,
Ҳар пайраҳа чун мисраи пурсӯзу гуворо.

Аз хоки баландам, ки ба пастӣ назанам даст,
Аз суннати аҷдод бурун по нагузорам.
Арвоҳи падар мезанадам, хоки азизон
Гар аз ҳаваси ҷои дигар паст шуморам.

Маъвогаҳи тифлии ман , эй деҳи Алиҷон,
Ҷуз дар бағали гарми ту осуда нахобам.
Ман давлату доройӣ наҷӯям зи ту ҳаргиз,
Гар байти хуше аз кафи эҳсони ту ёбам.

## МОДАР

Боз дар шомгаҳи мулки хаёл
Маҳи рӯи ту намудор шавад.
Боз аз меҳри ҷаҳонафрӯзат
Қалби ман ғарқаи анвор шавад.
    Модари муштипари ғамхорам,
    Ман ба ҳарфу нигаҳи ту зорам.

Дар гузаргоҳи назар чун тобад
Чеҳраи зарду тани пурдардат.
Навбаҳори дили ман дай гардад,
Аз насими ғаму оҳи сардат.
    Модари муштипари ғамхорам,
    Ман ба ҳарфу нигаҳи ту зорам.

Боз дар сайргаҳи хотири ман
Нарм монӣ ту қадам чун соя.
Ҳамчу олиҳаи шодӣ хандӣ,
Ҳазлгӯён ба зани ҳамсоя.
    Модари муштипари ғамхорам,
    Ман ба ҳарфу нигаҳи ту зорам.

Дар шифохонаи ёдам чу гаҳе
Зи паям дасти дуо бардорӣ.
Дарди ҷонсӯзи ту сӯзад қалбам
Дар дами хобу гаҳи бедорӣ.
    Модари муштипари ғамхорам,
    Ман ба ҳарфу нигаҳи ту зорам.

Гарчи хобӣ ту ба хилватгаҳи хок,
Фориғ аз дарду ғами дунёӣ.
Модаро, ҳастии мо пайванд аст
Дар дили тирашаби танҳоӣ.
Модари муштипари ғамхорам,
Ман ба ҳарфу нигаҳи ту зорам.

**БА МУТРИБ**

*Барои Ҷ. Кабутов*

Мутрибо, савти дигар оғоз кун,
Ташнаам ман, ташнаи шеъри дарӣ.
Ташнаи шеъре, ки омӯзад маро
Дарси мардию раҳи одамгарӣ.

Ташнаи шеъре, ки шӯҳратёр кард
Тоҷиконро дар ҳама рӯи ҷаҳон.
Рӯдакиро чашми бино дод ӯ,
Табъи пурэъҷозу ашъори равон.

Ташнаи шеъре, ки пири Тӯсро
Дод ӯ оини меҳанпарварӣ.
То биомӯзанд аз ӯ Маҳмудҳо
Адлу инсофу тариқи сарварӣ.

Ташнаи шеъре, ки Сино дардро
Бо туфайли ӯ даво бинмудааст.
Ҷавҳари зоти табибонро фақат
Дар каломи нармашон фармудааст.

Ташнаи шеъре, ки ӯ Хайёмро
То ба рағми ноҳақӣ иршод кард.
Ӯ ба шеъри кӯтаҳу пурҳикматаш
Хонаи дилҳо тарабобод кард.

Ташнаи шеъре, ки Мавлонои Рум
Бо найи ҳикмат варо эҷод кард.
Гулшани шеъри аҷамро аз фараҳ
Ҳамчу гулзори адаб обод кард.

Ташнаи шеъре, ки Саъдӣ офарид
Аз нахи ишқаш ғазалҳои равон.
Ҳофизи имдодҷӯи бахтро
Дод номи улвии ғайбуллисон.

Ташнаи шеъре, ки Бедил аз сахо
Ҳамчу пайғамбар басе эъҷоз кард.
Укдаи накшудаи ҳар ҳарфро
Бо хаёлободи маънӣ боз кард.

Ташнаи шеъри бадарду пуралам,
Дар дили Зебунисо маъво гирифт.
Розҳояшро бурун аз парда кард,
Меҳри поки ӯ ба дилҳо ҷо гирифт.

Ташнаи шеъре, ки Турсунзодаро
Шаҳпари меҳру вафо бахшиду бахт.
То бигӯяд бар ҳама аҳли башар:
«Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт».

Мутрибо, савти дигар оғоз кун,
То ғами дилро рабояд сози ту.
То бипайвандад маро бо асли худ
Лаҳзае савти хушу овози ту.

## САЙРИ ХАЁЛ

Оҳиста мелағжад хаёл
Аз қуллаҳои кӯҳсор.
Монанди мӯи тор-тор,
Чун кокулони обшор.

Савту навои дилнишин
Дар хотирам пар мезанад.
Андар машомам накҳати
Бӯи муаттар мезанад.

Анбӯҳи фикру орзу
Дар сина туғён мекунад.
З-ӯ олами андешаам
Бӯи баҳорон мекунад.

Байте чу қӯи пешгард
Бо боди рангини хаёл.
Сӯи баҳори хотирам
Ояд чу бахти безавол.

Саф мезанад аз пушти ӯ
Ҳар сатр аз андешаам.
Эҷоди маънӣ мекунад
Табъи саховатпешаам.

Шеъри наве иншо шавад
Ҳамчун баҳори кишварам.
Меҳри Ватан сар мезанад
Аз ҷӯяҳои дафтарам.

То дар баҳори шеъри ман,
Озод аз чанги хазон
Меҳри Ватан маъво кунад,
Ҳамчун баҳори ҷовидон.

## БАҲОР

Дарахтон боз аз нав гулбасар шуд,
Баҳорон боз бар сармо зафар кард.
Зи эҳсонаш шаҳи борони найсон
Кафи ҳар баргро пур аз гуҳар кард.

Ба кӯҳу марғзорон лола рӯид
Ба мисли орзуҳои дили ман.
Чу дарё мекунам шӯру талотум,
Ки лабрез аст акнун соҳили ман.

Зи гулгашту чаманҳо боди Наврӯз
Қадам монад хаёлам шоирона.
Ба савти дилфиребу резаборон
Зи шавқи рӯзи нав хонад тарона.

Зи анфосаш ба олам паҳн гардад
Шамими атри гесӯи баҳорон.
Дилам покиза гардад боз аз нав
Ба мисли сабзаҳои баъди борон.

Зи ъэҷози баҳорон кӯҳу саҳро
Чу ҳусни наварӯсон дилнишин аст.
Зи файзаш олами андешаи ман
Саховатбахш монанди замин аст.

Бихоҳам авҷҳои тоза гирад
Ниҳоли шеъри ман ҳам кош имрӯз.
Худоё, дар замини шеъри ман рез
Ҳама файзу сахои иди Наврӯз.

## МЕҲРНОМА

Барои устоди меҳрубон Аъламхони Кӯчар
Умри ту сарф гашта дар ранҷу бурдборӣ,
Бошад саховати ту чун баҳри беканоре.
Ҷуз пешаи ҳақиқат фикри дигар надорӣ,
Ҳарчанд аз фазилат бошӣ ту номдоре.
Марде чу ту надидам мушфиқу ғамгусоре,

Бар аҳли дил ҳамеша дилсӯзу бовафоӣ.
Поку ҳалиму некӯ чун субҳи босафоӣ,
Гарди маломатат нест аз файзи хайрхоҳӣ.
Бегона аст баҳрат таърифу худситоӣ,
Аммо ба гуфтаи худ чун кӯҳ устуворӣ.

Гуфтори гарму нармат бисёр дилписанд аст,
Ҳар як сухан зи меҳрат чун нӯш бегазанд аст.
Гӯё-ки қалби покат лабрези шеъру панд аст.
Ҳар нуктаат гуворо чун оташи сипанд аст.
Аз ту гирифтаам ман дар қалби худ шароре.

Дар баҳри илму дониш побанди ҷустуҷӯӣ,
Чу нахли фазлу ҳикмат пайваста дар нумӯӣ.
Фикри дигар надорӣ ҷуз ҷодаи накӯӣ,
Дунёи меҳру шавқат гӯё ки мӯ ба мӯӣ.
Монанди навбаҳорон сарсабзу файзборӣ.

Дар олами садоқат дунёи бекаронӣ,
Баҳри ҳама азизу дилсӯзу меҳрубонӣ,
Гӯё ки аз бузургон чун охирин нишонӣ,
Аммо зи хоксорӣ бар чашм ноаёнӣ,
Монанди ту надидам дар даҳр хоксоре.

## СИПОС

*Барои муаллима Рӯзигули Азиз*

Бе раҳбалад касе нарасад бар муроди хеш,
Эй раҳнамои умр, бароям ғаниматӣ.
Аз ҳиммату сахо-т ба ҷое расидаам,
Дунёи меҳру олами файзу саховатӣ.

Гӯё, ки қалби поки ту девони ҳикмат аст,
Чун байти Рӯдакист туро ҷӯяи ҷабин.
Хоно чу сарнавишти ту шеъре надидаам,
Пурсӯзу пургудозу гуворою дилнишин.

Номардҳо, ки дом ба роҳат танидаанд,
Бедардҳо ба вартаи дардат кашидаанд.
Шарманда гашта ҷумла зи кирдори хештан,
Диданд некӣ аз ту, ҷазое надидаанд.

Камнур гашта мардуми чашмони обият
Андар талоши ҳикмату ташвиши рӯзгор.
Ожанг баста рӯю сапедӣ дамидааст
Бар мӯи ту чу кокули ларзони обшор.

Лек аз сахою ранҷи ту дар гулшани адаб
Бисёрҳо шукуфтадилу баркамол гашт.
Дар шохроҳи зиндагӣ парвардагони ту
Ҷӯеи некномию нони ҳалол гашт.

Аз баҳри ман чу шаҳри Бухорост хонаат,
Маъвои аҳли маърифату шеъру шоирӣ.
Тифлони шеърдӯсти ту гӯё набераанд
Бар Рӯдакию Саъдию Ҷомию Анварӣ.

Бе раҳбалад касе нарасад бар муроди хеш,
Ҳарчанд дар фазилату маънӣ Сикандар аст.
Эй раҳнамои умр, зи файзу саховатат
Дунёи фазлу олами маънӣ мунаввар аст.

## МАҲФИЛОРО

*Барои овозхони мумтоз Толиби Абдулло*

Оҳанги ту ҷонгудоз бошад, Толиб,
Овози ту дилнавоз бошад, Толиб.
Дил сер нашуд зи савти рангорангат,
Савти ту ҷаҳони роз бошад, Толиб.

Аз савти ту бӯи кӯҳсорон ояд,
Оҳанги ҳазини обшорон ояд.
Гӯё ба тани мурда зи нав ҷон ояд,
Бар савти хушат ниёз бошад, Толиб.

Ман ташнаи овози гуворои туам,
Мафтуни суруди маҳфилорои туам.
Он базм, ки ман масти тамошои туам,
Хоҳам, ки басе дароз бошад, Толиб.

Дарди ту кунам даво ба доруи сухан,
Эй толиби ишқи сеҳру ҷодуи сухан.
Ёбӣ ту шифо зи зӯри нерӯи сухан,
Мардум зи ту сарфароз бошад, Толиб.

## АЛИЧОН

Меҳри ту дар решаву бунёди ман,
Хоки покат манбаи эҷоди ман.
Каъбаи уммеду табъи шоди ман,
Саҷдагоҳи мардуми озоди ман.
Деҳи ман, эй деҳи ҳуснободи ман,
Ҷовидон гаҳвораи аҷдоди ман.

Тифли ту домод мегардад гаҳе,
Наварӯсе шод мегардад гаҳе,
Хонае обод мегардад гаҳе,
Шодмонӣ хезад аз фарёди ман.
Деҳи ман, эй деҳи ҳуснободи ман,
Ҷовидон гаҳвораи аҷдоди ман.

Аз канорат дур будан мушкил аст,
Дар ту нахли зиндагӣ пурҳосил аст.
Меҳри ту пайванд бо ҷону дил аст,
Ҳар куҷо бошам, туӣ дар ёди ман.
Деҳи ман, эй деҳи ҳуснободи ман,
Ҷовидон гаҳвораи аҷдоди ман.

## БАҲРИ ТУ БЕГОНААМ

Баҳри ту бегонаам имрӯз ман,
Гарчи будиям замоне ҳамнафас.
Мурғи лутфу меҳрубонияt кунун
Монда аз ман дур побанди қафас.

Баҳри ман аммо шиноси кӯҳнаӣ,
Дилрабоию қаринӣ то ба ҳол.
Гарчи аз ман кандаӣ меҳрат, маро
Нест андар кандани меҳрам маҷол.

Дил ба ту додам, агарчи бо манат
Аз ту дарду ҳасрати бисёр монд.
Номи ту дар мағз-мағзи қалби ман
Ҳамчу рамзи ишқи нотакрор монд.

Баҳри ту бегонаам имрӯз ман,
Номи ман, овози ман бегона аст.
Номи ту, овози ту бар ман шинос,
Дил ба ишқат волаю девона аст.

## ҲАЗЛ

Во дареғо, кӯчаҳо бозор гашт,
Ҷумла бепулҳо ҳама пулдор гашт.
Аз ҳаёю шарм осоре намонд,
Нармгӯён низ бадгуфтор гашт.
Зуд шӯҳрат ёфт андар байни халқ
Ҳар ки андар кӯча бо шалвор гашт.
Беҳунарҳо аз қазо саркор шуд,
Санъати аҳли ҳунар бекор гашт.
Шуд ҳама поённишин болонишин,
Илму дониш сахт нодаркор гашт.
Нархи қанду чою нон аз ҳад гузашт,
Халқи одӣ муфлису нодор гашт.
Қадри дору гашт аз одам баланд,
Худ табиби хештан бемор гашт.
Монда ёри нозанинашро ҷавон
Пиразоли тоҷиреро ёр гашт.
Э Худоё, раҳм кун дар Соли Нав,
Тоҷикистони азизам хор гашт.

## ҲАЗЛИ НАВРӮЗӢ

Наврӯз, биё, ки Вахш сероб шавад,
Нерӯгаҳи барқ сахт дар тоб шавад
Равшан бишавад зи барқ кошонаи мо,
То мардуми ғафлатзада камхоб шавад.
Наврӯз биё, Наврӯз биё,
Эй ҳамдами деринаи дилсӯз, биё.

Наврӯз, биё, ки даҳр гулгун гардад,
Шодию нишоти халқ афзун гардад.
Он кас ки ба по надошт пойафзоле,
Шодона зи хона боз берун гардад.
Наврӯз биё, Наврӯз биё,
Эй ҳамдами деринаи дилсӯз, биё.

Наврӯз биё, хӯроки мо камчин аст,
Аз гишнагӣ аҳли хонамон ғамгин аст.
Мардум биравад, гиёҳи ошӣ чинад,
Нон ёфтан аз барои бепул қин аст.
Наврӯз биё, Наврӯз биё,
Эй ҳамдами деринаи дилсӯз, биё.

Наврӯз, биё, ки баъд аз ин дер шавад,
Наврӯз биё, ки гишна ҳам сер шавад.
Наврӯз биё, ки душманон дӯст шаванд,
Наврӯз биё, ки рӯбаҳе шер шавад.
Наврӯз биё, Наврӯз биё,
Эй ҳамдами деринаи дилсӯз, биё.

## МЕҲРИ ГУМГАШТА

Меҳри ту аз ман рафт-рафт,
Дунёи армонам бимонд.
Дил аз шарори ишқ сӯхт,
Ашке ба чашмонам бимонд.

Эй бахти нафармони ман,
Бо дигаре дил ёфтӣ.
Дар нимароҳи зиндагонӣ
Охир маро партофтӣ.

Осуда бош, ободд бош,
Гарчи маро бегонаӣ.
Ту дар ҷаҳони шоди
Ман дар дили ғамхонае.

## ИШҚИ САРКАШ

Эй ишқи саркаш,
Эй олами ғам,
Аз ту надидам
Ҷуз оҳу мотам.

Чун ростиҳо
Хондам фиребат,
Ҷустам баландӣ
Ман аз нишебат.

Буду набудам
Бар ту супурдам,
Сад бор зодам,
Сад бор мурдам.

Эй ишқи саркаш,
Эй ёри ноҷӯр.
Бадбахт гардӣ,
Гардӣ зи ман дур.

Қадри Саидат
Гар ту надонӣ,
Меҳру вафояш
Созад туро кӯр.

## ПАЙВАНДИ РӮҲУ ГИЛ

Як саҷдаи шукрона аст,
Ҳар барги дар пойи дарахт
Аз шохсор афтодае.
Як ҳикмати ирфоние,
Як ояти раббоние.
Пайванди рӯҳу гил шуда
То бар расули зиндагӣ нозил шуда.

## ОҲАНГИ ЗИНДАГӢ

Шаҳбайти заъфаронии поизфаслро
Мехонд боалам.
Боде зи байни боғу чаманзор мегузашт
Пурхор пайкараш
Андар сифоти резиши барги дарахтҳо
Мерехт шаҳпараш
Як оҳи сард буд,
Оҳанги зиндагонии пурранҷу дард буд.

## АФРИШТАИ ИҚБОЛ

Афсонаҳои кӯдакӣ дар мулки ёд монд,
Дар оламе, ки зинда дар ӯ шахси модар аст.
Он ҷо ҳама накӯ,
Пок асту дилбар аст.
Дунёи орзу
Бар ман муяссар аст.
Дар олами фасонасиришти хаёлҳо,
Африштаи саодату иқболи ман вай аст.
Ҳар лаҳза ноаён,
Аз фанди зиндагӣ маро ҳушдор мекунад,
Бо сеҳри ҳар фасона, ки хобанда буд дӯш,
Ин дам зи қалби хобҳо бедор мекунад…

## БОБОИҒАЮР

**– 1–**

Таҳ ба таҳ дард аст худ дунёи Бобои Ғаюр,
Зиндагӣ мард аст дар симои Бобои Ғаюр.
Ахтари бахт аст ҳар истораи пеши бараш,
Дар самои пайкари тиллои Бобои Ғаюр.
Бо Ватан ӯ ончунон пайванд аз ҷону дил аст,
Ҳад надорад меҳру меҳрафзои Бобои Ғаюр.
Устуворӣ ҳаст дар оини меҳанпарварӣ,
Оҳанӣ бошад сутуни пои Бобои Ғаюр.
Мепарастад одамонеро ба фикри миллат аст,
Ҷо бузургонанд дар маъвои Бобои Ғаюр.
Мерасам бар матлабам, ҳар субҳ бинам ҳамчу шамс

Чеҳраи пурнуру беҳамтои Бобои Ғаюр.
Некахтар буд одам, гар худояш месиришт,
Ҷумларо аз хок не, аз лои Бобои Ғаюр.
Сабзиши кӯҳу даманҳо гар атои эзид аст,
Заррае аз он бувад эҳдои Бобои Ғаюр.
Порсоӣ гар талаб дорӣ биомӯз, эй Сайид,
Мазҳаби мардонагию рои Бобои Ғаюр.

**– 2 –**

Марди хушбахт аст, Бобои Ғаюр,
Дар вафо сахт аст, Бобои Ғаюр.
Аз сафои давлати фарзандҳо,
Соҳиби тахт аст, Бобои Ғаюр.

Фарди бонанг аст, Бобои Ғаюр,
Душмани ҷанг аст, Бобои Ғаюр.
Сарнавишташ ҳаст таърихи Ватан,
Зиндафарҳанг аст, Бобои Ғаюр.

Як накӯном аст, Бобои Ғаюр,
Субҳ дар шом аст, Бобои Ғаюр.
Пириаш бӯи ҷавонӣ мекунад,
Рӯҳи Хайём аст, Бобои Ғаюр.

14. 01. 2005

## ГУЛТАРОНА

Боз борон тарона мехонад,
Қиссаи пурфасона мехонад.
Аз лабаш гултарона мерезад,
Аз пояш гултарона мехезад.

Гиё чун духтари кӯҳистон аст,
Ӯ ҷиҳози арӯсӣ медӯзад.
Дар сари ҳар қалам гули даврӣ,
Аз ғаме ошиқона месӯзад.

Аз замини матои армонҳо
Гашта шодоб риштаборонҳо.
Косагулҳои бӯса мерӯяд,
Лолагулҳои ғусса мерӯяд.

Бӯсаи шаҳдвори дилдораш,
Ғуссаи ҷонгудози озораш.
Лавҳаи васлу доғи ҳиҷрон аст
Сӯзани лавҳаҳои деворaш.

Боз борон тарона мехонад,
Қиссаи бекарона мехонад.
Дар сари гоҳвораи олам,
Аллаи модарона мехонад.

Рӯи гаҳвора меҳр меборад
Мӯи мушкини абри найсонаш,
Гул кунад зиндагӣ ба ранги нав
Дар шакарханди тифли армонаш.

## ПУШАЙМОНӢ

Дар сари ҳар қадам маро бодард
Лашкари дарду фахр домангир.
Буд фикри ҳама паи сарват,
Буд фикри ман аз паи тасвир.
Хешро дар биҳишт медидам
Ҳар замоне ба сурати шоир.
Ғофил аз он, ки ранҷи ин ҷода
Ҳаст дарду азоби беохир.

Буда шайтон дар ин биҳишт алъон,
Аз ҷаве мефурӯшам арзонаш,
Дар биҳиште нишоту хӯрдан нест,
Нест ҳоҷат ба ҳуру ғилмонаш.

Аз пайи нангу номи беҳосил
Монда дар зиндагониам ноком.
Баъди ман, эй писар, манӯш охир
Бодаи худфиребии ин ҷом.

Баъд аз ин дар ҷаҳони компутер,
Дар гумон аст шеър мемонад.
Тоҷики мубталои ин ҷода,
Дар гумон аст шеър мехонад.

*Бемористони Қарияи боло* 5. 06. 2005

## ВАСИЯТ

Ба марги ман нарезед ашк ёрон,
Ки худ дар зиндагӣ танҳо гиристам.
Даруни хилвати шабҳои ваҳмин,
Зи нанги зиндамурданҳо гиристам.
Ба марги ман нарезед ашк ҳаргиз.

Дари дил ғунчаосо во намудам,
Ба рӯи ҳар кӣ моломоли ғам буд.
Намудам раҳм бар ҳоли разиле,
Гаҳи сахтӣ, ки бунёди ситам буд,
Ба марги ман нарезед ашк ҳаргиз.

Гирифтам дасти корафтодаеро,
Ки рӯзе мешавад ӯ дастгирам.
Надонистам, ки роҳи худ биёбад,
Зи макру таъну озораш бимирам,
Ба марги ман нарезед ашк ҳаргиз.

Ба базми нӯшбоди худнамое,
Суханҳои муҳаббатбор гуфтам.
Ба мадҳи садри нафарзонаю зишт,
Дурӯғу ҳарзаи бисёр гуфтам,
Ба марги ман нарезед ашк ҳаргиз.

Ба хокам лавҳаи хотир намонед,
Ки худ ин зиндагонӣ лавҳи гӯр аст,
Гумон дорам, ки ҳашмат дар ду олам
Насиби нокасони муштзӯр аст.
Ба марги ман нарезед ашк ҳаргиз.

Пайи суди дигарҳо додаам ҷон,
Азизонам, шуморо хор кардам,
Ба бозии ҳақиқат гашта машғул,
Раҳи фардоятон душвор кардам,
Ба марги ман нарезед ашк ҳаргиз.

## МАХЗАНИ АСРОР

Балҷувон, эй сарзамини бостон,
Махзани асрори сад давру замон
Хоки поки родмардони асил
Эй нахустин маскани озодагон.
Саҷда меорам ба хоки поки ту,
Пеши фаҳми мардуми бебоки ту.

Олам аз ту инқилоб омӯхта,
Машъали озодагӣ афрӯхта,
Аз назаргоҳи ҳақиқатҷӯи ту,
Чашм бар роҳи ҳақиқат дӯхта.
Мисли халқи ту ҳакиқатҷӯй нест,
Якдилу якмақсаду якрӯй нест.

Хоки ту бӯи «Авасто» мекунад,
Накҳати фарҳанги воло мекунад.
Исми ҳар деҳи Сарихосори ту,
Тоза таҳқиқе таманно мекунад.
Ибтидои одаму олам туӣ,
Пояи фарҳанги мустаҳкам туӣ.

Қуллаи мақсуди ту наздик шуд,
Ибтидои баҳри кори нек шуд,
З-он ҳама қурбониён, қурбоние,
Ҷои беконат чу бар ту Бек[1] шуд.
Худ биҳиштию биҳиште мешавӣ,
Хурраму зебосириште мешавӣ.

## САРИХОСОР

Сарихосор аҷаб обу ҳавое дорад,
Гуларӯс аст, чу гул сабзқабое дорад.
Чу дами лоларухон боди сабое дорад.
Сайри ҳар манзарааш кайфу сафое дорад,
Сарихосор аҷаб обу ҳавое дорад.

---

[1] *Беки Қурбон-Раиси ноҳия.*

Дами Исо бидамад аз дами ҳар шаршарааш,
Бӯи фирдавс расад аз дили кӯҳу дарааш,
Чу ғизоланд ҳама маҳвашу оҳубарааш,
Ин табиат ба ҳама дард давое дорад,
Сарихосор аҷаб обу ҳавое дорад.

Нест ҳамто ба ҷаҳон боғу гулистонашро,
Чашмаю рӯди хурӯшону ғазалхонашро.
Пушти Боғу Аспрингону Шаҳидонашро,
Булбулу кабк чӣ хуш савту навое дорад,
Сарихосор аҷаб обу ҳавое дорад.

Каси хушбахт дар ин манзара меҳмон гардад,
Бори дигар ба дилаш диданаш армон гардад,
Пир гардад сафараш, сахт пушаймон гардад,
Халқи боҳиммату пурмеҳру вафое дорад,
Сарихосор аҷаб обу ҳавое дорад.

Бирасад бӯи ниёгон ба машомам ин ҷо,
Тоҷикӣ медиҳадам ҳар кӣ саломам ин ҷо,
Тоҷикӣ ҳаст ҳама ҳарфу каломам ин ҷо,
Дили ман аз ҳама ин нуру зиёе дорад,
Сарихосор аҷаб обу ҳавое дорад.

## ИФТИХОР

Шаҳкитоби аввалин эҷоди мост,
Тоҷдорӣ суннати аҷдоди мост.
Чун нахустин миллати рӯи замин
Илму дониш ҷавҳари бунёди мост.

Саҷда бар шеъри дарӣ дорем мо,
Ҷавҳари пайғамбарӣ дорем мо.
Рӯдакӣ соҳибқирони даҳр буд,
Назми оламро сарӣ дорем мо.

Дар каломи ноби Мавлонои мо,
Шуд дигар ашъори мо, дунёи мо.
Нахли ваҳдат аз замираш бар гирифт,
Аз ҳама озорҳо озар гирифт.

Сӯхта, пас пухта гардидем мо,
Шӯълаи уммеди худ дидем мо.
Бо ҳама н-омӯхтҳо ҳамдил шуда,
Ҳамдилони хеш фаҳмидем мо.

Нахли ваҳдат шаҳди истиқлол дод,
Бахти беиқбол боз иқбол дод.
Ин ҳама рушду нумӯи мулкро,
Халқи моро шоҳи некуфол дод.

## ШУКРОНА

Чӣ дунёе насибам гашта аз даргоҳи яздонӣ,
Ки дар ӯ шодию ғамҳои олам ҳаст арзонӣ.
Зи қисмат мекунам шукрона, ӯ модархудоям кард,
Заминосо батамкинам, ки меорам фаровонӣ.
Бузургони ҷаҳон парвардаи шири сафеди ман,
Ки пайванди заминам кошифи асрори кайҳонӣ.
Сириштам меҳру шафқат ҳасту ишқи поку сӯзоне,
Бибахшам зарра-зарра ганҷи худ бар насли инсонӣ.
Ҳамеша дар шигифтам, зодаам гар нохалаф гардад
Ба комам талх бошад меваи нахли пушаймонӣ.
Ман акнун соҳибиқболам, зи истиқлоли мулки хеш,
Нағунҷам аз фараҳ дар худ, ки ҳастам тоҷикистонӣ.

## ПАЙВАНД

Тоҷикистон, модари хушҳоли ман,
Сулҳоин, соҳибистиқлоли ман,
Мову ту пайванди сулҳу вадатем.
Бахт бо мо сахт моил гаштаем,
Матлаби дерина ҳосил гаштааст,
Сохтмонҳои азими мулкро
Аҳли олам дида қоил гаштааст.
Эй Ватан бахти баланди ман туӣ
Сарзамини дилписанди ман туӣ.

## ИЛҲОМИ МАН

Аё илҳоми ман, эй қуи зебо,
Биё, сӯи баҳори сабзи хотир.
Маро бо боли ишқу орзу бар,
Ба он мулке, ки бошад шеъру шоир.

Ба сӯи оламе, ки фикри рангин,
Бувад ороиши бому дари ӯ.
Насимаш савтҳои дилфиреб аст,
Сухан – хуршеду моҳу ахтари ӯ.

Ба сӯи оламе, ки орзуро
Кунад тасвир бо алфози ширин.
Ба сӯи оламе, ки ҳаст ғолиб
Ҳақиқат бар разолат, меҳр бар кин.

Ба сӯи он макони дӯстиро
Пазирад, маҳв созад душманиро.
Чу Ҳурмузди накӯ бар рағми зулмат
Кунад эҳё ба гетӣ равшаниро.

Ба сӯи олами ҳамчун биҳиште,
Ки гулпӯш аст боғу гулшани ӯ.
Малоик – сатрҳои дилписандаш,
Маонӣ – ҳури оҳугардани ӯ.

Кушо болу пари поку маҳинат,
Бизан пар дар фозои олами дил.
Шавам дар фикри шеъри тозаву тар,
Раҳо гардад сарам аз фикри ботил.

Агарчи хуб медонам, ки дур аст,
Раҳи душвори ин мулки хаёлӣ.
Вале қалбам пур аз туғёну шӯр аст,
Бикун ӯро зи дарди шеър холӣ.

Аё илҳоми ман, эй қуи зебо,
Биё, сӯи баҳори сабзи хотир.
Маро бо боли шавқу орзу бар,
Ба он мулке, ки бошад шеъру шоир…

## БИНОИ ШЕЪР

Дар кӯчабоғи маънии шаҳри хаёли ман,
Имрӯз ҷои мисраю байте муқаррар аст.
Меъмори фикру лавҳакаши хотироти нек,
Баҳри бинои шеъри наве тарҳофар аст.

Устои ранҷпарвари уммеду орзуст
Банди амал мувофиқи ин тарҳи дилписанд.
Деворҳои мисраю байти маро кунад
Бо хиштҳои пухтаи меҳру вафо баланд.

Дар кӯчабоғи маънии шаҳри хаёли ман
Бунёд хонаи сухан имрӯз мешавад.
Халқе дар ошёнаи ҳар байту мисрааш
Бо номи Меҳр зиста, пирӯз мешавад.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Чу шеъри Рӯдакӣ бо ин ҳама пирӣ ҷавон бошӣ,
Ту рӯҳи човидони Ҳофизи ширинбаён бошӣ.
Нагардад суст маҷроят, надонад даҳр ҳамтоят,
Ба саҳрои хаёли мо чу дарёи равон бошӣ.
Басе карданд таҳрират, басе доданд тағйират,
Вале олист тақдират, ки машҳури ҷаҳон бошӣ.
Ба ҳукми рӯзгорон гаштаӣ тавлид чун тоҷик,
Ба мисли кӯҳсораш устувору ҷовидон бошӣ.

## ШЕЪРИ ҲОФИЗ

Ба олам ҷовидонӣ, шеъри Ҳофиз,
Ҳамеша дар забонӣ, шеъри Ҳофиз.
Ту чун сарчашмаи оби ҳаётӣ,
Ки бахшӣ зиндагонӣ, шеъри Ҳофиз.
Саропо шӯру исёну вафоӣ,
Ҳамеша навҷавонӣ, шеъри Ҳофиз.
Равонам дар равонии каломат,
Намебинад гаронӣ, шеъри Ҳофиз.
Ман аз ту ёфтам дури суханро,
Чу баҳри бекаронӣ, шеъри Ҳофиз.
Агар бошад замин кони саховат,
Маониро ту конӣ, шеъри Ҳофиз.

## ПАДАР

Теғи ятимӣ аз дами тифлӣ дили туро
Хунрезу чок-чок ба мисли анор кард.
Аз осмони бахти ту зоғи сияҳ гузашт,
Осудагӣ зи олами умрат фирор кард.

Ғайри насими субҳ навозишгарат набуд,
Душвор ҳаст номаи дардат нигоштан.
Ҷуз муштаки сипору ба ҷуз дастаи каланд
Дигар набуд дасти мадад баҳри ту доштан.

Айёми кӯдакии ту чун қатра гашт гум,
Дар баҳри пурталотуми даври ҷазову кин.
Мактаб нарафта ҳарфи нахустин навиштаӣ,
Бо хомаи сипор ту дар дафтари замин.

Ин зиндагӣ ба сурати устоди сахтгир
Охир туро чу барзгари номдор кард.
Зарби сипори ғуссаву тухми алам туро
Чун киштзор нармдилу хоксор кард.

Аз дасти ҷанг досту каланд аз кафат фитод,
Бар корзор бурд туро шоҳроҳи нанг.
Пушти ту ҳамчу пуштаи шудгордида шуд,
Захм асту доғ хӯшаи дашти гудози ҷанг.

Гуфтӣ даме, ки сӯхтаӣ аз алови марг:
«Бисёр қимматанд ниёгони поки ман.
Аз ман малол то нашавад рӯҳи рафтагон,
Поён канед аз ҳама хобида хоки ман…,

Чун марди номдору шарафманди кишварам,
Умри ту сарфи хизмати халқу диёр шуд.
Болонишин ба давраи ҳамдеҳагон будӣ,
Поёни пушта баҳри ту охир мазор шуд…

## ВИДОИ МОДАР

Нафаси навбаҳор месозад
Олами пирро ҷавону базеб,
Боз лабрез мешавад деҳа
Аз шамими гули ниҳоли себ.

Мекашад раъд бо алам фарёд,
Абрҳоро кунад зи ғам гирён.
Барқ печад зи дарди ҷонкоҳе,
Дар само ҳамчу машъали сӯзон.

Бодҳо атру гарди гулҳоро
Мефишонанд бар сари деҳа.
Сел монандаи саманди маст
Аз дили ҳар дара кашад шеҳа.

Резаборон ба кокули майса
Мекунад боз анбарафшонӣ.
Нолаи обшор бар гӯшам
Боз ояд чу нои чӯпонӣ.

Дар ҳамин лаҳза ёд меорам,
Нафаси вопасини модарро.
Чеҳраи зарду қалби пурдардаш,
Чашмҳои зи ашки ғам тарро.

Гӯиё ки ҳанӯз мегӯяд:
Роҳи умр аст пурфарозу нишеб,
Медиҳам ҷон мани хазондида,
Вақти гул кардани ниҳоли себ.

Меравам дар баҳор аз олам,
То шумо навбаҳори ман монед.
Чун сияҳбахт орзу дорам,
Машъали рӯзгори ман монед.

Дидаам ранҷу заҳмати бисёр,
Рафт умрам ба нолаю фарёд.
Омадам бар ҷаҳон ба мисли барқ,
Меравам аз ҷаҳон ба мисли бод.

Дар хаёлам ҳанӯз мегиряд,
Ҳамраҳи ман ба марги ӯ борон.
Дар баҳори хаёли фарзандаш
Гӯиё модарам супорад ҷон…

## БОЗ ОМАД БАҲОР

Дар сарам сад хаёл мегардад
Боз чун абрҳои сафеду сиёҳ.
Боз аз чашми хома мерезад
Ашкҳои пур аз гудозу оҳ.

Боз шеъри наве шавад тавлид,
Шеъри дигар ба дил кунад туғён.
Аз пайи ҳам чу майсаву гулҳо
Мисраву байтҳо дамад аз ҷон.

Интизорам ба роҳи шеъри нав
Боз андар ҳавои боронӣ,
Ҳамчу ошиқ ба роҳи маъшуқаш,
Мекашам бори ҳаҷру пазмонӣ…

## БАҲОР

Сабзаву себаргаи навруста боз,
Ҳар ниҳоли оби броншуста боз,
Маст аз бӯи баҳорон мешавад.

Пуштаи лабташнаи муштоқи об,
Аз фараҳ гӯё ки мехезад зи хоб,
Баҳравар аз оби борон мешавад.

Дар фарози кӯҳсорон арғувон,
Сурхрӯ гардад чу зебодухтарон,
Бо ҳавои бод рақсон мешавад.

Мурғакони рафта аз мулки дигар,
Боз сӯи кишварам бикшода пар,
Дар фазо аз нав парафшон мешавад.

Дида кас азму ҷавонии баҳор,
Дида кас ҳусну шукӯҳи рӯзгор,
Аз баҳори умр шодон мешавад.

## ДУХТАРИ КӮҲСОР

Дар баҳори шаҳр мебинам зи бими резаборон,
Духтари кӯҳсор, бар сар соябон бигрифтаӣ.
Гарчи бо рӯи кушода,
Гарчи бо мӯи парешон,
Борҳо дар лолазорон,
Ҳамраҳи гулҳои хандон,
Зери боронҳои сахти кӯҳсорон гаштаӣ.
Боз бо ёди кӯҳистон,
Гир аз сар соябон.
Мон ки резад бар сарат
Қатраҳои рӯҳбахши резаборон,
Мон, ки авҷи тоза гирад кокулонат ҳамчу торон.
Мон ки лағжад қатраҳо аз мӯю рӯят,
Давр гардад дар баёзи гарданат.
Чун ҳамели лаълу марҷон.
Мон ки мӯҳоят шавад паҳну парешон,
Бо ҳавои боду борон,
Чун хаёли дӯстдорон.
Мон ки гардад паҳн атри кокулонат,
Ҳар тараф аз гардиши бод,
Ҳамчу бӯи зиндагонӣ,
Кӯчаҳо пур гардад аз бӯи ҷавонӣ…

## ФАРЗАНДИ КӮҲИСТОН

Чу тифли бовафои кӯҳсорон,
Дилам лабрези меҳри кӯҳсор аст.
Ҳама маънии байту мисраи ман,
Суруди нотамоми обшор аст.

Ба тоқи қуллаҳояш лона дорад,
Чу мурғон дидагони меҳрборам.
Парастиш менамоям қуллаҳоро,
Чу фарзандони гумноми диёрам…

## ЧАШМИ ХОМА

*Эҳдо ба Умари Шерхон*

Ту меҷӯӣ ҷамоли модар аз дунёи модарҳо,
Намеёбӣ, вале ҳамсирараташ з-ин покахтарҳо.
Сари ҳар як қадам аз ин алам хомӯш месӯзӣ,
Чу нахли оташ аз ин сӯзу аз озарму озарҳо.
Ба чашми хома мебинӣ ҳазорон ранг оламро,
Фиребоист ҳуснаш чун нигоҳи хубманзарҳо.
Чу як дардошноӣ, қадри аҳли дард медонӣ,
Зи ту соҳибфараҳ гардида бас озурдадафтарҳо.
Ту дар шаҳру хаёлат ғарқаи деҳи Алиҷон аст,
Ба маъвои ятимӣ шод аз думболи кафтарҳо.
Чу лаъл аз синаи хоро ба сахтиҳо бурун гаштӣ,
Бимонад нақши ту ҷовид чун дар қалби мармарҳо.
Туро доғи ятимӣ лаҳзае осуда нагзорад,
Гумонам мебарӣ ин доғ то домони маҳшарҳо.
Ба ҷуфту худ ҳалиму меҳрубонат дидаму гуфтам,
Ҳалолат бод ишқу одамӣ бо ҳукми доварҳо.
Зи тухми Мустафоӣ, ҳам яке з-он чор ёри пок,
Бихоҳам пок бошад ҳам чу ту як умр Умарҳо.
Сайид аз ҳиматат имрӯз хуш овозае дорад,
Муяссар аз барояш гашт аз ту номуяссарҳо.

## БА МУАЛЛИМ

Аз меҳру вафо қалби ту саршор, муаллим,
Баҳри ҳама кас мунису ғамхор, муаллим.
То баҳра зи дониш бибарад тифли навомӯз,
Умри ту шавад сарф ба такрор, муаллим.
То тирадиле номи баландат накунад паст,
То субҳ туӣ дидаи бедор, муаллим.
Дар рӯи ҷаҳон нест касе баҳри халоиқ,
Мисли ту вафодору мададгор, муаллим.
Хоҳам, ки дарахтони умеду ҳаваси ту,
Бошанд ба ҳар фасл пур аз бор, муаллим.

## ШАБИ ТӮЙ

Деҳа бошад боз лабрези суруд,
Боз тӯйи келину домодӣ аст.
Модаре шодона армон бишканад,
Чеҳрааш пур аз нишоту шодӣ аст.

Худ ба худ шукрона мегӯяд падар,
Шукри бахту зиндагии дилнишин.
Дида фарзанди азизи хешро
Шод дар паҳлуи ёри нозанин.

Деҳае ҷамъ аст андар хонае,
Зиндагӣ бӯи ҷавонӣ мекунад.
Бар сари навхонадорон бо ҳавас
Бахт имшаб гулфишонӣ мекунад.

Духтарони деҳа дар шабҳои тӯй
Беш аз ҳарвақта зебо мешаванд.
Боз дил бандад ҷавони ошиқе,
Тӯйҳои тоза барпо мешаванд.

Деҳа гардад боз лабрези суруд,
Кош бошад тӯй дар ҳар хонадон.
Рӯи дарду ғам набинад модаре,
Бехазон бошад баҳори ошиқон.

## РӮЗҲО МЕГУЗАРАНД

Рӯзҳо мегузаранд оҳиста,
Солу маҳ низ ба ҳангоми фироқ.
Бозгард аз раҳат, эй ҷонона,
Ки ба дидори ту ҳастам муштоқ.

Чашму гулхандаву номи худро,
Медиҳӣ бахри чӣ бар шахси дигар.
Ҳар яке олами гарманд маро,
Ҳамчунон ғолияи файзи саҳар.

Мавҷ ҳам сар кашад охир аз баҳр,
Лек пайваста занад бар соҳил.
Мову ту низ ба дидор расем,
Дар ягон кӯй ба садҳо мушкил.

Он замон даст мо бидҳем бо ҳам,
Чашму лаб низ бубинад дидор.
Лек афсӯс чу умри рафта,
Қиссаи ишқ нагардад такрор.

## НОМАИ МАН

Магар олиҳаи меҳрӣ, ки дилам,
Ҳар замон майл ба сӯят дорад.
Тифли уммеду ҳавасҳот маро
Бе хаёли ту даме нагзорад.

Гарчи ман роз нагуфтам наздат,
Ҳам ба номат нанавиштам нома.
Шеъри ман, рози ману номаи ман,
Гар ба меҳраш нигарӣ, ҷонона.

Шояд он сатр, ки гӯӣ софаш,
Софии рӯи туву меҳри ман аст.
Байтҳое, ки писандат оянд,
Гармии меҳри ту дар шеъри ман аст.

Маъшуқи ту? гӯӣ бозам
Ин чи лутфест, ки ту мегӯӣ,
Сурати туст, бихон дар шеърам,
Ту киро боз аз ӯ меҷӯӣ?

Дар хаёлам, ки ту то мефаҳмӣ,
Ёди ту монаду дунёи умед.
Ҳамчу зулфи шикан андар шиканат,
Шеъри ман чеҳра кунад, рӯи сафед.

Пас аз ин номаи ман шеъри сафед,
Ҳамчу бахти ту нишон аз хома.
Ҳар куҷое ки бихонӣ, гӯӣ;
Ки гирифтӣ зи Сайидат нома.

## БЕГОНА МЕМОНӢ

Чу маҳтобе ба шоми дай, ки чандон нест нуронӣ,
Зи байни абрзорон гоҳ-гоҳе мешавад пайдо.
Ба мисли орзуе, ё хаёлу хоби ширине,
Ҳақиқат нест дар онҳо.
Ба пеши дидагонам дар дили шабҳои бехобӣ,
Ба ёди он ҳама шабҳои маҳтобӣ.
Ту гоҳе мешавӣ пайдо, чу дар афсона метобӣ,
Бароям баъд аз ин бегонаӣ, бегона метобӣ.
Дигар бо сеҳру ҷодӯят,
Дигар бо мушки гесӯят, зи қалби ман,
Суруди меҳру шафқатро намеёбӣ.
Ҳама олам пурасрор аст,
Бани одам пурасрор аст.
Магар дар ишқ такрор аст?
На! Ҳаргиз нахоҳад шуд.
Ва бахти додаат аз даст н-ояд зуд.
Бикардам, ҳар чӣ кардам ман зи нодонӣ,
Бароям баъд аз ин бегонаӣ, бегона мемонӣ!

## БАРФ МЕРЕХТ

Барф мерехт ба рӯи ману ту,
Барф мерехт ба мӯи ману ту.
Бахт хуршедсифат механдид.
Андар ин лаҳза ба рӯи ману ту.

Ҳарду аз кӯча гузар мекардем,
Ба ҳам аз меҳр назар мекардем.
Гӯиё мисли сабақомӯзе,
Қиссаи ишқ зи бар мекардем.

Бодро буд ғуриш мисли паланг ,
Ҳамчу сарбози Ватан лаҳзаи ҷанг.
Ба ҳама ҳашмати бепоёнаш,
Чашм медӯхт ба чашмони қашанг.

Ману ту лек зафар мекардем,
Ҷонибаш сина сипар мекардем.
Ҳарду дилгарм зи ҳангомаи ишқ
Мушкилеро паси сар мекардем.

Бод рафт, монд асар бар дили ту,
Ту биомӯхтӣ дилсардӣ аз ӯ.
Рафтӣ аз бахри чӣ бар кӯи дигар?
Ахд нашкастанат ин буд, магар?

## ШУКРОНА

Деҳи ман, эй деҳи мардони асил,
Тӯй дорад тифлаки зебои ту.
Баркушо дасти дуо чун модарон,
То ки гардад ворисӣ фардои ту.

Садқаи номи азизонат шавам,
Дар дили хоканд орому хамӯш.
Гоҳи шодӣ шоду дар ғам оҳашон,
Аз ҷаҳони ёдҳо ояд ба гӯш.

Дар миёни теппаҳои сабзпӯш,
Ҷой, чун дар оламӣ афсонаӣ.
Мешиносам ман туро беиштибоҳ,
Ошёни мардуми фарзонаӣ.

Зодагони ту ҳалиму хушсухан,
Ҳарфашон дармони дарду иллат аст.
Алғараз, эй деҳи пурфайзу сахо,
Пиру барнои ту кони ҳикмат аст.

Файзи саҳроҳои ту бодо зиёд,
Сабз бошад доимо домони ту.
Тӯй бошад дар ҳама кошонаат,
Файз резад, файз дар ҳар хонаат.

## ЗАНГИ ОХИР

Аз нолаи занги охир ошуфта дилам,
Бигзашт баҳори тифлию хуфта дилам.
Сад рози ниҳон, дареғ, шуд мисли гиреҳ
Дар сина маро, ки монд ногуфта дилам.
Ҳайфи дили хуфтаам,
Розаки ногуфтаам.

Ояд зи садои занги охир бар гӯш,
Дунё гузарон асту равад умр хамӯш.
Шодӣ ба насиби мост гаҳ, гаҳ ғусса,
Ин умри азизро ту арзон мафурӯш.
Умри ҷавонӣ марав,
Сӯзи ниҳонӣ марав.

Шодона ҳамегуфт ба ман занги нахуст,
«Ин зиндагӣ бо ҷамоли ёрон некӯст».
Аз савти ҳазини занги охир шунавам,
«Ҳар васл ҷудоӣ дорад, андеш дуруст».
Рӯзи ҷудоӣ мабод,
Ғуссаву дардаш зиёд.
Ҳарфи касе макун гӯш,
Маро макун фаромӯш..

## РАҚСИ «МОҲПАЙКАР»

*Барои Зебуниссо Шарифова*

Дар тахти зарин ояд,
Як зӯҳраҷабин ояд.
Монандаи моҳи нав
Аз чархи барин ояд.
Дилро бибарад осон
Чашмони пурафсунаш.
Бе бода кунад мастат
Лаъли лаби майгунаш.
Ҷунбад зи насими шавқ,
Чун лолаи рухсораш.
Дил обу адо гардад
Аз гармии дидораш.
Зебандаю барҷоаст
Ҳар нозу адои ӯ,
Як олами рӯъёест
Дунёи нигоҳи ӯ.
Аз куртаи гулпӯшаш
Гул резаду гул резад,
Гӯё зи қадамҳояш
Гул рӯяду гул хезад.
Ҳар кас ки агар бинад
Ин чеҳраи ҳурона.
Гӯё ки қадам монад
Дар олами афсона.

## ЭҲСОНИ ИЛОҲӢ

*Барои Фарогат Ашӯрова, ки ӯро бо номи Булбул мешиносанд*

Ба Ватан боз баҳорон омад,
Нағмаи кабку ҳазорон омад.
Боғ сабзиду гулу лола шукуфт,
Бӯи пудинаю райҳон омад.
Булбул аз шавқ чу гул бозӣ кун,
Ишваю нозу сарафрозӣ кун.

Рақс кун, з-он ки худодода туӣ,
Мисли гул хурраму озода туӣ.
Печутоби ту ҳама эъҷоз аст,
Дар хаёлам, ки паризода туӣ.
Булбул, аз шавқ чу гул бозӣ кун,
Ишваю нозу сарафрозӣ кун.

Чеҳраат чун гули хандон бошад,
Саҳна монанди гулистон бошад.
Чашми фаттони ту дилро бибарад,
Дилрабоӣ ба ту осон бошад.
Булбул, аз шавқ чу гул бозӣ кун,
Ишваю нозу сарафрозӣ кун.

Рақси мавзун ба ту заб мезебад,
Ғунчаи ханда ба лаб мезебад.
Рӯи ту аз қафаси мӯи сияҳ,
Ҳамчу маҳ дар дили шаб мезебад.
Булбул, аз шавқ чу гул бозӣ кун,
Ишваю нозу сарафрозӣ кун.

## БАРҚИ ФИРОҚ

Андар самои хотирам рахшид ногаҳон
Чун наҳсахтаре.
Барқи фироқи ту.
Аз абри дидаам ашки гудоз рехт,
Сели ғам аз билоди дилам даргузашт бурд
Як гӯшае чу нимае аз банди ҷони ман.
Раҳтӯшае ба кишвари ишқи ҷавони ман,
Ишқи чу оҳ кӯтаҳу хору хазони ман.

## ОЯТИ ВОЛО

Дар чашмасори поки хаёли худ
Кардам вузӯъ, ки шеъри нав ояд суроғи ман,
Ҳамчун фариштаи зебосириштае,
Монанди обшор,
Саҷҷода аз ҳарири булӯрини мавҷҳо,
Дар пои кӯҳи маъние густурда аз алам,
Бар қадри шеър-ояти воло гиристам,
Бар тира обии
Ин чашмасори поку мусаффо гиристам,
Дунё гиристам…

## ПОСУХ

Дасти ҳасуд дошт гиребони шеъри ман,
Гуфто: Хуш аст, лек
Шеъри замона нест.
Гуфтам: Замонасоз наям чун ту, з-ин сабаб,
Моро ҳавои валвалаи бекарона нест…

## ХАНДАИ САНГ

Хандаи санги сари роҳ ба чашми ақлам,
Ончунон хӯрд, ки розаш ҳама равшан гардид.

## САРНАВИШТ

Дар хоки Ватан, ки марзи кишти ману туст,
Як пора дилеву сарнавишти ману туст.

## ҶАҲОНИ ЁДҲО

Боз бо ёди ту мемонам қадам,
Аз миёни кӯчаи дуру дароз.
Бод мебӯсад сару рӯи маро,
Месарояд қиссаҳои дилнавоз.

Аз барам овоз дода бигзарад,
Бодосо мардуми мошинсавор.
Бар мани танҳои танҳо бингарад
Бо таажҷуб лаҳзае беихтиёр.

Лек ман банди хаёли ишқи ту,
Дар ҷаҳони хуштар аз афсонаам.
Фориғ аз дарду аламҳои ҷаҳон,
Масти дидори ту, эй ҷононаам.

Боз биншинам ба ёдат лаҳзае,
Дар ҳамон ҷое, ки сӯҳбат доштем.
Бар замини қалбҳои содае,
Як замон тухми муҳаббат коштем.

Боз бе ту зулфи маҷнунбедро,
Сила бинмоям замоне бо ҳавас.
Қалби ман дар сина исён мекунад,
Танг мегардад маро роҳи нафас.

Бод мехонад ғазалҳои маро,
Дар кадомин гӯшае дар гӯши ту.
Дастҳое нарм мелағжад, чу ман
Масти ҳусну гармии оғӯши ту.

Шаҳр тарҳи хеш дигар кардааст,
Баҳри ман маъвои ту манзур нест.
Гӯиё то ҳол мегӯӣ, биё.
«Хонаи мо он қадар ҳам дур нест»

Шояд ин дам дар ҷамоли ёри худ,
Ҷустуҷӯ дорӣ ту дидори маро.
Дар ҷаҳони ёдҳо мепарварӣ,
Ишқи раҳгумкардаю хори маро…

Боз бо ёди ту мемонам қадам,
Аз миёни кӯчаи дуру дароз.
Бод мехонад ба гӯшам бо алам,
Қиссаҳои ҳасрату сӯзу гудоз…

## ҚИТЪАҲО

Эй худобехабар, ки аз зиштӣ
Қадри аҳли назар намедонӣ.
Тирадил чун шаби зимистонӣ,
Файзи нури қамар намедонӣ.

Санги беҳиссу хуфтаю сардӣ,
Сӯзи ҷони шарар намедонӣ.
Намаки халқ карда чашмат кӯр,
Фарқи суду зарар намедонӣ.
Пеши ту арзи донае кардам,
Чӯби хушкию бар намедонӣ.
Бода хӯрда чу бод ақлатро,
Аслу номи падар намедонӣ.

* * *

Нагардад тирадил инсони комил,
Агар ҷонро ба ҷонаш мегузорӣ.
Набошад селро тамкини дарё,
Диҳад дар як нафас сад гуна хорӣ.

* * *

Макун бовар ба марди беирода,
Туро гар хеш, ё шахси қарин аст.
Гурезад аз барат ҳангоми сахтӣ,
Каломаш гарчи хубу дилнишин аст.

* * *

Нагирӣ обрӯ аз худситоӣ,
Ҳама ёбад камол аз худшиносӣ.
Нахоҳӣ гар ту бурди дигаронро,
Бидон, эй дӯст, зишту носипосӣ.

* * *

Мафахр аз мансабу номи баландат,
Азизӣ гар ба кас, беқадр гардӣ.
Макун аз асли худ охир фаромӯш,
Ту гар фарзонаӣ, гар некмардӣ.

* * *

Мард бошӣ, марди ботадбир бош,
Зиндагӣ сад имтиҳонат мекунад.
Деви ғам сад орзуят мекушад,
Дард ҳар дам қасди ҷонат мекунад.
Ранҷ бину аз тамаъ дасте бишӯй,
Пеши кас кӯтаҳзабонат мекунад.

# С У Р У Д Ҳ О

## СУЛҲ

Сулҳ бошад ҷаҳон хуррам аст,
Сулҳ бошад ҳама беғам аст.
Сулҳ оғози ҳар кори нек,
Сулҳ эҳёгари олам аст.

Сулҳ бошад баҳори Ватан,
Мояи ифтихори Ватан.
Сулҳ бошад нишони ҳама,
Пешрафту барори Ватан.

Кош, эй кишвари тоҷикон,
Бинамат хурраму бехазон.
Нест бод оташи ҷанги ту,
Сулҳ бошад туро ҷовидон.

## САРЧАШМАИ ВАФО

Мо номбардорони миллат,
Мо зодагони як диёрем.
Нанг аст нотифоқии мо,
Гар насли халқи тоҷдорем.
Ваҳдату ягонагӣ,
Роҳи бахти мост.
Меҳри ту, эй Ватан,
Сарчашмаи вафост.

Дар ҳифзи ному нанги миллат,
Мардона мо қадам гузорем.
Баҳри дифои хоки меҳан,
Чун кӯҳсораш устуворем.
Ваҳдату ягонагӣ,
Роҳи бахти мост.
Меҳри ту, эй Ватан,
Сарчашмаи вафост.

Чун ҳимиёни Оли Сомон,
Донад ҳама шуҷоати мо.
Машҳури даҳр мешавад боз,
Ватан зи файзи меҳнати мо.
Ваҳдату ягонагӣ,
Роҳи бахти мост.
Меҳри ту, эй Ватан,
Сарчашмаи вафост.

## КИШВАРИ ОЗОД

Эй мазраи аҷдодӣ,
Эй ташнаи озодӣ.
Хоҳам, ки туро бинам,
Якумр пур аз шодӣ.

Эй кишвари озодам,
Гаҳвораи аҷдодам.
Гаҳвораи аҷодам,
Эй кишвари озодам.

Эй олами рангинам,
Эй мазҳабу оинам.
Хоҳам, ки туро умре,
Машҳури ҷаҳон бинам.

Эй кишвари озодам,
Гаҳвораи аҷдодам.
Гаҳвораи аҷдорам,
Эй кишвари озодам.

## ВАТАН

Ту каъбаи саховатӣ,
Ту маъбади ибодатӣ.
Дар ин ҷаҳон барои ман,
Муқаддасию қиматӣ.

Ватан, туӣ ҷаҳони мо,
Баҳори бехазони мо.
Нишаста меҳри поки ту,
Ба мағзу устухони мо.

Зи туст ҳар нишоти мо,
Саодату суботи мо.
Ту зиндаию зиндаем,
Нишонаи ҳаёти мо.

Ватан туи ҷаҳони мо,
Баҳори бехазони мо.
Нишаста меҳри поки ту,
Ба мағзу устухони мо.

Ҳамеша бахт ёри ту,
Чу гул ба чашм хори ту.
Баланд бод шӯҳратат,
Ба мисли кӯҳсори ту.

Ватан туӣ ҷаҳони мо,
Баҳори бехазони мо.
Нишаста меҳри поки ту,
Ба мағзу устухони мо.

## КӮЛОБ

Кӯлоб чаканпӯш аст,
Ғарқи фараҳу шодӣ.
Мебoладу мамнун аст
Аз бахти худододӣ.

Бо савти фалак рафта,
То гӯши фалак оҳаш.
Обод шудаст имрӯз
Аз сайъи дилогоҳаш.

Кони ҳунар аст ин ҷо,
Ҳар кас, ки ту мебинӣ.
Соҳибназар аст ин ҷо,
Бо ҳар кӣ ту биншинӣ.

Африштаи наврӯз аст,
Гулрӯи чакандӯзаш.
Оғӯши баҳорон аст
Оғӯши шабу рӯзаш.

Асл аст бани тоҷик
Дар гавҳари кӯлобӣ.
Бо гарми хуршедӣ,
Бо чеҳраи маҳтобӣ.

Ҷон дода ҳунар афзуд.
Нанмуд таносоӣ.
Беҷо нашуда ин ҷо,
Як суннати бобоӣ.

## ИШҚИ ТУ

Рӯи ту чу моҳи нав,
Чашмони ту истора.
Аз ханҷари мижгонат
Гардид дилам пора.
Бо ман ту вафое кун,
Дилро ту давое кун.

Ишқи ту ба дил ҷо шуд,
Ҷӯе буду дарё шуд.
Дигар натавон бигрифт
Пеши раҳи дарёра.
Ту соҳили ишқам бош,
Ту моили ишқам бош.

Бе рӯи ту маҳзунам,
Ошуфтаву дилхунам.
Раҳме бинамо охир
Бар ошиқи бечора.
Боз ой ту шодам кун,
Дилгарми ҳаётам кун.

## ТӮЁНА

Боз ду дил ба вафо омезад,
Модаре ашки муҳаббат резад.
Аз дили деҳаи лабрези фараҳ
Савти шодӣ ба само бархезад.
Деҳи ман тӯй муборак бошад,
Бахти некӯй муборак бошад.

Духтарон гул ба баногӯш кунанд,
Ба бадан куртаи гулпӯш кунанд.
Боз домоду арӯс аз кафи бахт
Бодаи ишқу вафо нӯш кунанд.
Деҳи ман тӯй муборак бошад,
Бахти некӯй муборак бошад.

Мерасад бӯи хуш аз синаи шаб,
Шод бошад ҳама аз базму тараб.
Рақс доранд ҷавонон ба ҳавас,
Атри ҷонбахши табассум бар лаб.
Деҳи ман тӯй муборак бошад,
Бахти дилҷӯй муборак бошад.

## МАҲПОРА

*Ба Заррина Ҷалолӣ*

Саҳна бошад осмон, маҳпораӣ,
Чарх гардӣ, пок чун фавvoraӣ.
Фавҷи нурӣ, олами истораӣ,
Марҳами дил, зеби ҳар назораӣ.
Ошиқам бар ишваю нози ту ман,
Бар нигоҳи чашми ғаммози ту ман.

Дида гирад нур аз дидори ту,
Сурхрӯӣ бахшадам рухсори ту,
Ҳар нигоҳи чашми оташбори ту,
Олами ту, нақши нотакрори ту.
Ошиқам бар ишваю нози ту ман,
Бар нигоҳи чашми ғаммози ту ман.

Дар ту бинам акси дилҷӯи диёр,
Ҷилваи кабкони масти кӯҳсор.
Ояд аз гулхандаат бӯи баҳор,
Дил занад монанди набзи обшор.
Ошиқам бар ишваю нози ту ман,
Бар нигоҳи чашми ғаммози ту ман.

## МАН БО ТУЯМ

*Суруд*

Ту бо манӣ, ту бе манӣ,
Эй нозанин, эй моҳрӯ.
Ман бо туам, ман бе туам,
Бо шодию ғам рӯ ба рӯ.

Як лаҳза ойӣ пеши ман,
Чун марҳаме бар реши ман.
Аммо шитобон меравӣ,
Аз тарси бадандеши ман.

Бо ёди рӯят то саҳар
Бехоб мегардад дилам.
Чун мӯи ту аз сӯзи ишқ
Сад тоб мегардад дилам.

Хоҳам, ки бошӣ пеши ман,
Хоҳам, ки бошам пеши ту.
Марҳам шавӣ бар реши ман,
Марҳам шавам бар реши ту.

Ту бо манӣ, ту бе манӣ,
Эй нозанин, эй моҳрӯ.
Ман бо туям, ман бе туям,
Бо шодию ғам рӯ ба рӯ.

## ЁД

Ёди ту ба сар омад
Дар ин шаби танҳоӣ.
То субҳи сафо будам
Дар олами зебоӣ.

Дар мулки хаёли ман
Афрӯхт маҳи рӯят.
Овард насими ишқ
Шаббодаи гесӯят.

Пироҳани зебоят
Ҳамранги баҳорон буд.
Дар мулки хаёли ман
Фасли гулу борон буд.

Чун ҳолати дерина
Будӣ ту дар оғӯшам.
Ғамҳои ҷаҳон бо ту
Гардид фаромӯшам.

Чашми ту ба ҷоми дил
Аз шавқ шарар мерехт.
Акси маҳи рухсорат
Савдои дигар мерехт.

Хуш буд маро ин шаб,
Ҳайфо, ки саҳар омад.
Ту рафтию бар гӯшам,
Овози дигар омад…

## БАДЕҲАИ БЕМОРИ ИШҚ

Писар:
Эй лоларухи базеби хилъатпӯшам,
Дар ишқи ту зору хастаю мадҳӯшам.
Хоҳам, ки ба ту арзи муҳаббат созам,
Пеши ту зи оташи ҳаё хомӯшам.

Духтар:
Гуфтам, ки ягон балои дигар дорӣ,
Дар чеҳраи ту надидаам беморӣ.
Ҳар ҷо ки равам, ту аз паям мепоӣ,
Гӯё ки қадамҳои маро мешморӣ.

Писар:
Бемори ғами ишқи туам, ҷонона,
Аз баҳри ту омадам ба дармонхона.
Ҳар як нигаҳат ба дарди ман дармон аст,
Бар шамъи рухи ту гаштаам парвона.

Духтар:
Мисли ту ҷавони ҳарзагӯ бисёр аст,
Ҷӯяндаи бахту орзу бисёр аст.
Бовар накунам ба некии сохтаат,
Носохта одами накӯ бисёр аст.

Писар:
Бар дарди дилам ғайри ту марҳам набувад,
Ҳарчанд ки мисли ту парӣ кам набувад.
Ман дил ба ту додаму қаноат кардам,
Ёре, ки шикаст аҳд, одам набувад.

Духтар:
Хушбахт касӣ, ки гаштаам қоили ту,
Шуд ин дили номоили ман моили ту.
Дарёи муҳаббатию хоҳам бошам
То охири умр ҷовидон соҳили ту.

## БА МУНОСБАТИ ОМАДАНИ АҲМАДИ НАҶОТ

Ҳамчун насими тоза зи Эрон хуш омадӣ,
Ай подшоҳи мулки далерон хуш омадӣ.
Аз мазраи муқаддаси пайғамбарони шеър
Бар маснади кунунии Сомон хуш омадӣ.
Аз ҳафт хони рустамӣ мо об хӯрдаем,
Мушкил шавад зи макдамат осон хуш омадӣ.
Пайки таҷаллӣ медиҳад имкони дӯстӣ,
Равшанзамиру рӯшаниимкон хуш омадӣ.
Чун шоҳи мо зи лутфу Ҳақ ӣмоми дӯстист,
Фарши раҳат матои дилу ҷон хуш омадӣ.

* * *

Ин тантанаи тоҷику иронӣ муборак,
Васле, ки расид аз пайи пазмонӣ муборак.
Парвардаи як решаву як мазҳабу динем,
Якҷоягии баъди парешонӣ муборак.

* * *

Гулбасар монад ҳамеша нахли боғи дӯстӣ,
Маслаки ояндагон бошад суроғи дӯстӣ.
Меҳросо равшанӣ бахшад тамоми Шаркро,
Партави нуре, ки хезад аз чароғи дӯстӣ.

* * *

Сангтӯда, олами нуру зиёи дӯстӣ,
Маъбади нуре, ки рахшад аз зиёи дӯстӣ.
Ахтаристоне, ки бикшояд раҳи фардои мо,
Бод шаҳболи садоқат дар фазои дӯстӣ.

* * *

Ҳамдилӣ бо кӯҳнаёрон ёд бод,
Ваҳдати тоҷику Эрон ёд бод.
Дӯстии аҳди Сомон рафт агар,
Дӯстии Оли Раҳмон ёд бод.

Васли мо бахшад зиёи дӯстӣ,
Ҳиммати равшанзамирон ёд бод.
Ояд аз хоки Мусалло ин нидо,
«Ёд бод он рӯзгорон, ёд бод.»

4. 02. 2006

## ТАБРИКНОМА

Пахтаҳо аз ҳиммату нанги ватандорӣ шукуфт,
Дар баҳои заҳмату шабҳои бедорӣ шукуфт.
Зодаи марди накӯрое туӣ, аз ҳимматат
Қитъа-қитъа ғунчаи тухми накӯкорӣ шукуфт.
Қавл дода мондӣ андар қавли мардӣ устувор,
З-ин амал дар қалбҳо нанги вафодорӣ шукуфт.
Оби ҷӯят аз талошу азми ту шуд оби рӯ,
Ғунчаи умедҳо бо ранҷу душворӣ шукуфт.
Гуфт бархи бесуботу монда аз меҳнат канор,
Қуллаи фатҳаш зи дасти мардумизорӣ шукуфт.
Гуфтамаш сесола фатҳи ӯ худодӣ бувад,
Дар замираш рашк аз кибру ҳасадхорӣ шукуфт.
Фатҳи нав бодо муборак бар ту, эй марди наҷиб,
Аз сахою ғайратат даврони бозорӣ шукуфт.

## ЗАНГИ ОХИР

Дил шоду беқарор аст,
Чун субҳи навбаҳор аст.
Сармасти ифтихор аст,
Дар рӯзи занги охир.

Дунёи бекарона
Зебост дилбарона,
Аз рақсу аз тарона
Дар рӯзи занги охир.

Дар дида ашки шодӣ,
Дар дил ғами зиёде.
Хонем «Хайрбодӣ»
Дар рӯзи занги охир.

Ҳарчанд бовафоем,
Мушфиқ ва ҳамнавоем,
Акнун зи ҳам ҷудоем
Дар рӯзи занги охир.

## МУВАШШАҲИ ФИРӮЗУ МАЛОҲАТ

Фирӯзиат, эй ёри вафодор, муборак,
Ин базм, ки шуд аз қадами ёр, муборак.
Рӯҳи падарат ташнаи умеду ҳавас буд,
Ӯ низ шавад шод аз ин кор, муборак.
Завқида ҳама бахт бихоҳанду бигӯянд
Маҳбубаи хушсурату ғамхор, муборак.
Аз меҳру вафо то ба фалак мерасад акнун,
Лутфу сухани ёри вафодор, муборак.
Осудагию бахти ҳумоюн ба ту имрӯз
Ҳар лаҳза бувад ёру мададгор, муборак.
Аз сидқу вафо баҳри ду дилдодаи дерин
Табрик бигӯем ба такрор, муборак.

## САРТАРОШОН

Сартарошон суннати аҷдодӣ аст,
Сартарошон рамзи бахту шодӣ аст.
Чун нишони покию мардонагӣ,
Зеби базми келину домодӣ аст.

Сартарошӣ оини мардон бувад,
Чун нишони мазҳабу имон бувад.
Сар тарошидан бувад кори савоб,
Сартарош ин беҳтарин инсон бувад..

Ман он наям, ки кор ба шӯру мағал кунам,
Баҳри ризои хотири халқам ҷадал кунам.
Орусифат зи гулшани садранги хотирам
Бӯида ҳар сухан ба маонӣ асал кунам.
Ғам сӯзадам гаҳе, нашавам мубталои дард,
Ғамро зи шавқи шеър ба шодӣ бадал кунам.
Таънам чӣ мезанӣ, ки бувад шоирӣ гуноҳ,
Зикри Худо ҳамеша зи ту бармаҳал кунам.
Гуфтӣ: « Сухан чӣ суд диҳад! – сарвате биҷӯй »,
Шодам, худ аз барои сухан камбағал кунам.
Айбам маҷӯ дигар зи паси курсии амал,
Эзид ҳар он чи гуфт ба дил, ман амал кунам.
Бар дил зи хомфикрии ту сад халал расад,
Ман муддаои хеш, вале бехалал кунам.
Дил бастанам ба аҳли вафо ногусастанист,
Нафрат ба халқу мансаби марди дағал кунам.
Пойи хаёли хеш ба сад орзу Сайид,
Андар рикоби зарҳали аспи ғазал кунам.

* * *

Омад баҳору ман, вале озурдаам ҳанӯз,
Гулҳо шукуфту ғунчаи пажмурдаам ҳанӯз.
Пур гашт баҳри сина аз селобаи алам,
Чун бодхӯрда соҳиле афсурдаам ҳанӯз.
Аз бевафоиҳои ӯ дил гашт сард, лек
Ҷонро ба чанги ҳасраташ биспурдаам ҳанӯз.
Бар дилбари ҳавову ҳавас дил набохтам,
Дар остони ишқ панаҳ бурдаам ҳанӯз.
Нахли вафо ба қалби Сайид аст дар нумӯ,
Бегонаи муҳаббаташ нашмурдаам ҳанӯз.

* * *

Лолаи доғаму дар дашту даман месӯзам,
Дар баҳори навам аз доғи куҳан месӯзам.
Гармсели ҳасади аҳли риё сӯхт дилам,
Бо дили сӯхта аз сӯзи бадан месӯзам.
Ғами соҳибназарон дидаву аҳволи сухан,

Зи ғами аҳли дилу қадри сухан месӯзам.
Булбулонро ҳаваси боғу чаман рафта зи дил,
Дида дар боғу чаман зоғу заған месӯзам.
Чу ғарибе, ки ба дил меҳри ватан мегиряд,
То баҳори дигар аз доғи ватан месӯзам.
Чу Сайид оташи суғдам, ки бимирам сад бор
Боз эҳё шуда дар оташи тан месӯзам.

* * *

Чашмам аз оинаи дидори ту покӣ гирифт,
Дид чашматрову дил оини бебокӣ гирифт.
Бо парастуҳои шавқу орзуят табъи ман
Бол бикшод, аз фараҳ парвози афлокӣ гирифт.
Мисраҳоро об додам аз шамими мӯи ту,
Байтҳоям авҷҳои тозаи токӣ гирифт.
Буд ҳуснат чун Мусалло, лаб чу Рукнободи мӯл,
Шуд таманно ҳамчу Ҳофиз он майи боқӣ гирифт.
Абри ҳаҷрат рехт борони ғам андар кӯи дил,
Дард дилро, эй Сайид, охир зи намнокӣ гирифт.

* * *

Ишқ аст ганҷи ошиқ, ғамёру ҳамдами дил,
Ҳаҷр аст доғу дардаш, васл аст марҳами дил.
Асрори олам афзун бошад, вале фузунтар
З-ин чархи пурситора асрори олами дил.
Шодӣ расад ба ҷамъе аз гардиши замона,
Рӯзии дигаре нест ҷуз ғуссаю ғами дил.
Рӯи ту қабаи ҳусн, эй гулшани таҷаллӣ,
Ҳар бӯсаи лабонат чун оби зам-зами дил.
Қорун набошам, эй кош, ҳам Ҳотам аз зару пул,
Эзид маро бигардон як умр Ҳотами дил.
Қонеъ бишав зи дода, ғамро макун зиёда,
Гӯй, эй Сайид сад шукр, аз бешу аз ками дил.

* * *

Дунёталабон лаззати дунё нашиносанд,
Гумроҳи замонанд, ки уқбо нашиносанд.
Сад раҳ лаби дарё бинишинанд ба ишрат,
Умр аст равон аз пайи дарё нашиносанд.
Доранд ба дороӣ фақат иззати одам,

Тақдири бади Қоруну Доро нашиносанд.
Сад бор шифо дида нахонанд « Шифо»-ро,
Маърифати « Қонун»-ии Сино нашиносанд.
Ошиқ шуда, сад дилбари раъно бифиребанд,
Вомиқ, ки наянд, арзиши Узро нашиносанд.
Кӯтаҳназаронанд Сайид оқили душмани,
Аз бехиради ҳоли дили мо нашиносанд.

* * *

Машъале аз ишқи ту дар дил фурӯзам, шод бош,
Ҳар гаҳе дар оташи ишқи ту сӯзам, шод бош.
Чун замини сард вақте дар талоши офтоб,
Бо муҳаббат бар ҷамолат дида дӯзам, шод бош.
Осмон пурнур аз маҳ буду зебо ахтарон,
Лек васфатро бигуфтам то ба рӯзам, шод бош.
То нарӯбад боди ҳаҷр аз дил нишони ишқи ту,
Шамъи меҳрат моҳрӯ бар дил фурӯзам, шод бош,
Гар хазон гаштӣ, Сайид аз ҳаҷри ӯ ғамгин машав,
Сабз дорӣ нахли ишқи ӯ ҳанӯзам, шод бош.

* * *

Имшаб шаби висоли гулу лушан асту бас,
Шоми дил аз ҷамоли маҳе равшан асту бас.
Гуфтам, ки ишқ чист?– Бигуфтанд бо алам:-
Дарди хуши гудозиши ҷону тан асту баст.
Эй мабдаи муҳаббату ихлос, баҳри ман
Шаҳди каломи поку хушат ҷавшан асту бас.
Сад раҳнамои нек агар ҳаст, то абад
Ёди ту раҳнамои накӯ бар ман асту бас.
Ояд ба даст гавҳари мақсудат, эй Сайид,
Сарчашмаи вафои дилат меҳан асту бас.

* * *

Ҳарчанд ранҷ дидам, аз роҳи худ нагаштам,
Огаҳ шудам зи ҳар дил, огоҳи худ нагаштам.
Дар умри кӯтаҳ афзун бигрифтф панди пирон,
Чун ҳарза даври ақли кӯтоҳи худ нагаштам.
Даргоҳи бахтҷӯён рафтанд аз бари деҳ,
Як дам ҷудо зи деҳу даргоҳи худ нагаштам.
Ҳамрози аҳли дардам, орӣ зи мансабу ҷоҳ,

Аз халқ ҷуста дурӣ, бо ҷоҳи худ нагаштам.
Дасти тамаъ набурдам бар ҳадяи рақибон,
Миннаткаши рақибу бадхоҳи худ нагаштам.
Ҳамроҳии Сайид аст, ҳамроҳии дилу ҷон,
Шодам, хилофи райъи ҳамроҳи худ нагаштам.

* * *

Умрам гузашт, афсӯс, он дилситон наёмад,
Дилро рабурд, аммо бар қасди ҷон наёмад.
Дар оташи фироқаш, гар сӯхт ҷисму ҷонам,
Як лаҳза он ҳабибу номеҳрубон наёмад.
Чашми умед ҳар шаб аз осмон нагирам,
Як бор ахтари ман бар осмон наёмад.
Чун навбаҳор бигзашт, айёми навҷавонӣ,
Он турнаи фирорӣ гоҳи хазон наёмад.
Шуд сарфи некхоҳи ҳар лаҳзаи ҳаётам,
Подоши заҳматам, лек ғайр аз зиён наёмад.
Гарчи Сайид умре дарси забон биомӯхт,
Ҳайфо, ки номи некаш андар забон наёмад.

* * *

Аз фишори зиндагӣ ҳар гаҳ дилам таҳ мезанад,
Сар ба девори қафас ин мурғи огаҳ мезанад.
Сӯзу дардамро набошад марҳаму дардошно,
Чанг бар ҷонам уқоби дард ҳар гаҳ мезанад.
Шеъри ман шӯридаи дард аст, эй ғофил бидон,
Ҳар кӣ бедард аст, бар ашъори ман наҳ мезанад.
Роҳ мушкил бурд кас то олами дил мерасад,
Аз бародарҷӯи Рустам хеш дар чаҳ мезанад.
Ҳар замон гӯяд, ки тарки шеър месозам, Сайид,
Табъи модарзод ӯро, лек аз раҳ мезанад.

* * *

Шеъри ман гар паст, ё волост, эҷоди ман аст,
Ақл раҳбар, хома ҳамдам, ранҷ устоди ман аст.
Дур аз аҳли қалам афтода дар домони кӯҳ,
Ҳикмати ашъори ман худ акси фарёди ман аст.
Об хӯрда шеъри ман аз чашмаҳои кӯҳсор,
Ҳар чӣ гуфтам, зодаи табъи худододи ман аст.
Нақши дасти ғайр дар девори байтам нест-нест,

Ҳар сухан андешаи афкори озоди ман аст.
Нест моро даъвии воломақомӣ дар сухан,
Зинда бодо, он ки ӯ дар фикри эроди ман аст.
Ман намепӯшам гуноҳи сактаҳои шеъри худ,
Лаъл дар санги дурушти шеъру бунёди ман аст.
Ҳар куҷо бинам бузурге лол мемонам, Сайид,
Дар сукути ман нишони неки аҷдоди ман аст.

* * *

Ғайри ғами ту маро ғаме нест,
Ҷуз васли хуши ту марҳаме нест.
Бе чашмаи ҷовидони ишқат,
Дар мазраи умри ман наме нест.
Бе ёди ту лаҳзае нашинам,
Ҷуз ёди ту ёру ҳамдаме нест.
Қурбони ҷамоли дӯст бошам,
Аз дидани душманам раме нест.
Аз боди самуми ҷоҳҷӯӣ,
Гулбоғи мурод хурраме нест.
Дил баста ҳама ба ганҷи олам,
Инсоф ба қалби одаме нест.
Имрӯз Сайид рағми зулмат,
Сӯҳроб бимурду Рустаме нест.

* * *

Ёди айёме, ки қалби беқароре доштам,
Дар дилам аз оташи ишқаш шароре доштам.
Чун баҳорон буд ҳуснаш нозанину дилрабо,
Андар оғӯши ҷавонӣ навбаҳоре доштам.
Хандаи мастонааш мекард обу оташам,
Як ҷаҳон лаззат ҳам аз бӯсу каноре доштам.
Чашми ӯ чун чашмаи меҳру вафо покиза буд,
Дар раҳаш чун ташна чашми интизоре доштам.
Рафт чун умри ҷавонӣ ишқу армони Сайид,
Варна хуш рӯзеву хуррам рӯзгоре доштам.

* * *

Ҷуз дарди ишқ дарде дар қалби мо нағунҷад,
Ҳам дар сарам хаёлу фикри хато нағунҷад.
Дил дода сӯзи ишқаш андар баҳо харидам,
Дар қалби дилсиёҳон нуру зиё нағунҷад.

Аҳли вафо ҳамеша дар фикри рӯзгоранд,
Дар зиндагонӣ, аммо аҳли вафо нағунҷад.
Гӯянд сӯзу дардат дар шеър бешумор аст,
Ин дард дар замири созу наво нағунҷад.
Рангин бувад хаёлаш, танг аст қолаби шеър,
Рангинии хаёлаш дар ин қабо нағунҷад.
Ин даҳр носипос аст, олист ҳукми тақдир,
Мушкил кушода гардад, мушкилкушо нағунҷад.
Қалби Сайид гашта чун ошёни меҳраш,
Дар ӯ ба ҷуз вафою меҳри Худо нағунҷад.

* * *

Панду хирад аз гардиши айём биомӯз,
Бедорӣ ту аз ошиқи ноком биомӯз.
То лаззати осоиши ин даҳр бидонӣ,
Аз мурғи асир офияти дом биомӯз.
Мастӣ набувад оини мардони ботамкин,
Май хӯрдану осудагӣ аз ҷом биомӯз.
Мардонагию покдилӣ ҷавҳари зот аст,
Ин рутба зи аҷдоди Каю Сом биомӯз.
Хоҳӣ, ки агар зинда бимонӣ ту пас аз марг,
Ҷон бохтан аз Шамс гаҳи шом биомӯз.
Қасди ту Сайид, ар ғазалу шеъри равон аст,
Аз Мавлавию Ҳофизу Хайём биомӯз.

* * *

Дарду доғи дили ман дарду азоби Ватан аст,
Марҳами ҷону танам қатраи оби Ватан аст.
Чашм бикшодаму худро ба канораш дидам,
Чашмаи меҳри ман аз файзи саҳоби Ватан аст.
Пуштаҳояш, ки аз ӯ бӯи азизон ояд,
Рӯҳбахшанда ба монанди гулоби Ватан аст.
Дар фазояш бикунад мурғи хаёлам парвоз,
Шоҳболи Суханам боли уқоби Ватан аст.
Зӯр бахшад ба дилам ишқи Ватан дар ҳама кор,
Умри ман сарфи ҳама кори савоби Ватан аст.
Олами меҳри Сайид аст Ватан то дами марг,
Маънии шеъри ман аз панди китоби Ватан аст.

* * *

Бемеҳрии аҳли замон нороҳатам кунад,
Дидори ёри бадгумон нороҳатам кунад.
Савдои зиндагӣ бас аст аз баҳри одамӣ,
Ноодамии одамон нороҳатам кунад.
Ҳар панди пири нуктадон осоиш асту лек,
Гапнодароии ҷавон нороҳатам кунад.
Гоҳи набард месазад санҷидани силоҳ,
Дар кӯча бозии камон нороҳатам кунад.
Лутфи баёну шарму ҳаё ҷавҳари зан аст,
Ҳарфи занони бадзабон нороҳатам кунад.
Аз душманони пурҳунар чашми ҳарос нест,
Рашки рақиби нотавон нороҳатам кунад.
Ҷои садои булбулон овози чуғз, агар
Ояд зи тарфи бӯстон нороҳатам кунад.
Байте нишони нек бимонад пас аз Сайид,
Тақдири марди бенишон нороҳатам кунад.

* * *

Ҳар нигоҳат ба дилам оташи сӯзон резад,
Лаби майгуни ту май дар қадаҳи ҷон резад.
Мисли гул мегузарӣ аз чаманистони ҳаё,
Ҳусни ту рашк дар оғӯши гулистон резад
Бод мӯи ту ба сад ноз парешон созад,
Шавқ дар қалби мани масту парешон резад.
Хандаат дар ватани ишқ танин андозад,
Аз дарахти ҳавасам ғунчаи армон резад.
Атри гесӯи ту пайғоми баҳорон орад,
Шӯр дар ҳастии фарзанди кӯҳистон резад.
Чу Сайид акси туро диду ба тасвир кашид,
К-аз вуҷуди қаламаш меҳри фаровон резад.

* * *

Саҳна аз бесанъатон хор асту бас,
Ҷои макру ҷои озор асту бас.
Беҳунар умре наёбад нақши худ,
Худнамоиро нигаҳдор асту бас.
Айбҷӯ бошад касе, ноқобил аст.
Беғамӣ кори сияҳкор асту бас.
Ифтихор аз ранҷи дасти дигарон,

Баҳри мардон даҳшату ор асту бас.
Душмане ҳаргиз нагардад ошно,
Гоҳи сахтӣ ёру ғамхор асту бас.
Заҳр дорад дар замири ҳар сухан,
Пурхатар монандаи мор асту бас.
Сӯҳбати оқил бишӯяд занги дил,
Ҳарфи ноаслон чу зангор асту бас.
Беҳунар ҷӯяд гуноҳи дигарон,
Гарчи худ умре гунаҳгор асту бас.
Санъати воло биёбад роҳи дил,
Дилрабоӣ кори дилдор асту бас.
Некмардонро зи ноаслон Худо,
Эй Сайид, охир мададгор асту бас.

* * *

Дар тани миллат чу ҷон бошад, забони модарӣ,
Беҳтарин нагҷи ҷаҳон бошад , забони модарӣ.
Миллате, ки мекунад хораш, бигардад бенишон,
Появу ному нишон бошад, забони модарӣ.
Аз каломаш ҳикмату бӯи азизон мерасад,
Восили давру замон бошад, забони модарӣ.
Тоҷик аз сеҳри каломаш гашт машҳури ҷаҳон,
Бартар аз теғу камон бошад, забони модарӣ.
Шеъри оламгир ӯро гашт чун оби ҳаёт,
Хизросо ҷовидон бошад, забони модарӣ.
Мекунад пайванд ӯ бигзаштаву имрӯзаро,
Номаи ояндагон бошад, забони модарӣ.
Ҳар каломи ӯ муқаддас омад аз баҳри Сайид,
Зиндагибахшо чу нон бошад забони модарӣ.

* * *

Дардо, ки даҳр арсаи исёну коҳиш аст,
Равшандил аст, он ки гирифтори нолиш аст.
Ҳаргиз магӯ, ки аҳли ҳунар хор гаштаанд,
Дар манзиле, ки ҷамъи рақибони дониш аст.
Нофорам аст ҳарфи ҳақиқат ба аҳли ҷоҳ,
Эшон зи баски ташнаи мадҳу ситоиш аст.
Ях бастааст завқи сухан дар равони давр,
Дигар чӣ ҷои ташвиқу ҷои гузориш аст.
Лутфи сухан кунун ҳама гуфтори носазост,
Ҳоҷат куҷо ба нармию лутфу навозиш аст.
Дар кишваре, Сайид зи фарҳанг ғофиланд,
Нобоварӣ ба ваҳдату паймону созиш аст.

* * *

Дар дил ҳазор олами асрор хуфтааст,
Мурғи сухан ба шохаи ашъор хуфтааст.
Гардида сард равнақи бозори илму фан,
Дур ин матоъ ба гӯшаи бозор хуфтааст.
Ғам об карда одами равшанзамирро,
Қалбаш миёни ҳавзаи зангор хуфтааст.
Қасри сахо бигашта зи дарёдилон тиҳӣ
Бо дасти ҷаҳл сахт валангор хуфтааст.
Шафқат рамида аз дили савдогари даво,
Шоҳини вазн алайҳи харидор хуфтааст.
Озурда аст ин дали ғампарвари Сайид,
З-ин дарду ғам ба синаи афгор хуфтааст.

* * *

Дар мулки вафо ҳеҷ ба манзил нарасидем,
Бо дидаи бедор чу ғофил нарасидем.
Бигрифта раҳе аз дили дарёи муҳаббат,
Бо киштии уммед ба соҳил нарасидем.
Бурдем, агар лаззати маъшуқаи айём,
Бар қадри яке дилбари хушгил нарасидем.
Дил об бикардем чу ҷӯёи ҳақиқат,
Як лаҳза, вале бар ҳаваси дил нарасидем.
Моро чу фалак бозичаи дасти риё кард,
Бар қадри яке одами оқил нарасидем.
Бурданд чу занбӯри асал шарбати моро,
Чун нахли хазонгашта ба ҳосил нарасидем.
Ҳамсӯҳбати бетарбиятон тифли вафо шуд,
Бар ҳурмати дурдонаи маҳфил нарасидем.
Гаштем басе тирадил аз гардиши айём,
Бар хикмати Фирдавсию Бедил нарасидем.
То олами мақсуд Сайид аз раҳи тақдир,
Озод зи сарпанҷаи мушкил нарасидем.

* * *

Ҷуз гарди ғам андар дили озурдаи мо нест,
Ранге ба рухи хастаю пажмурдаи мо нест.
Ҳарчанд гиристем чу дарё ба раҳи умр,
Шафқат ба дили соҳили афсурдаи мо нест.
Айбам зи чӣ ҷӯӣ, ки наёбӣ ту раҳи суд,

Бедодгарӣ дар ҷигару гурдаи мо нест.
Сӯзем, гар аз ҳасрати нокомии чанде,
Парвои кас аз луқмаи нохӯрдаи мо нест.
Бурданд, агар тирадилон сарвати моро,
Ҷуз ганҷи вафо тӯшаи нобурдаи мо нест.
Бифшурда пайи сулҳ гаҳе дасти рақибон,
Касро гузаре аз дили афшурдаи мо нест.
Дар зиндагӣ ар қадри ту Сайидаш нашиносанд,
Мӯҳтоҷ ба эҳсони касе мурдаи мо нест.

* * *

Дар олами нигоҳат дунёи роз хуфта,
Аз роҳи қалби покат изи бадист руфта.
Рухсора арғувонӣ, аз шӯри навҷавонӣ,
Сад ғунчаи табассум андар лабат шукуфта.
Чун нахли қомати ту гулпӯш кас надида,
Чун лаъли обдорат кас гавҳаре насуфта.
Дар мӯи тобдорат сад печу тоби қисмат,
Дар лолазори рӯят сад накҳати нуҳуфта.
Гирад агар ба ёдат рӯзе Сайид хома,
Сар мезанад зи меҳрат сад мисраи нагуфта.

* * *

Дили дардошноям дарду дармони ту мехоҳад,
Зи сӯзи ишқ лабрез асту паймони ту мехоҳад.
Хумори ташнагӣ кай бишканад аз чашмасори умр,
Ду чашмам обхӯрданҳо зи чашмони ту мехоҳад.
Баҳорон рафту хушкиданд гулҳо дар гулистонҳо,
Вуҷудам лаззати боғу гулистони ту мехоҳад.
Сарам аз силаи дасти вафо, эй моҳрӯ, дур аст,
Хумор асту навозишҳои дастони ту мехоҳад,
Агар доро паноҳ ҷӯяд ба зери сояи сарват,
Вале дил сояи абрӯю мижгони ту мехоҳад.
Агар васлат намегардад муяссар то дами маҳшар,
Равонам доғу дарду ранҷи ҳиҷрони ту мехоҳад.
Сайид аз оташи ишқи ту мисли шамъ месӯзад,
Гадои як навозиш асту эҳсони ту мехоҳад.

* * *

Дигар ба диле ҳавас намондаст.
Осудагие ба кас намондаст.
Хушкида гули муроди мардум,
Ҷуз сабзиши хору хас намондаст.
Доди ту намекунад касе гӯш,
Як довари додрас намондаст.
Бадро накушад дуои пирон,
Покӣ ба даму нафас намондаст.
Аз хони замон маҷӯй шаҳде,
Он ҷо ба ҷуз аз магас намондаст.
Аз боми сахо фитода некон,
Ҷуз чуғз дар ин нигас намондаст.
Сайди ту Сайиди ишқи пок аст,
Эй шӯх, биё, қафас намондаст.

* * *

Оташ хамӯш гардад агар, дуд бигзарад,
Равшандил аз сарои ҷаҳон зуд бигзарад.
Санг аз сахои хеш хӯрад нахли пурсамар,
Умри касони нек ғамолуд бигзарад.
Оби ҳаёти гулшани умр аст номи нек,
Умре накӯст – к-аз пайи мақсуд бигзарад.
Тундӣ макун, ки баҳри ҳаёт аст беканор,
Он ҷо фиғону валвалаи рӯд бигзарад.
Ҷовид монд ҳикмати Фирдавсӣ, эй Сайид,
Даврони пурасорати Маҳмуд бигзарад.

* * *

Зи ҳар марди накӯ аз баъди маргаш ном мемонад,
Ба номи зиштихӯён нафрату дашном мемонад.
Насиби пешдаст асло нагардад гавҳари мақсуд,
Зи гул бастан ба сармо бесамар бодом мемонад.
Ба сахтӣ медиҳад ҷон он ки шайдои ҳавас гардад,
Зи ҳирси донае мурғи ҳаво дар дом мемонад.
Нагардад номвар он кас, ки Рустам гар бувад номаш,
Зи пушти Рустами ял зинда қавми Сом мемонад.
Набардорад тани бечора рӯзе бори зулматро,
Варо кай эҳтиёҷи зиндагӣ ором мемонад.
Ҳама ёбанд ком аз шаҳди ҷоми зиндагӣ рӯзе,
Фақат дар зиндагӣ аҳли сухан ноком мемонад.
Сайид айбе маҷӯ аз гардиши ин даҳри дунпарвар,
Ки кори ӯ ба кори марди хуношом мемонад.

* * *

Дил об бикардему дилозор нагаштем,
Дидем ҷафо, лек ҷафокор нагаштем.
Хӯрдем ғам аз ҳасрати ёрони забонӣ,
Дар мушкили худ соҳиби ғамхор нагаштем,
Мурдем, агар дар талаби донаи уммед,
Чун каргасу зоғ аз пайи мурдор нагаштем.
Сар гашт фигор аз зарари ҷодаи таълим,
Таҳсиншунави даргаҳи сардор нагаштем…
Бори аламу дарди замон тӯшаи мо шуд,
Чун навсафар аз ин раҳи душвор нагаштем.
Деҳқони вафодори Ватан буд падари мо,
Дар хоки Ватан, лек заминдор нагаштем.
Аз ҳоли Саид, ар хабарат нест, наранҷем,
Шукрона, ки бар даргаҳи ту зор нагаштем.

* * *

Дар гулшани хаёлам зебою дилситонӣ,
Як олами вафоӣ, дилсӯзу меҳрубонӣ.
Нахли муҳаббати мо дидаст агар хазонро,
Дар навбаҳори ёдам дилҷӯю бехазонӣ.
Аз кӯчабоғи ишқат рӯзе, ки по гузорам,
Ғарқи хаёл бошам дар олами ҷавонӣ.
Ояд ба гӯши хотир овози дилнишинам,
Сад тоб мехӯрад дил аз сӯзи ногаҳонӣ.
Ишқи ту хуш навид аст, ганҷинаи Саид аст.
Дар шеъри ӯ биёбад маъвои ҷовидонӣ.

* * *

Бо ту бошам, олами беинтиҳое бо ман аст,
Қалби лабрези пур аз меҳру вафое бо ман аст.
Ғунчаҳои орзу аз мақдамат гул мекунад.
Як баҳори нозанину дилрабое бо ман аст.
Бо ту механдад замину осмон дар чашми ман,
Шодию хурсандию нуру зиёе бо ман аст.
Шеъри ман аз ҳусни ту ҳусни дигар зам мекунад,
Наварӯси мисраи рангинқабое бо ман аст,
Бе ту ғам дорад ҳамеша қалби шайдои Саид,
Ранҷу дарду ғуссаю ҷабру ҷафое бо ман аст.

* * *

Фурқати ту дар танӯри дард месӯзад маро,
Васли ту бо шӯълаҳои меҳр афрӯзад маро.
Зиндагонӣ устоди дурандеши ман аст,
Дар набарди дарду шодӣ панд омӯзад маро.
Атри гесӯи ту меорад сабо ҳамроҳи худ,
Бар раҳат наззора аз нав чашм медӯзад маро.
Бо хаёлаш рӯзу шаб хотирпарешонам, Сайид,
Панҷаи меҳраш чу гавҳар боз андӯзад маро.

* * *

То ба даст орӣ дили озурдае, дилсӯз бош,
Навбаҳори зиндагиро муждаи Наврӯз бош.
Чун насими бахт сӯи номуродон роҳ гир,
Дар набарди лашкари зулмот чун Ҳурмуз бош.
То расад аз шеваи гуфтори ту бӯи вафо,
Дар баёзи шеъри ҳастӣ мисраи пурсӯз бош.
То биафрӯзӣ чароғи меҳр дар дилҳои доғ,
Дар самои некномӣ меҳри худафрӯз бош.
Дарси қисмат, эй Саид, аз зиндагонӣ ёд гир,
Ҳам адаб омӯзу ҳам умре адабомӯз бош.

* * *

Модари раҳинтизорам интизорият гузашт,
Дар раҳи уммедҳо уммедворият гузашт.
Дар баҳори кӯдакӣ қадрат надонистам дареғ,
Гиряҳои талхи чун абри баҳорият гузашт.
Зинда дорӣ то маро аз панҷаи сарди аҷал,
Мижжа таҳ нокардану шабзиндадорият гузашт.
Навҷавонӣ буду мо ҳам беқарорӣ доштем,
Дар ғами саҳву хатоям беқарорият гузашт.
То сабақ омӯзаму ҳаргиз нагардам зори кас,
Илтиҷою хоҳишу тадбиру зорият гузашт.
Мисли мурғони фирорӣ рафта будам аз барат,
То мададгорат шавам, умри фирорият гузашт.
Меҳрубоно, хоксорӣ буд умре пешаат,
Хок гаштӣ меҳрубонам, хоксорият гузашт.
Гар Сайид аз ғам бисӯзад ҳам, насӯзад мисли ту,
Ғамсусори ман дареғо, ғамгусорият гузашт.

* * *

Баҳри марди носазо лутфи сухан бегона аст,
Накҳати гулзор бар зоғу заған бегона аст.
Дар набарди ошиқӣ фаҳмид Хусрав оқибат,
Бевафоӣ аз барои Кӯҳкан бегона аст.
Ҳар киро шафқат ба модар нест, хасми миллат аст,
Нокасонро бӯи ҷонбахши Ватан бегона аст.
Гар адаб набвад, намемонад вафо дар рӯзгор,
Бар бародар Юсуфи гулпираҳан бегона аст.
Худшиносӣ, эй Сайид оғози меҳри миллат аст,
Хеш нашносад кассе, бар хештан бегона аст.

* * *

Эй сухан, олами рангин дорӣ,
Ранҷи бешу ғами ширин дорӣ.
Ҳачу маъшуқаи нозукҳаракат,
Накҳати сумбулу насрин дорӣ.
Ту ҳамон олиҳаи оъҷозӣ,
Сайр дар Зӯҳраву Парвин дорӣ.
Гоҳ ҳамболи кабӯтар бошӣ,
Чашми даррок чу шоҳин дорӣ.
Аз ту гаҳ савту наво мехезад,
Гоҳ хашму ғазабу кин дорӣ.
Бори дарду ғами олам дар туст,
Кӯҳсон тоқату тамкин дорӣ.
Поктар аз ту надидем, Сайид,
Аз сухан мазҳабу оин дорӣ.

* * *

Дар ривоқи хонаи дил шамъи сӯзон аст ишқ,
Як сахое аз саховатҳои Яздон аст ишқ.
Гоҳ ором асту гоҳе беқарорат мекунад,
Покбоз, аммо чу дарёи хурӯшон аст ишқ.
Сӯз дорад, ранҷ дорад, лек чун шаҳди вафо,
Аз барои қалби ошиқ боз дармон аст ишқ.
Гаҳ хазон гардад зи ҳаҷру боз аз оби висол,
Гулфишон монанди фасли навбаҳорон аст ишқ.
Нур мегирад маҳи нав аз ҷамоли офтоб,
Шӯълаи уммед бар бахти ҳумоён аст ишқ.
Оташи ӯ ҷой андар мағзу ҷони ошиқ аст,
То дами ҷон доданаш шамъи фурӯзон аст ишқ.
Беҳтарин мерос аз бобои Одам, эй Сайид,
Баҳри сарсабзии фарзандони инсон аст ишқ.

* * *

Шӯре зи нигоҳи ту дар кишвари ҷон афтад,
Борони ҳаё дар дил аз абри гумон афтад.
Мушкил бувад овардан ишқат ба забон аз дил,
Ту сеҳргарӣ наздат ҳарфам зи забон афтад.
Чашмам чу шаби тор аст, акси ту чу моҳи нав,
Равшан бишавад ҳар гаҳ аксат чу дар он афтад.
Чун атри равонбахшат орад ба машомам бод,
Аз нахли таманно ғам чун барги хазон афтад.
Боз ой, даме биншин, бахшо ба дилам таскин,
Васлат ба Сайид осон, ҳаҷри ту гарон афтад.

* * *

Дунёст бевафою азизон ғанимат аст,
Ҳар як нафас ба зодаи инсон ғанимат аст.
Аз умри даршитоб чу дарё тавон гирист,
Панде бигир, сӯҳбати пирон ғанимат аст.
Бо сарвату бузургию дороият маноз,
Ғофил мабош, ҳикмати «Қурон» ғанимат аст.
Аз лолазори чеҳраи хубон назар магир,
Нозу Адою ишваи хубон ғанимат аст.
Пок аст қалби ёру рухаш шамси орзу,
Покиза бош мазҳабу имон ғанимат аст.
Дурӣ маҷӯ, Сайид зи деҳат ба бӯи суд,
Обу ҳавои поки Алиҷон ғанимат аст.

* * *

Акси дилҷӯи ту дар оинаи дил афтод,
Муждаи огаҳӣ андар дили ғофил афтод.
Дар таманнои вафоят чу шафақ хун гаштам,
Субҳи васлат зи мани дилшуда бинмуд фирор.
Шӯхтабъӣ зи мани дилшуда бинмуд фирор,
Чу нигоҳам ба ту , эй шӯхшамоил афтод.
Ба хайли ту Сайид ин ҳама маъни фаҳмид,
Зи каломаш ҳама андешаи ботил афтод.

* * *

Боғу чамани диёр зебост,
Монандии навбаҳор зебост.
Ҳар деҳа мисоли наварӯсе,
Дар оғӯши кӯҳсор зебост.

Шаббодаи поку атргинаш,
Чун накҳати зулфи ёр зебост.
Ҳар чашма суруди меҳр хонад,
Бо нағмаи дилфигор зебост.
Пироҳани ғарқи нур бар тан,
Рақсидани обшор зебост.
Монанди ғизоли мушкбӯе,
Гулдухтари рӯзгор зебост.
Дар ишқи Сайид, агар дилатро,
Кардӣ ба фараҳ фигор, зебост.

* * *

Пайи ҷавҳари асолат ғами ҷавҳарӣ накардам,
Ғами сарваре кашида, сари сарварӣ накардам.
Сари ҳар калима рафтам чу ба зонуи тафаккур,
Гапи сарсарӣ шунида, кор сарсарӣ накардам.
Ба уммеди садршинӣ нанамуда мадҳи садре,
Гапи минбарӣ нагуфта, ғами минбаре накардам.
Зи китоби макри шайтон сабақе накарда аз бар,
Рӯ намуда гуна– гуна ҳилаофарӣ накардам.
Мутакои умри ман буд чу асои бовариҳо,
Пайи бурди худфиребӣ рӯ ба доваре накардам.
Шукр аз он Сайид дорам, пайи тавсифи разиле,
Ғадр бар забони поку сухани дарӣ накардам.

* * *

Тоза бошад обҳо худ зиндагони тоза аст,
Тарҳи рӯю қалби пурмеҳри ҷавонӣ тоза аст.
Сабз гардад олами пир аз нами найсон мудом,
Дил агар пок аст, аз гарди хазонӣ тоза аст.
Сулҳу амният чу дарёест бе гарду ғубор,
Холӣ аз ҷанг аст олам, аз амонӣ тоза аст.
Дидаи ақл аз таҷаллии илоҳи об хӯрд,
Ин фазо аз абри кину бадгумонӣ тоза аст.
Маҷмари дил олами ҳастӣ мунаввар мекунад,
Меҳр агар зотист, лутфу меҳрубонӣ тоза аст.
Боғи нангат, эй Саид, аз тарбият шодоб гашт,
Меваи нахли ҳаётат ҷовидонӣ тоза аст.

* * *

Нафасе нарафта аз дил ҳаваси малоҳати ту,
Ба лабам ҳанӯз боқист, асаре зи шарбати ту.
Чӣ ҳаловате маро буд, зи канори чун биҳиштат,
Зи гуле наёфт ҷонам самари ҳаловати ту.
Ватани муҳаббатамро сипаҳат ба ғамза бигрифт,
Ватани дигар маро шуд, ватани муҳаббати ту.
Амалам барор гирад, чу туро ба ёд орам,
Чӣ фариштаӣ ки ҳар дам расадам саодати ту.
Ту фариштаи сабоӣ, ба камоли дилрабоӣ,
Ҳама ғам шавад фаромӯш ба яке ишорати ту,
Ба дил он чунон нишастӣ, ҳавасам чунон шикастӣ,
Зи навозиши дигар хуш бувадам ҳақорати ту.
Зи гули каломи батнам, нафаси вафо бихезад,
Ба қалам кашам замоне чу хаёли қомати ту.
Чу Сайид хор гардад, ба рухат хумор гардад,
Ба худаш кунад маломат, накунад маломати ту.

* * *

Пешрафти мо барори мо зан аст,
Офтоби рӯзгори мо зан аст.
Навбаҳорон беш аз як фасл нест,
Гулшани доимбаҳори мо зан аст.
Гармии дидори ӯ дил мебарад,
Ишқи қалби пуршарори мо зан аст.
Номи модар бо ватан пайваста аст,
Зинату зеби диёри мо зан аст.
Нест аз модар касе зебойтар,
Модари чашминтизори мо зан аст.
Мард аз эҳсони ӯ ёбад шараф,
Обрӯю ифтихори мо зан аст.
Ҳақ вуҷуди чун биҳишташ додааст,
Худ биҳиште дар канори мо зан аст.
Рустаму Шерри Худоро офарид,
Модари Исфандиёри мо зан аст.
Эй ки меҷӯӣ мақому эътибор,
Шаҳсутуни эътибори мо зан аст.
Нест ғамхоре чу модар, эй Сайид,
Гамгусору ғамбарори мо зан аст.

* * *

Ҳақшиносему ҳақиқатро тарафдорем мо,
Хокием аз олами боло мадад дорем мо.
Тору пуди ҳастии мо меҳри бепоёни ӯст,
Аз сафои файзи ӯ чун ҷом саршорем мо.
Гарчи бар рағми разолат бар дифо омодаем,
Чун Сулаймонем, мӯреро наозорем мо.
Ҳар куҷо афтодае орад ба мо рӯи ниёз,
Бар ҳама афтодагону дилсӯзу ғамхорем мо.
Баҳри рӯзӣ ҳамчу санги осиё дар гардишем,
Суда гардида, ба мардум ризқ меорем мо.
Рӯҳи мо бо осмону ҳастии мо бо замин
Сахт пайванд аст, тири чархи давворем мо.
Дар дили мо оташи ишқе фурӯзад, эй Сайид,
Гармдил аз зиндагӣ бо ёди он ёрем мо.

* * *

Рӯди табъи ман биҷӯяд гулшани эҷодро,
Мурғи илҳомам бихоҳад донаи имдодро.
Нест осон ҷӯи маънӣ кандан аз кӯҳи хаёл,
Бесутуни ақл донад заҳмати Фарҳодро.
Ҳар кӣ натвонад шино кардан ба дарёи сухан,
Киштие бояд кунад ӯ ҳиммати устодро.
Шишаи тамкини ман санги маломат бишканад,
Хасми ҷон донад сукутам нолаву фарёдро.
Тӯтии андешаам гӯяд, ки монад ҷовидон,
Ҳар кӣ аз нав зинда созад суннати аҷдодро.
Эй Сайид аз оташавзоёни олам нест суд,
Оташинхӯӣ бисӯзад решаву бунёдро.

* * *

Насозам хам ба пеши нокасон зинҳор гарданро,
Намехоҳам кунам бо ғуссаи худ шод душманро.
Барои номи нангине баробар кай тавонам кард,
Ба сад Ковуси олам зӯри бозуи Таҳамтанро.
Тани моро набошад эҳтиёҷе бар сипар ҳаргиз,
Насозам ҳамчу танпарвар ҳисори хеш ҷавшанро.
Ватандоре надорад ёд пири наңг чун Рустам,
Аз ӯ бояд ки омӯзем дарси ҳифзи меҳанро.
Ҳақиқатҷӯйҳо бо айби ноаҳлон сияҳбахтанд,
Намедонад шаби торик қадри рӯзи равшанро.
Асири чоҳи зулмат зумрае буданду навсозӣ,
Чу Рустам оварад берун Сайид аз чоҳ Бежанро.

* * *

Зиндагиро арсаи эъҷоз мехоҳем мо,
Безабониро забони роз мехоҳем мо.
Эй сабукборони маънӣ ҳарзагӯӣ то ба кай?
Аз шумо шеъри таре иброз мехоҳем мо.
Боли ҳиммат бар баландии сухан бояд кушуд,
Чашми оламбин чу чашми боз мехоҳем мо.
Аз матои фикри рангин дар гулистони сухан
Бар арӯси шеър пойандоз мехоҳем мо.
Шуд равонӣ аз забони назми оламгир дур,
Соҳире чун Ҳофизи Шероз мехоҳем мо.

* * *

Ҳар кӣ лофи меҳрубонӣ мезанад, дилсӯз нест,
Дар набарди зиндагонӣ розгӯ пирӯз нест.
Нест осон ёфтан роҳи диёри орзу,
Раҳнамо бисёр, аммо ҳар кӣ раҳомӯз нест.
Қиммати ҳар рангро наққош медонад фақат,
Баски ҳар як гулбадан гулпарвару гулдӯз нест.
Меҳри модар мекашад моро ба дунёи вафо,
Бе сафои меҳри ӯ меҳри ҷаҳонафрӯз нест.
Ҳар нафас бошад ғанимат, ҳосиле бардор аз ӯ,
Файзи рӯзи рафтаат дар заҳмати имрӯз нест.

* * *

Имшаб ба ёди рӯи ту аз дидаи ман хоб рафт,
Бози хаёлам парзанон то кишвари маҳтоб рафт.
Аз осмони чашми ман борони ҳасрат рехт-рехт,
Бар сӯи боғи умри ман ғун гашта, чун селоб рафт,
Чун нӯш нопайдо будӣ, ман чун Таҳамтан ноумед,
К-аз ҷисми тифли ишқ ҷон чун аз тани Сӯҳроб рафт.
Монанди тифли орзу серӣ надидам рӯи ту,
Дарёи ишқи поки ман дар вартаи гирдоб рафт.
То ҳол ёдат оварам, бо сӯз меҳрат парварам,
Ҳайфи ҷавонит Сайид, чун гавҳари ноёб рафт.

* * *

Шеъри пурсӯзе навиштан сахт кори мушки ласт,
Шеър тифли беғаши табъи хушу сӯзи дил аст.
Дар дилу гаҳвораи андеша парвардан варо,
Пешаи соҳибдиле бошад, на кори ҷоҳил аст.

Байтҳо чун зинаҳои умри мо якранг нест,
Санъати олӣ қабои байтҳои комил аст.
Ҷавҳри байт аст маънии баланд охир Сайид,
Шеър бе тухми маонӣ киштаи беҳосил аст.

* * *

Мо худододем, моро шиква аз тақдир нест,
Ҳоли мо хоност, ӯро ҳоҷати тафсир нест.
Сарнавишти мо ба лавҳи ноаён бинвиштанд,
Ончунон махфист, онро қуввати таҳрир нест,
Зӯри бозу мардро эмин надорад аз хатар,
Гар варо ақли закию донишу тадбир нест.
Одамӣ аз панди пирон мерасад бар матлабаш,
Ними раҳ монад касеро гар дуои пир нест.
Зиндагӣ девону мо хонанда ҳастем, эй Сайид,
Ҷуз сабақ омӯхтан моро дигар тадбир нест.

* * *

Аз мақдами баҳор ҷаҳон рангу бӯ гирифт,
Бӯи абири мушк ҳаме оби ҷӯ гирифт.
Борони орзӯй зи абри хаёл рехт,
Боғи хазони қалби ман аз нав нумӯ гирифт.
Сели ғами замона ба комам кашида буд,
Пирӯз гашт шодиву ғамҳо фурӯ гирифт
Бояд чу бод сайри гулу лолазор рафт,
Дилшод гашта домани сад орзу гирифт.
Омад нидои ақл, ки имрӯз, эй Сайид,
Бар пастию баландии айём хӯ гирифт.

* * *

Бихоҳам дар фазои шеър парвози диле бошад,
Самояш пок аз абри хаёли ботиле бошад.
Хати ҳар мисрае чун тораи мӯи дилорое,
Арӯси шеър мавзунқоматею хушгиле бошад.
Шавад пурбор нахли сабзи шеър аз меваи тасвир,
Хӯрад ғам боғбон гар шохае беҳосиле бошад.
Ба ҳикмат шеър бошад, эй Сайид он тифли ширинрӯ,
Шавад ғамгин падар, чун тифли ӯ ноқобиле бошад.

* * *

Чанд гӯем, ки дунё гузарон хоҳад буд,
Умри мо чун нафаси боди хазон хоҳад буд.
Гар зи айби дигарон чашми ҳақиқат пӯшем,
Ризқи мо луқмаи муфти дигарон хоҳад буд.
Суд то чанд расонем ба бадкирдоре,
Ки аз ӯ бар ҳама озору зиён хоҳад буд.
То ба кай бодаи афсӯсу надомат нӯшем,
Роз дар синаи афгор ниҳон хоҳад буд.
Донаи ҳақ ҳама имрӯз бикорем Сайид,
Самарии умр тақозои замон хоҳад буд.

* * *

Бошад он рӯз дилам аз ғамат озод шавад,
Хотирам аз гули рӯят нафасе шод шавад.
Сӯзи деринаи ман, к-аз ғами ҳиҷрони ту буд,
Ҳамчу гарди сари роҳат ба ҳаво бод шавад.
Назаре кардию мафтуни нигоҳат гаштам,
Гар вафое бикӯнӣ, мулки дил обод шавад.
Ту биё баҳри тамошо ба назаргоҳи Сайид,
Шеъри ман аз ҳаваси рӯи ту эҷод шавад.

* * *

Забт мулки синаро ҳам лашкари дил мекунад,
Чун маҳи нав хешро оҳиста комил мекунад.
Саркаши дирӯза бо чандин талошу маҷаро,
Хешро бар зиндагӣ имрӯз моил мекунад.
Ҳеҷ нодоне надидам кори оқилро кунад,
Лек нодони маро бин, кори оқил мекунад.
Сӯхтанро пеша карда, баҳри худ дар рӯзгор,
Гавҳари бахт аз гудозу дард ҳосил мекунад.
Тифли афлок аст дил ҳар лаҳза ҳамроҳи Сайид,
Сад ҳазорон саҷдаи шукрона бар гил мекунад.

* * *

Умр аз байни ҳама суду зиён мегузарад,
Ин мусофир зи гузаргоҳи ниҳон мегузарад.
Ғофил аз фанди замонем пайи суди ҷаҳон,
Дар шитобему надонем замон мегузарад.
Лаззати умр ба пиру ба ҷавон якранг аст.

Фасли гул тезтар аз фасли хазон мегузарад.
Дар назар мо ҳама аз умри азиз огоҳем,
Ғофил астем, ки чун хоби гарон мегузарад.
Қимати умр надониста ба ҷое нарасем,
Ханҷари зиндагӣ аз ҷавшани ҷон мегузарад.
Эй Сайид, он кӣ чу рӯд азми ҷаҳонгирӣ кард,
Бо ҳамин валвала зуд ӯ зи ҷаҳон мегузарад.

* * *

Тифли маънӣ чун ба мулки фикр бозӣ мекунад,
Пири идрокам ба ҳасрат асптозӣ мекунад.
Дар самои хотирам бо муштарии ақл боз,
Тоҷири табъи равонам корсозӣ мекунад.
Мисрае чун барқ рахшад гар ба уфқи хотирам,
Мурғи илҳомам зи шодӣ сарфарозӣ мекунад.
Нарм мемонад қадам аз роҳи борики хаёл,
Оҳуи андешаи ман худгудозӣ мекунад.
Меҳрбороне, Сайид аз абри тамкини ту рехт,
Сарзамини шеърро поку намозӣ мекунад.

* * *

Зиндагонӣ аз паи буду набуде меравад,
Корвони эҳтиёҷаш мисли рӯде меравад.
Нолаи пурсӯзи мо ҳарчанд бошад ҷонгудоз,
То ба гӯши нокасон ҳамчун суруде меравад.
Мо ба имдоди дигар имдодҷӯ гар меравем,
Ҳар куҷо ноодаме аз баҳри суде меравад.
Нолаву фарёди мо аз дарди халқу миллат аст,
Гарчи гоҳе аз назарҳо мисли дуде меравад.
Ин ҳама беҷуръатиҳо кард моро беғаме,
То кай ин дард аз вуҷуде бар вуҷуде меравад.
Бодаи ошӯб бар ҷоми ҳаёти мо марез,
Бежане хунташна бар қатли Фурӯде меравад.
Сели ашки мо Сайид аз санги дил осуда аст,
Мавҷи умедам ба баҳри беҳудуде меравад.

* * *

Пурдард шуд пои хаёл аз зарби санги зиндагӣ,
Аммо нагардам ҳеҷ гаҳ аз роҳи нанги зиндагӣ.
Мурғ асту сер аз дона нест, он гӯр ҳасту хона нест,
Серӣ надидам заррае дар чашми танги зиндагӣ.
Гар шод гардӣ аз каме, фарёд гардӣ аз ғаме,

Серӣ надорӣ ту даме аз обу ранги зиндагӣ.
Пӯшад агар сад ҷавшане, бошад агар рӯинтане,
Поиш наорад оҳане, дар пеши занги зиндагӣ.
Ҳар лаҳза ранги дигар аст, ширинтару ширинтар аст,
Чун меҳру хашми модар аст, ин сулҳу ҷанги зиндагӣ.
Бисёр осон бигзарад, чун барқ сӯзон бигзарад,
Аз ҷавшани ҷон бигзарад, тиру туфанги зиндагӣ.
Аз дард гар нолӣ, Сайид, чун гард гардӣ нопадид,
Худро куҷо хоҳӣ кашид охир зи чанги зиндагӣ.

* * *

Осуда касе ҳамнафаси боди баҳор аст,
Хушбахт касе дар бағали хоки диёр аст.
Бадбахт бувад он ки чу мурғони фирорӣ,
Дӯр аз Ватану аз назари хешу табор аст.
Дар гармию сардии Ватан ҳамчу уқобам,
Ҳар қулла маро такягаҳи нозу виқор аст.
Қалбе, ки дар ӯ меҳру вафо нест, на қалб аст,
Дасте, ки надорад мададе дасти чинор аст.
Умре, ки ба зиштӣ гузарад, ҷуз халале нест,
Чун тири хатохӯрда ба ҳангоми шикор аст.
Номе, ки падар доду сазовор нагаштӣ,
Беҳуда каломест, ки бар лавҳи мазор аст.
Сардӣ ту маҷӯ аз дили фарзанди кӯҳистон,
Чун санг тани мост, вале қалб шарор аст.
Чандест зи авзои замон қалби Сайид аст,
Монандаи он наҷм, ки дар банди ғубор аст.

* * *

Бисёр азиз аст маро рӯи Ғиҷовак,
Зебост аҷаб сурати дилҷӯи Ғиҷовак.
Ҳар чашмаи обаш ба назар оби ҳаёт аст,
Чун шеваи мардони сухангӯи Ғиҷовак,
Мардони асилаш ҳама лабрези вафоянд,
Дилро бибарад ҳусни парирӯи Ғиҷовак.
Дар синаи кӯҳсор чу маъшуқаи зебост,
Ҳар манзари пурнакҳату хушбӯи Ғиҷовак.
Нақли суханам сабз Сайид аз самарии ӯст,
Дил об хӯрад аз сари гесӯи Ғиҷовак.

* * *

Модар ба дилам монд аламҳои ту охир,
Шуд ҳамдами ман ғуссаю ғамҳои ту охир.
Монандаи Яъқуб зи раҳдурии фарзанд,
Камнур шуд он дидаи раҳпои ту охир.
Пажмурда бишуд қалби ман аз сӯзи фироқат,
Дур аз нафаси ҳамчу Масеҳои ту охир.
Гардид дилам ташнаи он меҳру навозиш,
Ҳам зори раҳи маъракаорои ту охир.
Мо дур зи оғӯши ту рафтем ба вақте,
Шуд дур зи мо марқаду маъвои ту охир.
Ҳар лаҳза Сайид аз аламат зор бигиряд,
Нақши ту наёбад зи қадамҷои ту охир.

* * *

Ҳосил аз умр ҳамон як дили пурғам будаст,
Ҳаваси дидани сарсабзии олам будаст.
Ҳеҷ кас шод аз ин даҳри ғамобод нарафт,
Гар варо мартабаи Қоруну Ҳотам будаст.
Марги Сӯҳроб тавон аз дили Рустам бирабуд,
Зӯртар лашкари андӯҳ зи Рустам будаст.
Ту ба ин ҳашмати дурӯза макун мағрурӣ,
Ки зи бунёд ҷаҳон арсаи мотам будаст.
Ин садо аз дили мотамзадае бишнидам,
Ашк дар пояи девори бақо нам будаст.
«Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт»,
Нафси бад боиси бадбахтии одам будаст.
Аз китоби ғами дилсӯхтагон фаҳмидам,
Сухани хуб ба бемор чу марҳам будаст.
Нашавӣ шод, Сайид, аз алами ранҷурӣ,
Гар ҳама неъмати дунёт фароҳам будаст.

* * *

Нусхаҳои гули рӯи ту дар эҷоди ман аст,
Олами ҳусни дилорои ту имдоди ман аст.
Ҳар сухан, к-аз дили пурдард бурун меорам,
Лаъли маънист, ки дар ҷавҳари бунёди ман аст.
То насӯзад маҳи нав ҳеҷ мукаммал нашавад,
Сабр умеди дилу қуввати Фарҳоди ман аст.
Чӣ насимест, ки аз кӯи вафо меояд,

Андар ин ҷода таманнои ту иршоди ман аст.
Сарбаландам чу агар хору забунам созӣ,
Устуворӣ зи азал суннати аҷдоди ман аст.
Гар Сайид аз асарат байти расое ёбанд,
Самарии ишқи туву табъи худододи ман аст.

* * *

То мижа задам, баҳор бигзашт,
Савти хуши обшор бигзашт.
Айёми шубоб чун уқобе,
Аз қуллаи кӯҳсор бигзашт.
Даврони ҷавонӣ рафт афсӯс,
Шӯри дили беқарор бигзашт.
Доне ба замини дил накиштам,
Лекин дами киштукор бигзашт.
Дар лаб ҳаваси паёми Наврӯз,
Чун ҳасрати рӯзгор бигзашт.
Шуд хоки Ватан чу ғарқаи хун,
Файзу самари диёр бигзашт.
Саҳрои дилам чу лола хун шуд,
Теғе зи дили фигор бигзашт.
Хуш бош, Сайид аз он ки умрат,
Дар роҳи вафои ёр бигзашт.

* * *

Дар ин дунё каси ҳамқисмату ҳамроз бисёр аст,
Ҳимоят кун дилатро, дилбари ғаммоз бисёр аст.
Вафо хоҳӣ агар, аз дил бурун гарди ҳавасҳо кун,
Ки мурғи орзуро шавқ бар парвоз бисёр аст.
Хатар дорад биёбони муҳаббат, гар дилогоҳӣ,
Ки он ҷо зоғу чуғзу булбулу шаҳбоз бисёр аст.
Ба дил форам зи савти дилнавозаш нест овозе,
Агарчи дар садогоҳи ҷаҳон овоз бисёр аст.
Ҳама эъҷоз меҳоҳад аз ин дунёи пурафсун,
Ба дунёи муҳаббат олами эъҷоз бисёр аст.

* * *

Хандаи мастона хуш ояд маро,
Гиряи тифлона хуш ояд маро.
Аҳду паймонро шикастан хуб нест,
Гардиши паймона хуш ояд маро.

Аз дусад оқилнамои бехирад,
Нағмаи девона хуш ояд маро.
З-ошноe, ки суханоошност,
Сӯҳбати бегона хуш ояд маро.
Раҳнамои кӯрдил афзун бувад,
Раҳбари фарзона хуш ояд маро.
Хонае, ки аҳли он дарёдил аст,
Рафтани он хона хуш ояд маро.
Аз навозишҳои ёрон фориғам,
Дасти сахти шона хуш ояд маро.
Эй Сайид аз ин ҳақиқатҳои зишт,
Нақли як афсона хуш ояд маро.

* * *

Навбаҳор омад дами боди сабо гулбез шуд,
Баҳри дил аз ҷӯши наҳри орзу лабрез шуд.
Турнаҳои шавқ бар мулки хаёлам омаданд,
Хотирам чун абри боронӣ саховатрез шуд,
Резабoрони хаёл аз фарқи фикри гарм рехт,
Водии меҳру вафо пурфайзу ҳосилхез шуд,
Ғанчаҳои байт бишкуфтанд рӯи дафтарам,
Олами андешаю фикрам хаёлангез шуд.
Мурғи илҳомам навои тозае дорад, Сайид,
Ин ғазал аз мақдамаш бар ман чу дастовез шуд.

* * *

Олами беинтиҳое доштам,
Субҳу шоми босафое доштам.
Дар баҳори орзуҳои дилам
Як ҷаҳон баргу навое доштам.
Мушкилӣ аз баҳри ман бегона буд,
Ҳамдами мушкилкушое доштам.
Рӯзгори бачагӣ бигзашт рафт,
Аз паяш чашми нигоҳе доштам.
То даме, ки нафъ аз мо мерасид,
Дӯстони бовафое доштам.
Дард месӯзад дилу ҷони маро,
Кош бар дардам давое доштам.
Шеъргӯӣ бар Саид осон бувад,
Дармандам, гар давое доштам.

* * *

Дарси мардӣ аз падар омӯхтам,
Роҳи покӣ аз саҳар омӯхтам.
Хуррамию шодию дарёдилӣ,
Аз баҳори гулбасар омӯхтам.
Қадри ҳар як рӯзи умри рафтаро,
Аз насими раҳгузар омӯхтам.
Хоксорию саховатпешагӣ,
Аз дарахти пурсамар омӯхтам.
Сӯхта, хомуш нагашта, зистан,
Аз рухи шамсу қамар омӯхтам.
Сабру тамкину баландиро зи кӯҳ,
Ман зи дарё шеъри тар омӯхтам.
Тору пуди дарки маънӣ, эй Сайид,
Аз ҳама аҳли назар омӯхтам.

* * *

Бар дили ғамдидаи ҳар бенаво марҳам шавед,
Ҳар кӣ дорад қалби лабрези вафо, ҳамдам шавед.
Аз хазони умр навмедӣ намебояд кашид,
Ҳамчу боғ андар баҳори зиндагӣ хуррам шавед.
То гули дилҳо шукуфад аз дами гуфторатон,
Чун дами боди сабо поку масеҳодам шавед.
Бовафоӣ аз саховатпешагӣ ояд падид,
Дар вафо чун Кӯҳкан, андар сахо Ҳотам шавед.
То баред он доғҳои қалби ҳамчун лоларо,
Меҳрборони ҳаловатбахш ё шабнам шавед.
Дар дами Афросиёби ҷанг аз баҳри дифоъ,
Сангари мустаҳкаму пурзӯр чун Рустам шавед.
Ризқи бешу кам расад аз хони меҳан, давлат аст,
Ҳамчу санги осиё қонеъ зи бешу кам шавед.
Фикри чанде, эй Сайид, ин дам ба ганҷи олам аст,
Дар дили олам шумо андар ғами одам шавед.

* * *

Сӯзи оламро ба қалби нотавон бинҳодам,
Ҳамчу оташ шӯъла дар рагҳои ҷон бинҳодам.
Чун дарахти сабз бБудам дар гулистони вафо,
Ҳастии худ бар раҳи боди хазон бинҳодам.

Номаи пурсӯзро монам, ки қалби хешро,
Чун сипар андар дами теғи забон бинҳодаам.
То расидам бар ҷаҳони пурсафои орзу,
Тирҳои доғ дар дил чун камон бинҳодаам.
То нагардад дур аз чашмам маҳи рухсори ӯ,
Мижжаро дар роҳи ӯ чун посбон бинҳодаам.
Ҷавҳари мо аз само омехт вақте бар замин,
Меҳру шафқат бар замину осмон бинҳодаам.
Азми дунёи сухан дорам, Худоё, даст гир,
Пой дар ин роҳи пурпечу гарон бинҳодаам.
Сарфарозӣ мекунам аз умр ман рӯзе, Сайид,
Гар ба мулки назм нақши ҷовидон бинҳодаам.

* * *

Монанди меҳри модар, меҳри ватан гуворост,
Заҳмат зи шавқи Ширин бар Кӯҳкан гуворост.
Аз баҳри марди фозил, дар лаҳзаҳои мушкил,
Баҳри табобати дил, шеъру сухан гуворост.
Бо абрӯи камонӣ, бо нозу дилситонӣ,
Дар аҳди навҷавонӣ, ҳар гулбадан гуворост.
Рӯи чу ёсуминаш, зулфони анбаринаш,
Лабҳои ангубинаш, аз баҳри ман гуворост.
Бар қомати баландаш, бо ҳусни дилписандаш,
Чун мӯи банд-бандаш, ҳар пираҳан гуворост.
Лаҳни хуши чу булбул, ҳусни чу хирмани гул,
Баҳри дили Саидат, эй симтан, гуворост.

* * *

Дилам аз ғусса ҳангоми баҳорон мешавад холӣ,
Сарам аз дард зери резаборон мешавад холӣ.
Ғами буду набудам нест дар ин хоки бобоӣ,
Ҳама буду набудам гоҳи ҳиҷрон мешавад холӣ.
Бубинам гар қатори турнаҳоро шод мегардам,
Равонам аз шумори рӯзгорон мешавад холӣ.
Чу аз боди сабо гулбез гардад лолазори умр,
Ғамам аз завқи рӯи гулъузорон мешавад холӣ.
Ҷамолакҳои мӯи анбаринбӯе ба ёд ояд.
Вуҷудам аз алам чун обшорон мешавад холӣ.
Зи шавқи бодаи гулгуни лабҳои шакарборат,
Таманно мисли ҷоми майгусорон мешавад холӣ.

Раҳо созам агар аз даст нахли орзуҳоро,
Кафам чун боғ дар фасли зимистон мешавад холӣ.
Агар байти наве ёбам ва гар шеъри наве гӯям,
Хаёлам з-ин ҳама фикри фаровон мешавад холӣ.
Зи майли шеъри мавзун дил набардорам Сайид асло,
Дил аз ин завқ гоҳи кандани ҷон мешавад холӣ.

* * *

Рухи чун баҳор дорӣ, дили ман фидои рӯят,
Магузор хор гардам ба умеду орзуят.
Ба дили вафопарастам мазан оташи ҷудоӣ,
Ки ба мулки бевафоӣ наравам ба ҷустуҷӯят.
Ту ба як назора аз дил ғаму ғуссаам биронӣ,
Бишавам зи худ фаромӯш, чу назар кунам ба сӯят.
Дили ту Сайид хуррам чу замини боғ гашта,
Ки магар аз он дамида гули зулфи нозбӯят.

* * *

Махӯр ғам, эй дилам, дардат ба дармон мерасад рӯзе,
Паёми васл баҳрат баъди ҳиҷрон мерасад рӯзе.
Ба навмедӣ наорӣ рӯй тифли матлабат охир,
Ба оғӯши ту ҳамчун моҳи Канъон мерасад рӯзе.
Зи гулрези муҳаббат аҳдо аз дил макун берун,
Ки бар ту муждаи фасли баҳорон, мерасад рӯзе.
Чӣ ҳоҷат ашкрезӣ, гар туро дар навбаҳори умр,
Ҳаловатҳо зи файзи резаборон мерасад рӯзе.
Зи ноаҳлии чанде аз замон бахри чӣ меполӣ?
Ба меҳнат файзҳо чун Оли Сомон мерасад рӯзе.
Ба рӯи тифлакони номуроди модари тоҷик,
Насими бахт аз хоки шаҳидон мерасад рӯзе,
Ба хуни хеш гардад ғарқ ҳар кӣ ҷанг меҷӯяд,
Низою фитнаҷӯиҳо ба поён мерасад рӯзе.
Сайид осуда бош аз он ки хуррам мешавад меҳан,
Ба авҷи сарбаландӣ Тоҷикистон мерасад рӯзе.

* * *

Ғами давру замон хӯрдем умре,
Ғами умри равон хӯрдем умре.
Зи ҷурми нармию ширинзабонӣ,
Басе теғи забон хӯрдем умре.

Зи мижгонаш нагашта ҷой дар чашм,
Ба дил захми синон хӯрдем умре.
Чу оҳан мо зи занги ҳастии хеш,
Гудози бекарон хӯрдем умре.
Чу тир аз мо ҷудо гардид ёрон,
Гар оташ чун камон хӯрдем умре.
Ҳама хӯрданд дунё бо фиребе,
Фиреби дигарон хӯрдем умре.
Сайид аз хоксорӣ суд ҷуста,
Ғами суду зиён хӯрдем умре.

* * *

Бар орази зебои ту моро назар афтад,
Аз шавқ нахоҳад, ки ба ҷои дигар афтад.
Равшан бишавад аз нигаҳат мамлакати дил,
Чун сояи хуршед ба рӯи қамар афтод.
Ишқи ту маро кард хабар аз ғами дунё,
Нанг аст, агар бар дили ҳар бехабар афтад.
Ошиқ набувад он ки дил аз меҳри ту барканд,
Ёди ту кунад боз ба ҷонаш хатар афтад.
Бешубҳа шавад лаъл Сайид аз самарии ранҷ,
Санге, ки агар дар кафи соҳибҳунар афтад.

* * *

Зи заъфи худситоӣ қадри ёронро намедонӣ,
Ба ғайр аз худдифоӣ қарзи виҷдонро намедонӣ.
Маломат мекунӣ моро ту аз паймоншикастанҳо,
Ту худ ҷуз кинаҷӯӣ аҳду паймонро намедонӣ.
Зи худ аллома месозӣ миёни базми гумроҳон,
Вале як зарра қадри илму ирфонро намедонӣ.
Намак хӯрдӣ чу аз хони касе доди ту озораш,
Зи ҷӯши носипосӣ қимати нонро намедонӣ.
Ҷудоӣ дар миёни дӯстони ҷонӣ ангезӣ,
Азоби дарду доғи васлу ҳиҷронро намедонӣ.
Шикоятҳои афзун аз замину осмон дорӣ,
Ту қадри неъмату ганҷи фаровонро намедонӣ.
Туро ҳиммат чу мӯре нест, миннат лек чун фил аст,
Сахои мӯру эҳсони Сулаймонро намедонӣ.
Сайид аз ноҷавонмардии ту охир ба ҷон омад,
Надорӣ дал ту қадри кандани ҷонро намедонӣ.

* * *

Нишоту шодмонӣ бар каси ношод мехоҳам,
Ба ҳар бехонумоне хонаи obод мехоҳам.
Дилам аз бевафоиҳои ёрон сахт меларзад,
Ҳумои бахтро болу пари озод мехоҳам.
Пайи озори мардум ҳеҷ гоҳе саъй нанмоям,
Ба ҳар озурдаи кӯи вафо имдод мехоҳам.
Дар айёме, ки ганчи илм беқадру парешон аст,
Суботу бурдборӣ бар ту, эй устод мехоҳам.
Зи кӯи ишқ рӯзе об бар ҷӯи вафо ояд,
Ба ҳар дилдода сабру ҳиммати Фарҳод мехоҳам.
Вуҷудам бо ту пайванду дилам лабрези меҳри туст.
Ватан умре туро гаҳвораи аҷдод мехоҳам.
Сайид , аз ишқи поки ёр ранги заъфарон дорам,
Ба ҳар дилгаштаи кӯи вафо иршод мехоҳам.

* * *

Беҳтарин гавҳари дунё сухан аст,
Ҳастию ҷону тани мо сухан аст.
Ҳар куҷо зуд шарафманд шавӣ,
Гар туро хубу гуворо сухан аст.
Ҳар қадар зӯру тавоно бошӣ,
Аз ҳама зӯру тавоно сухан аст.
Хомӯшӣ ҷавҳари хубист, вале,
Ҳар куҷо маъракаоро сухан аст.
Марҳаме нест чу доруи сухан,
Бар ҳама дард мудаво сухан аст.
Ба ҳама зӯру тавон мебахшад,
Нафаси поки Масеҳо сухан аст.
Дар сухан кӯш, Сайид аз сари сидқ,
Равшанибахш ба дилҳо сухан аст.

* * *

Субҳ дамиду дар раҳаш чашми умед боз шуд,
Олами меҳру орзу аз қадамаш фаёз шуд.
Шуд чамани хаёлҳо, сайргаҳи ғизолҳо,
Бахт кушода болҳо дар таярон чу боз шуд.
Шавқ бикард якравӣ, гашт зи пештар қавӣ,
Лек чу шоҳи ғазнавӣ хоки раҳи Аёз шуд.

Нағмаи обшорҳо, савти хуши ҳазорҳо,
Бар ҳама дилфигорҳо марҳаму дилнавоз шуд.
Дар дили ман алам куҷо, гарду ғубори ғам куҷо
Оҳ, зи бешу кам куҷо, холӣ аз ӯ гудоз шуд.
Боди мурод мевазид, қалби Сайид метапид,
Тифлнамо ба рӯзи ид дар талаби ниёз шуд.

* * *

Дар ватан мирад агар кас, чун гадо осуда аст.
Ҳар кӣ аз аслаш намегардад ҷудо, осуда аст.
Навбаҳори хоки дигар мекунад умрат хазон,
Дона кай андар гулӯи осиё осуда аст?
Пой аз хоки Ватан берун ниҳӣ, расво шавӣ,
З-ин ҳавас танҳо дами боди сабо осуда аст.
Гармии меҳри ватан созад туро обу адо,
Ҷисму ҷон аз қуввати ин мӯмиё осуда аст.
Давр гардӣ дар муҳити хеш ҳамчун осиё,
Рӯзгори халқ аз саъйи шумо осуда аст.
Ҳар кӣ дар маъвои худ осуда мегардад мудом,
Аҳли киштӣ дар ҳаросу нохудо осуда аст.
Эй Сайид, аз он биёрам тоб бар дарду алам,
Қалби пурдардам ба уммеди даво осуда аст.

* * *

Кӯҳзодему дили пур аз шарар дорем мо,
Сарбаландему зи пастиҳо ҳазар дорем мо.
Дар назар ҳарчанд гурпӯшем, аммо пурғамем,
Доғҳо чун лола дар банди ҷигар дорем мо.
Чун уқобон бар фазою қуллаҳо дил бастем,
Турнасон кай майли иқлими дигар дорем мо?
Сангари моро набитвонад, ки душман бишканад,
Аз матои санг хафтону сипар дорем мо.
Мо ба мисли қуллаҳо ҳастем умре устувор,
Ҷунбише кай аз насими раҳгузар дорем мо.
Ҳар кӣ натвонад кунад азми ҷаҳони мо Сайид,
Рӯди пурҷӯшему тӯфони хатар дорем мо.

* * *

Умр чун боди баҳорон меравад,
Доманафшон аз гулистон меравад.
Ҳар чӣ мушкил ёфтам дар зиндагӣ,
Сад дареғ имрӯз осон меравад.

Олами зебои тифлӣ даргузашт,
Наҷавонӣ ҳам шитобон меравад.
Дил зи умри рафта исён мекунад,
Ашки сӯзонам зи мижгон меравад.
Сард мегардам гаҳе аз зиндагӣ.
Меҳри ӯ чун гармии нон меравад.
Дард месӯзад тану ҷону дилам,
Гар сухан аз васлу ҳиҷрон меравад.
Кард дарди дил ғарибе бар Сайид,
Меҳри меҳан ҳамраҳи ҷон меравад.

* * *

Ранҷ бурда роҳи маъвои суханро ёфтам,
Ман зи дунёи ту дунёи суханро ёфтам.
Аз нигоҳи чашмҳои пуршарору дилкашат,
Ҷилваҳои барқосои суханро ёфтам.
Чун назар афтод ҳар гоҳе ба моҳи оразат,
Гармии дидори симои суханро ёфтам.
Ман зи рӯи ҳуснободу шамими мӯи ту,
Наққати хубу гуворои суханро ёфтам,
Аз дурахши ҳар нигини ҳалқаю овезаат,
Қимати ҳар зарра тиллои суханро ёфтам.
Эй Сайид, аз обшори кокули марғулааш,
Роҳи ноҳамвори паҳнои суханро ёфтам.

* * *

Чеҳраи чун ёсуминат дилкаш аст,
Ҳалқаи мӯи маҳинат дилкаш аст.
Ҳар гаҳе аз шарм гардӣ лолагун,
Шабнами рӯю ҷабинат дилкаш аст.
Лолаи рухсор андар ҳалқаи
Зулфакони анбаринат дилкаш аст.
Дар сухан ойӣ агар, гуфтори ту,
Чун лабони ангубинат дилкаш аст.
Духтари тоҷик ҳусни оразат,
Чун баҳори сарзаминат дилкаш аст.
Алғараз, эй моҳрӯ, баҳри Сайид,
Нозу истиғною кинат дилкаш аст.

* * *

Бовафо он кас, ки умре бо вафои меҳан аст.
Дар ҳама гармию сардӣ мубталои меҳан аст.
Он чи андар зиндагӣ осон насиби мо шавад,
Заррае аз давлати беинтиҳои меҳан аст.
Ман ба иқлими дигар ҳаргиз надорам эътиқод,
Ганҷи беҳамтои ман обу ҳавои меҳан аст.
Равшанибахшандаи дунё бувад гар офтоб,
Равшанибахшандаи дилҳо зиёи меҳан аст.
Ҳар кӣ хасми кишвари худ гашт, зишту нокас аст,
Сарбаланд аст, он ки аз ҷон ошнои меҳан аст.
Ҳафт пуштам дар дили хоки ватан маъво гирифт,
Марҳами ҳар дарди ман хоки давои меҳан аст.
Худдифоӣ нест оини вафою эътиқод,
Зинда бодо, он ки умре дар дифои меҳан аст.
Дар ватан гул мекунад нахли умеди ман Сайид,
Давлати пояндаам дасти дуои меҳан аст.

* * *

Саҳландешӣ назебад табъи оташборро,
Ҷавҳари маънӣ физояд қимати гуфторро.
Бар баҳои зиндагӣ ҳар лаҳза мебояд расид,
Бозгашт охир набошад умри нотакрорро.
Мисли Мансур, он ки шуд ошиқ, натарсад аз хатар,
Ҳалқаи зулфе ҳисобад ҳалқаҳои дорро.
Он ки умре интизорӣ мекашад дар роҳи ишқ,
Мешиносад қадри ёру лаззати дидорро.
Даҳри дунпарвар зи аввал ҳомии сангиндил аст,
Чарх озорад ҳамеша одами ғамхорро.
Имтиҳони зиндагӣ ҳар лаҳза ранги дигар аст,
Кас надонад маънии ин олами асрорро.
Тозагуфторӣ Сайид аз табъи модарзоди мост,
Кай парастад аҳли маънӣ гуфтаи такрорро.

* * *

Эй дил, агар ба мулки вафо меравӣ, бирав,
Дур аз миёни аҳли риё меравӣ, бирав.
Ишқаш агар зи сина бадар мекунӣ, макун,
Бар макдамаш чу боди сабо меравӣ, бирав.
Дарди туро даво ба ҷуз аз васли ёр нест.

Бар кӯи ёр баҳри даво меравӣ, бирав,
Аз зулмати фироқ ба монанди офтоб,
Бар пешвози субҳи сафо меравӣ, бирав.
Раҳ нест, эй рақиб ба ту дар ин гулшани вафо,
Боре агар чу дӯстнамо меравӣ, бирав.
Ғофил зи меҳри ёр наӣ, гар ту чун Сайид,
Бар ошёни меҳри Худо меравӣ, бирав.

* * *

Аз каҷравии чархи ҷафокор наранҷед,
Аз беғамии сӯҳбати ағёр наранҷед.
Бар мулки вафо гар нарасидед ба вақте,
Аз ҳар сухани ёри вафодор наранҷед.
Айёми самар омаду ҳар нахл баре дод,
Аз бебарии сарву сафедор наранҷед.
Аз равшании моҳ басе шиква намудем,
Аз тирагии қалби шаби тор наранҷед.
Мардед, агар аз пайи ислоҳи хатое,
Аз сарзаниши модари ғамхор наранҷед.
Ашъори Сайид аст чу гулзори муҳаббат,
Бинед гуле ҳаст дар он хор, наранҷед.

* * *

Ман олами вафоям, бо ман чаро нанозӣ,
Ё ки хабар надорӣ аз роҳи ишқбозӣ!
Дилдодагони рӯят донам, ки бешуморанд,
Аммо чӣ чора созам, ишқ аст поксозӣ.
Ҳар лаҳза аз муҳаббат хоҳам, ки лаб кушоям,
Ҳайфо, надидам аз ту як бор дилнавозӣ.
Қалби Сайид, аз ин ғам ҳар лаҳза дар гудоз аст,
Ҷони маро раҳо кун аз дарди ҷонгудозӣ.

* * *

Нахли байтам аз гили озори ман рӯидааст,
Аз замини қалби оташвори ман рӯидааст.
Лолаҳои доғ нақши ашки хунини ман аст,
К-аз лаби бому сари девори ман рӯидааст.
Тухми ному нанг аз марзи замон сар барнакард,
Ин гиёҳ дар водии ашъори ман рӯидааст.
Ҷои борони фараҳ резад ба дил борони ғам,

К-аз бухораш шеваи гуфтори ман рӯидааст.
Ранҷи ман аз ғайбати ёре чу гирад ибтидо,
Ганҷи ман аз ҳиммати ағёри ман рӯидааст.
Нест ҷои шиква аз подоши қисмат, эй Сайид,
К-аз накӯӣ вазъи ноҳинҷори ман рӯидааст.

* * *

Соқии базми мо бигӯ васфи гулу шаробро,
Дур бикун ту лаҳзае ранҷи ғаму азобро.
Муждаи васл мерасад аз нафаси пиёлаҳо,
Сурати ёр мебарад олами изтиробро.
Шаъшааи ҷамоли ӯ роҳ ба мулки дил барад,
Хира кунад ба лаҳзае партави офтобро
Ҳасрати зиндагӣ ба лаб аз нафаси хазони умр,
Пир ҳикоя мекунад хотираи шубобро.
Бодияи диёри ишқ сабр бувад, шитоб чист?
Хок ба коми худ кашад дар нафасе саробро.
Мулки Сабост осмон Билқиси ҳусн фасли гул,
Ҳудҳуди бахт оварад сайри чаман саҳобро.
Фанди замона мекашад мурғи ҳавас ба доми худ,
Шоҳини ақл баркушо аз раҳат ин ниқобро.
Рӯзу маҳ асту солҳо саҳфаи зиндагӣ, Сайид,
Шарҳ куҷо диҳад касе маънии ин китобро.

* * *

Як қисса зи ишқи мо дар кӯи ту мемонад,
Байте ба баёзи дил з-абрӯи ту мемонад.
Дар ин дили бишкаста, бо меҳри ту пайваста,
Атри лаби ҷонбахшу гесӯи ту мемонад.
Дар ҳалқаи бозуям, андар дили дилҷӯям,
Хуммори қаду басти дилҷӯи ту мемонад.
Боғи дили ман бишкуфт аз атри нафасҳоят,
Умре ба машоми ҷон хуш бӯи ту мемонад.
Дурӣ ту зи чашмонам, эй олами армонам,
Чашми нигарони дил бар сӯи ту мемонад.
Чун шаҳди нахустине, андешаи рангине,
Нақши лаби сӯзонам дар рӯи ту мемонад.
Имрӯз Сайид аз ҷон бар васли хушат пазмон,
Дар дил кафи гулбӯи бозуи ту мемонад.

* * *

Эй ишқ, чӣ дунёӣ, дар тинати инсонӣ,
Гоҳе ту фараҳ орӣ, гаҳ яъсу пушаймонӣ.
Хунин дили маҳзунат, аз ғуссаи афзунат,
Андар дили мафтунат сад шодии пинҳонӣ.
Ранҷураму бадҳолам, дур аз дари иқболам,
Аз турк чаро нолам, дар фитнаи афғонӣ.
Чун бодаи пурҷӯшам, аз хеш фаромӯшам,
Сарҷамъаму хомӯшам аз хавфи парешонӣ.
Гоҳе ба наво оям, бар ҳамду сано оям,
Бар мулки вафо оям чун ошиқу ирфонӣ.
Дуздида нигинамро, чашми ҳамабинамро,
Истахр заминамро аз саъйи сулаймонӣ.
Дар адл Фалотунам, Искандари Мақдунам,
З-ин ҷурм чӣ маҳрумам аз маснади Юнонӣ.
Пайванди заминам ман, бар арш қаринам ман,
Як гӯшанишинам ман, дар олами зиндонӣ.
Соҳибаламе бошам, соҳибқаламе бошам,
Қонеъ ба каме бошам аз ҷурми фаровонӣ.
Бошӣ чу фузули Ҳақ, ёбӣ чу қабули Ҳақ,
Гардӣ ту расули Ҳақ, дар ғояти шӯбонӣ.
Ҳарчанд Сийидам ман, аз нек навидам ман,
Некӯӣ надидам ман, з-ин даҳр ба осонӣ.

* * *

Ношод зи ҳамсӯҳбатии шод гурезад,
Чун сайд, ки аз шарфаи сайёд гурезад.
Дар қалби касе нест, агар ҷавҳари маънӣ,
Чун Хусрави Парвиз зи Фарҳод гурезад.
Ноасл бувад, он ки чу омӯхт забоне,
Аз суннати пурҳикмати аҷдод гурезад.
Тифле, ки наомӯхт адаб аз падари хеш,
Аз сӯҳбати ҷонпарвари устод гурезад.
Ку хастадиле, зуд вай аз панҷаи тақдир,
Бе амри Ҳақ аз даҳри ғамобод гурезад.
Оне, ки пайи суд зи дунболи ҳавас рафт,
Аз кӯдаку аз хонаи обод гурезад.
Дунё маталаб, з-он ки вафо нест ҷаҳонро,
Ин модари бераҳм зи навзод гурезад.
Чун қалби Сайид аст пур аз рози илоҳӣ,
Ношукр бувад, к-аз раҳи эҷод гурезад.

* * *

Мебарад моро ба кӯи хеш тақдир оқибат,
Мекушояд ин гиреҳро дасти тадбир оқибат.
Бигзарад ин номуродиҳо, ба коми дил расем,
Мекунад айём тарҳи хеш тағйир оқибат.
Аз тиҳимағзӣ басе ободҳо вайрона шуд,
Бо ҳазорон ранҷ гардад боз таъмир оқибат.
Гар табибӣ дардро афзун макун баҳри тамаъ,
Дард афзун гашт, созад бар ту таъсир оқибат.
Дӯстӣ аз оташавзоён нарӯяд, ёд дор,
Медарад ҳалқи камони хешро тир оқибат.
Гар ба ризқи дигаре чун саг ту олойи даҳон,
Луқмаи муфтат туро гардад гулӯгир оқибат.
Гар ҷавонӣ, ҳеҷ гаҳ аз зӯри бозуят маноз,
Кушт Сӯҳроби ҷавонро Рустами пир оқибат.
Нест гардад номи дороён, вале монад Сайид,
Дар китоби зиндагӣ аз пушти тасвир оқибат.

* * *

Баъди маргам фасона мемонад,
Ҳам ғазал, ҳам тарона мемонад.
Достоне ба дафтари дилҳо
Ёдгору нишона мемонад.
Шеърҳоям ба қалби пуршӯре,
Чун уқоб ошёна мемонад.
Байти ман дар лаби нигоре боз
Бӯсаи ошиқона мемонад.
Обшорон ба ёди ман гирёд,
Дарди ман бекарона мемонад.
Нағмаҳои ҳазини ашъорам,
Дар наю дар чағона мемонад.
Аз замонсозии замондоре,
Доғ андар замона мемонад.
Аз ҷаҳон хор бигзарад шоир,
Номи ӯ ҷовидона мемонад.
Шод бош, эй Сайид, байте чанд
Аз ту охир нишона мемонад.

* * *

Сомаҷдодему аз қисмат сари афсӯс нест,
Рустами маро ниёзи маснади Ковус нест.
Такяҳо бар қудрату бар ақли яздонӣ кунем,
Дар вуҷуди мо нишони ноҳақӣ чун Тӯс нест.
Ишқи яздонӣ Зулайхоро бурун аз парда кард,
Ин бурунгаштан ғубори домани номус нест.
Меҳри ҳақ моро нигаҳ дорад, вагарна дар ҳаёт
Баҳри қатли мо ба мисли ноҳақон ҷосус нест.
Мо Сайид он зарраи нури ҳақем андар замин,
Покии хуршед ҳам дар шӯълаи фонус нест.

* * *

Ба иқлими муҳаббат нахли назмам решаҳо дорад,
Хаёлам рангҳои тоза дар андешаҳо дорад.
Зи шавқи васли Ширини сухан Фарҳоди илҳомам,
Чу алмоси қалам дар кӯҳи маънӣ тешаҳо дорад.
Дилам чун рӯди туғёниву фикрам мавҷи печон аст,
Ҷаҳони орзуям инчунин ҳампешаҳо дорад.
Хаёлободи шеърам, эй Сайид, аз он дар оғӯшаш,
Насими кӯҳсору хуррамӣ чун бешаҳо дорад.

* * *

Шаҳди лабонат зи лабонам нарафт,
Лаззати ҳусни ту зи ҷонам нарафт.
Буд биҳишти ҳавас оғӯши ту,
Печиши дастат зи миёнам нарафт.
Ғунчаи армони чу бо ман шукуфт,
Завқи ту аз завқи ҷавонам нарафт.
Оҳу фиғони ту нашуд ҳеҷ кам,
То ба фалак оҳу фиғонам нарафт.
Рафт ҳама зӯру тавони Сайид,
Шукр аз он гуфт, равонам нарафт.

* * *

Намехоҳам, ки дар олам шару шӯру зиён бошад,
Ҳаёти одамӣ дар панҷаи боди хазон бошад.
Ҳамехоҳам, ки шодӣ гул кунад дар чеҳраи мардум,
Ҷаҳони орзуҳо чун баҳори гулфишон бошад.
Бимонад нақши дасти одамӣ дар саҳфаи айём,

Дареғи он ки дар ин даҳр бе ному нишон бошад.
Шавад гар чун камон аз файзи пирӣ қомате, ғам нест,
Чӣ даҳшат гар ҷавоне куштаи тири камон бошад.
Замин осуда гардад, осмон аз меҳр нуронӣ,
Саховатманд одам чун замину осмон бошад.
Вафодорӣ набинад рангзардӣ, эй Сайид асло,
Адолат ҳомию сулҳу амонӣ ҷовидон бошад.

* * *

Ба мақсад мерасад, ҳар кӣ пайи мақсуд мегардад,
Ба паҳно мерасад ҷӯе, ки ҷуфти рӯд мегардад.
Зи таҳдиди рақиб аз раъйи худ берун машав ҳаргиз,
Ки Фирдавсӣ ба байте ғолиби Маҳмуд мегардад.
Шароре метавонад хонаеро сӯхт дар як дам,
Бисӯзад оламеро ҳар кӣ баҳри суд мегардад.
Мазан таъни заифон гарчи пурзӯру тавоноӣ,
Ки заҳри пашшае ҳам марги сад Намруд мегардад.
Дилам аз оташи меҳру вафо умре фурӯзон аст,
Ғам андар равзани ин хона ҳамчун дуд мегардад.
Сайид аз он ки дер омад ба иқлими сухан, ғам нест,
Ҳар он чи зуд рӯяд, тезтар нобуд мегардад.

* * *

Ҳамчу борон гиря кардам то саҳар,
Кам нашуд андӯҳу дардам то саҳар.
Ёди модар кардаму боло гирифт
Бодосо оҳи сардам то саҳар.
Бо хаёлаш сӯхтам мисли чароғ,
Хаста ҷону рангзардам то саҳар.
Олами беинтиҳои дардро
Аз алам танҳо сипардам то саҳар.
Гӯиё бо лашкари андӯҳу ғам
Ҳар шабе андар набардам то саҳар.
Офтобам карда меҳраш, эй Сайид,
Шаб бимирам, зинда гардам то саҳар.

* * *

Муддате шуд дур, аз аҳли назар афтодаам,
Дар биёбоне ба монанди шаҷар афтодаам.
Пастхоконро намесозад асар овози ман,
Кабки мастам дур аз кӯҳу камар афтодаам.

Ҷавҳари қимат чу бозори суханро тарк гуфт,
Ҳамчу маънӣ аз ниҳоли шеъри тар афтодаам.
Навбаҳори шодмонӣ рафт аз саҳрои бахт,
Дар миёни баҳри хунини ҷигар афтодаам.
Аҳли маъниро ҳама санги маломат мезанад,
Дар вуҷуди санг монанди шарар афтодаам.
Марҳами дарде намеёбам ба иқлими вафо,
Чун фирорӣ гӯӣ дар мулки дигар афтодаам.
Шукр мегӯям Сайид аз он ки месабзад Ватан,
З-ин сбаб чун нахл дар фикри самар афтодаам.

* * *

Аз ҷаҳони дард бӯи номуродӣ мерасад,
Муждаи андӯҳ ҷои пайки шодӣ мерасад.
Мӯ ба мӯ фарёд гашта, бурда оҳамро фурӯ,
Кай ба гӯши раҳм ваҳйи ин мунодӣ мерсад.
Заҳр хӯрдам аз табибу захм аз дасти ҳабиб,
Тангрӯзиҳои ман кай бар кушодӣ мерасад.
Давр номард аст аз макру намози гурбае,
Захмҳо бар ҷони Ҳофиз аз Имодӣ мерасад.
Аз дами теғу дами сарди табибон, эй Сайид
Чун хазони умр бонги хайрбодӣ мерасад.

*19. 06. 2005, Душанбе, Қарияи боло*

* * *

Хӯрдем ғаму дарди ту, эй олами асрор, аз аҳди ҷавонӣ,
Дил сер нашуд аз ҳаваси рӯи ту як бор, гардид гаронӣ.
Ин ишваву он нозу таманно, ки ту дорӣ,
дилро бибарад зуд,
Дил рафт, битарсам зи ту, эй шӯхи хушозор, ҷонам биситонӣ.
Гулбез шавад шаҳр зи атрии гули рӯят, гар ҷилва намоӣ,
Гарданд ҳама маҳви ту такорор ба такрор, рӯшоду ниҳонӣ.
Васли ту давои дили афгори Сайид аст,
чун субҳи умед аст,
Бӯи ту кунад ҳар вараќу сафҳои ашвор, эй шеъри равонӣ.

10. 07. 2005

* * *

Қалби ман мафтуну шайдои ғазал,
Ошиқи ҳусну дилорои ғазал.
Мезанад тифли хаёлам бо умед
Ҳар замон худро ба дарёи ғазал.
Зӯр мебахшад ба қалби хастаам

Рӯҳи пурзӯру тавонои ғазал.
Мекашад дилро ба сӯяш ҳар замон
Ҷавҳари хубу гуворои ғазал.
Аз сухан овеза бандам бо ҳавас
Бар тани маъшуқи зебои ғазал.
Шод бошам, гар ба байти тозае,
Ҳусни нав бахшам ба симои ғазал.
Аз пайи сарват намегардам, Сайид,
Роҳ гирам сӯи дунёи ғазал.

* * *

Эй абри навбаҳор, чу чашми тари манӣ,
Мисли хаёли шеъри наве бар сари манӣ,
Борон, ки мӯю рӯи маро сила мекунӣ,
Чун панҷаҳои дилбари симинбари манӣ.
Эй лолае, ки доғ ба қалби ҳазини туст,
Монанди қалби ғамзадаи модари манӣ.
Эй байти пургудоз, ки душвор гуфтамат,
Ҳамчун нишони нек ту ёдовари манӣ.
Эй шеър, эй фариштаи дунёи орзу,
Дар осмони умр ту болу пари манӣ.

* * *

Месӯзаму месӯзам, бар ҳар дили озурда,
Маҳзунаму дилхунам, мисли гули пажмурда.
Чун фасли баҳор ояд, сарсабз шавад олам,
Чун абр кунам гиря, бар он кӣ ҷавон мурда.
Дунё ба масал кӯҳе, марг аст чу сайёдаш,
Фарёд кашам аз дард, чун санги хатохӯрда.
Душвор раҳи қисмат то қуллаи мақсуд аст,
Бояд, ки қадам монам донистаю бишмурда.
Дунёи муҳаббат буд, қалбам чу анор, аммо
Аз панҷаи дарду ғам шуд оқибат афшурда.
Аз марди ҷаҳонгашта роҳат бирасад рӯзе,
Некӣ нарасад ҳаргиз аз марди ҷаҳонхӯрда,
Олам натавон бигрифт, бо сарвату доройӣ,
З-ин даҳр, Сайид, охир чизе натвон бурда.

* * *

Дилам бо ёди рӯят ҳар замон сӯзи дигар дорад,
Таманнои висолат ҷой дар мулки назар дорад.
Чу ояд навбаҳорон лола аз нав машъал афрӯзад,
Хумори лолаи рӯи ту доғе дар ҷигар дорад.

Агарчи бурд моро дур аз ҳам ҷодаи тақдир,
Ба боғи орзуҳо нахли ишқи мо самар дорад.
Парастуи хаёлам аз ту парвози баланд омӯхт,
Равоқи байтҳоям накҳати гулҳои тар дорад.
Сайид, аз ҳусни дилҷӯи ту гӯяд мисраи рангин,
Чу лабҳои ту, оре, мисрааш таъми шакар дорад.

* * *

Акси туро чу лавҳаи рангин кашидаам,
Фарҳодаму қиёфаи Ширин кашидаам.
Рӯят чу моҳу чашми сиёҳат ду ахтаре,
Холи лабат чу хӯшаи парвин кашидаам.
Пешонаат чу субҳу ба гулзори мижаат
Абрӯт кам чу оҳуи мушкин кашидаам.
Мӯи туро сиёҳ, чу толеи ошиқон,
Бар бӯстони он тани симин кашидаам
Чун ҷоми лола панҷаву бозуи нозукат,
Нозук чу барги лолаву насрин кашидаам.
Алқисса, ман нафосату ҳусни ту бо хаёл,
Поку ҳалиму дилкашу бекин кашидаам.

* * *

Як лаҳза пайи мақсади беҳуда нагардам,
Чун пашша ба шаҳди дигар олуда нагардам.
Аз заҳмату аз ранҷ расад он чӣ насиб аст,
Чун мӯр пайи ризқаму осуда нагардам.
Ғам нест, касе ёфт агар зуд мақоме,
Аз рашк ғами хештан афзуда нагардам.
Нобудии амволи ҷаҳон гарчи зиёд аст,
Дигар зи пайи будаву нобуда нагардам.
Ҳастӣ, ки ҳама арсаи мардию талош аст,
Бо райъи рақиб аз раҳи паймуда нагардам.
Бегона бувад кина гирифтан ба Сайидат,
Чун зоғ ба бар ҷомаи пурдуда нагардам.

* * *

Як лаҳза дилам аз ғамат ором набошад,
Бе ёди ту, эй ёри гуландом, набошад.
Пайғоми висоли ту бувад хандаи бахтам,
Беҳтар зи гули рӯи ту пайғом набошад.

Он бода, ки аз ҷоми лабони ту чашидам,
Дигар ба лаби майкадаву ҷом набошад.
Дил рафт ба кӯи ту, ҷаҳон гашт фаромӯш,
Он кас, ки ҷаҳон ҷуст, варо ком набошад.
Меҳри ту фузун дар дили бедори Сайид аст,
Оғоз варо бошаду анҷом набошад.

* * *

Мекашад дилро ба сӯяш навбаҳори рӯи ту,
Ояд анфоси баҳорон аз шамими мӯи ту.
Чашми дил ҷӯёи ҳусни маҳфилорои ту буд,
Гашт охир ошиқи сарви қади дилҷӯи ту.
Абри дирди ишқ ашки хеш бар қалбам фишонд,
Саҷда овардам ба меҳроби хами абрӯи ту.
Ҳар қадар худро гурезонӣ ту аз чашмони ман,
Чашми ман пайваста месозад назар бар сӯи ту.
Мешавад осуда он гаҳ қалби шайдои Сайид,
Хешро бинад агар як лаҳза дар паҳлӯи ту.

* * *

Шайдост агар қалбам, шайдои Алиҷон аст,
Дунёст агар меҳрам, дунёи Алиҷон аст.
Якумр нагардам сер аз гармии дидораш,
Гармии дил аз ҳусни зебои Алиҷон аст.
Гар байти равоне ҳаст, дар саҳфаи ашъорам,
Он акси дилорои симои Алиҷон аст.
Аз меҳри азизонаш лабрез диле дорам,
Аз хоки азизонаш таҳҷои Алиҷон аст.
Имрӯз агар шодам, аммо ба сарам умре,
Андешаи ғамҳои фардои Алиҷон аст.
Аз файзу сахои ӯ бошад ҳама дороӣ,
Даргоҳи умеди ман саҳрои Алиҷон аст.
Бикшода дари дилро мафтоҳи вафои халқ,
Бикшода дари дил, чун дарҳои Алиҷон аст.
Ғамҳои Алиҷон аст, ғамҳои Сайидам ҳам,
Ғамҳои Сайидам ҳам ғамҳои Алиҷон аст.

* * *

Аз меҳри ту ман шаҳпари парвоз гирифтам,
Чун бо туву бо ишқи хушат соз гирифтам.
Ҳар байти ман аз ҳусни ту бигрифт тароват,
Чун чашмаи шеърам зи ту оғоз гирифтам.

Аз ҳар нигаҳат об шудам лаҳзаи дидор,
То аҷри ту чун Ҳофизи Шероз гирифтам.
Рози ту ба сад гӯш шунидам зи сари сидқ,
Худро ба ту то ҳамдаму ҳамроз гирифтам.
Аз завқи гули рӯи ту чун булбули шайдо,
Ширинии ин табъи суханбоз гирифтам.
Чун шеъри пурэъҷоз ту дармони Сайидӣ,
Раҳ сӯйи ту, эй олами эъҷоз гирифтам.

* * *

Имрӯз яке ҳамдами дилсӯз наёбӣ,
Парвона машав, шамъи худафрӯз наёбӣ.
Мағлубасари халқи худу миллати хешем,
Аз лашкари сархамшуда пирӯз наёбӣ.
Бар беадабон шуд дари иқбол кушода,
Дар мулки вафо як адабомӯз наёбӣ.
Бигзашт баҳори фараҳу дарди сар омад,
Суде дигар аз оташи Наврӯз наёбӣ.
Дигар ту макун шиква, Сайид, аз ғами айём,
Фарёдрасе баҳри худ имрӯз наёбӣ.

* * *

Шукри замони ҷашн, ки мотам надоштам,
Парвои ганҷи сармади олам надоштам.
Осуда буд даргаҳи маъшуқи зиндагӣ,
Озод будаму зи касе рам ҳам надоштам.
Ҳар лаҳзаи ҳаёт пур аз базму сур буд,
Дар сар хаёли базму майи Ҷам надоштам.
Буд оразаш чу боғу лабаш чашмаи ҳаёт,
Ёде зи ҳуру чашмаи Зам-зам надоштам.
Қорун ба пеши сарвати ишқам гадой буд,
Ҳам эҳтиёҷи сарвати Ҳотам надоштам.
Имрӯз, гар Сайид, намегашт халқ хор,
Бовар ба хор гаштани одам надоштам.

* * *

Чу най аз банд-бандам нолаю фарёд бархезад,
Каси ғамхорaро сад дард аз бунёд бархезад.
Ватанхоҳон ватанро онҷунон карданд истисмор,
Фиғон аз хоки ҳар як деҳи нообод бархезад.

Ба ҳар ҷое равад аҳли сухан бинад маломатҳо,
Зи ноаҳлии нофарзонагон ношод бархезад.
Силаҳдоранд акнун ҷумла шогирдони ноқобил,
Ба истиқболашан аз ваҳми худ устод бархезад.
Шикори аҳли маънӣ мекунад имрӯз Заҳҳокаш,
Илоҳо марг бар қасди чунин сайёд бархезад.
Надорад Хисрави айём парвои ғаму дарде,
Агарчи нолаҳо аз турбати Фарҳод бархезад.
Сайид, аз гардиши айём доғе дар ҷигар дорам,
Зи килкам оҳу шеван лаҳзаи эҷод бархезад.

* * *

Баҳри шикампарастон ҳайф аст зиндагонӣ,
Ҳам эҳтирому шафқат, ҳам гарди меҳрубонӣ.
Қадри касе надонанд, маккору бадгумонанд,
Ин морсиратонро ҳайф аст қадрдонӣ.
Меҳре ба дил надоранд, нафъе ба кас наоранд,
Пурнеш мисли хоранд, ҳайф аст гулфишонӣ.
Ҳарчанд сарбаланданд, дар шакл дилписанданд,
Ин номубораконро ҳайф аст навҷавонӣ.
Онро ки кард хорат, мехӯрд музди корат,
Ӯро зи ғамгусорат боло чаро шинонӣ?
Эй халқи хастаҷонам, дилсӯзу меҳрубонам,
Бояд ки фош созӣ ин пардаи ниҳонӣ.
Ғамгин дили Сайид аст, з-ин тӯдаи палид аст,
Онро ки зархарид аст, ҳайф аст комронӣ.

* * *

Аз суханноошноёни замон ошуфтаам,
Аз разолатпарвариҳои ҷаҳон ошуфтаам.
Маҳфилоро гаштани аҳли вафо шодам кунад,
Ман зи худороии ноодамон ошуфтаам.
Дар ҷавонӣ ҳасрати пирона бар ман ёр гашт,
Чун гули зард аз баҳори гулфишон ошуфтаам.
Тири ноҷои камони ғам дилу ҷонам бисӯхт,
Тирро айбе набошад, аз камон ошуфтаам.
Боди навмедӣ зи иқлими ҷаҳолат мевазад,
Бар дарахти умр чун барги хазон ошуфтаам.
Тӯъмаи гургони одамрӯст акнун моли халқ,
Нест айби гург, аз айби шубон ошуфтаам.

Аз маломатҳои душман нест моро шиквае,
Аз хиёнатҳои ёри меҳрубон ошуфтаам.
Хушдилам аз некхоҳони ҷаҳон, аммо Сайид,
Аз нигоҳи кинаҷӯи бадгумон ошуфтаам.

* * *

Рафтию ба сина рози ман монд,
Ҳаҷру дили пургудози ман монд.
Васли ту ҳамеша буд кӯтоҳ,
Андӯҳу шаби дарози ман монд,
Дар олами ишқу орзуям,
Танҳо дили покбози ман монд.
Тифлона ба ту гирифтаам хӯ,
Бе ту ҳаваси ниёзи ман монд,
Дар қалби Сайид ишқ нақше,
Чун қиссаи дилнавози ман монд.

* * *

Сарбаланд аст, касе пурҳунар аст,
Хок дар панҷаи шавқаш чу зар аст.
Бо силаҳ ном намонад ҷовид,
Аз сахо мард каси номвар аст.
Некномист ҳимоятгари ҷон,
Хислати хуб ба одам сипар аст.
Ҷавҳари асл нигаҳ медорад,
Ҳар кӣ фарзанди асили падар аст.
Ишқ эҳсони илоҳӣ бошад,
Қалби дилдор аз он пуршарар аст.
Равшан аз илм бувад хонаи дил,
Равшан аз меҳр ҷамоли қамар аст.
Огаҳ аз ҳастии худ мегардад,
Ҳар кӣ ҳамсӯҳбати аҳли назар аст.
Гузар аз айби азизон мардист,
Умр чун боди сабо даргузар аст.
Куштаи хулқи бади хеш шавад,
Ҳар кӣ бешафқату бедодгар аст.
Дузд аз сояи худ метарсад,
Беадаб аз ҳама кас дар ҳазар аст.
Аз адаб рӯй натобад ҳаргиз,
Он кӣ аз олами дил бохабар аст.

Иллати ақл зи бефарҳангист,
Хушкии нахл зи захми табар аст.
Ҳар кӣ дилдодаи нафс асту ҳавас,
Камтар аз тоифаи гову хар аст.
Сирри берангии нохун, эй дӯст,
Асар аз иллати қалбу ҷигар аст.
Матлаб аз хоб нагардад ҳосил,
Равнақи кор зи файзи саҳар аст.
Ҳар ки иксири фазилат дорад,
Заҳр дар ҷоми нишоташ шакар аст.
Ҳаст уммед ба ояндаи нек,
То яке чашми ҳақиқатнигар аст.
Раҳкушои дигарон бош, Сайид,
Гарчи донӣ, ки ба ҷонат хатар аст.

* * *

Аз панҷаи ғам раҳо нагаштем,
Мурдему пайи даво нагаштем,
Дидем, агарчи бевафоӣ,
Аммо зи раҳи вафо нагаштем.
Ҷо дар дилу дида дода касро,
Андар дилу дида ҷо нагаштем.
Морост зи ранҷи худ мақоме,
Бешафқату худнамо нагаштем.
Ҷустанд басе хатоии мо,
Мо, лек пайи хато нагаштем.
Бо ташвиқу дарси бехудоён,
Як дам зи раҳи Худо нагаштем.
Ҷумбида чу осиё пайи ризқ,
Аз манзили худ ҷудо нагаштем.
Мондем қафо зи зиндагонӣ,
Аз ҷодаи худ қафо нагаштем.

* * *

Сӯзу дардам ҳосили ишқи ту буд,
Ранги зардам ҳосили ишқи ту буд.
Оҳ агар гуфтам замоне аз ғаме,
Оҳи сардам ҳосили ишқи ту буд.

Нек агар бад гуфтаму бадро накӯ,
Ҳар чӣ кардам, ҳосили ишқи ту буд.
Рағми номардии ин дунёи дун
Қалби мардам ҳосили ишқи ту буд.

* * *

Эй ишқ, самар надидам аз ту,
Ҷуз дидаи тар надидам аз ту.
Эй бахти шакарнамои заҳрам,
Ман шаҳду шакар надидам аз ту.
Дар хонаи дил турост ҷо, лек
Ман хонаву дар надидам аз ту
Бар манфиъати ту кор кардам,
Ҷуз нақши зарар надидам аз ту.
Тифли ҳавасам надид меҳрат,
Оҳанги падар надидам аз ту.
Сард аст дилам зи ту ҳамеша,
Ҷуз хуни ҷигар надидам аз ту.

# Р У Б О И Ҳ О

Ҷӯяндаи роҳи ҳаққу имон бошед,
Эҳёгари ҳикмати ниёгон бошед.
Сарсабзии Кӯлоб зи номи хуши ӯст,
Ҳаммаслаки Ҳазрати Амирҷон бошед.

Гулзори хирад зи илми ҳақ сохтаӣ,
Бо сеҳри сухан варо бипардохтаӣ.
Эй мири сухан, зи туст ҳар кӯлобӣ,
Бошад ба суруду шеър дилбохтае.

Эй пири вафо, ҳама вафодори туем,
Лабрез диле зи меҳри саршори туем.
Хоки ту, ки мекунад номи накӯ,
Мо низ ҳамеша номбардори туем.

Кӯлоб зи файзи ту сафое дорад,
Мардони асилу бовафое дорад.
Душман зи куҷо ба мо зафарёб шавад,
Рӯҳи ту агар ба ӯ вағое дорад.

Ин мақбара маъвогаҳи дилҳо гашта,
Умедгаҳе ба пиру барно гашта.
Ҳар фард аз ӯ бахту мадад меҷӯяд,
Ӯ каъбаи ихлоси дили мо гашта.

Хушбахт касе, ки фикри воло дорад,
Дар илм ҳамеша дасти боло дорад.
Ҳар кас, ки ба илму маърифат дил бандад,
Нуре зи Худованди таоло дорад.

Аз илм ҳамеша баҳрабардор шавед,
Асроркушою нармгуфтор шавед.
Дар базми сухан то ки забони худро,
Аз гуфтаи ноҷой нигаҳдор шавед.

Аҷдоди гузаштагони ширинсуханам,
Рӯҳ аст гузаштагону ман ҳамчу танам.
Садпора шавам агар ба шамшери аҷал,
Ман зинда ба шеъри обдори аҷамам.

Модар, ту ҷаҳони бекаронро монӣ,
Ўрдугаҳи меҳри ҷовидонро монӣ.
Бори ғами ту басо гарон аст, гарон,
Манзилгаҳи дарди сад ҷаҳонро монӣ.

Рафтию туро суроғ дорад дили ман,
Аз сӯхтанаш чароғ дорад дили ман.
Ин олами ишқу ошиқӣ бас аҷаб аст,
Ту лоларухию доғ дорад дили ман.

Эй субҳ, ба мисли чашми бедори манӣ,
Покиза ба сони чеҳраи ёри манӣ.
Эҷоди ман аз саховату мақдами туст,
Гӯё ки ту сарчашмаи ашъори манӣ.

Бо ёди ту доғу дарди афзун дорам,
Пурдард танею қалби пурхун дорам.
Аз ҳаҷри ту хотироти маҳзун дорам,
В-аз омаданат бахти ҳумоюн дорам.

Аз дил ҳаваси рӯи чу моҳат наравад,
Аз дида таманнои нигоҳат наравад.
Дар сина ғаму дарди ту монад ҷовид,
Бе васли ту захми ин ҷароҳат наравад.

Ҳусни ту чу ҳусни навбаҳор аст, эй гул,
Чашмони ту масту роздор аст, эй гул.
Аз васли ту қалби хастаам ором аст,
В-аз ҳаҷри ту зору беқарор аст, эй гул.

Аз умр фақат нишот мехоҳаму бас,
Осудагӣ дар ҳаёт мехоҳаму бас.
То ғолиби хасми кишвари худ бошам,
Мардонагию субот мехоҳаму бас.

Айёми шубоб чун баҳорон гузарад,
Аз водии умр ҳамчу борон гузарад.
Ҳар лаҳзаи умрро ғанимат бишумор,
К-он зуд чу васли дӯстдорон гузарад.

То дар дили меҳрпарварам ҷон дорам,
Шукронаи хоки поки Хатлон дорам.
Имдод зи даргоҳи Худо меҷӯям,
Ихлос ба Ҳазрати Амирҷон дорам.

Меҳри ту маро боз ба манзил овард,
Чун ташнаи дидор ба соҳил овард.
Дил рафт зи даргоҳи ту навмед, вале
Ишқи ту маро ба олами дил овард.

Дардо, ки зи ҳамдигар ҷудо мегардем,
Озурдадили мулки вафо мегардем,
Мардум ҳама дар ҷашни ту хушнуд, вале
Мову ту ба ғусса мубтало мегардем.

Бар қадри сухан одами оқил бирасад,
Дилдода, ба қадри олами дил бирасад.
Дарё, ки ҳама зи файзи ӯ шодоб аст,
Танҳо аламаш ба гӯши соҳил бирасад.

Ёди ту маро зи лавҳаи дил наравад,
Ҳарчанд расад ҳазор мушкил наравад.
Дарёи вафо будию ман соҳили ту,
Нақши аламат аз дили соҳил наравад.

Дунё гузарад, сахои ту мемонад,
Бар аҳли вафо, вафои ту мемонад.
Пас аз сари ту бидон, аё марди накӯ
Меҳри дили хайрхоҳи ту мемонад.

Мардони асил кони нанганд ҳама,
Озодипарасту хасми ҷанганд ҳама.
Бар халқи ватан чу меш нарманд, вале
Бар рағми аду шеру паланганд ҳама.

Чун дастаи гул хурраму зебо бошӣ,
Пурфайз ба мисли оби дарё бошӣ.
Ҳар ҷо ки равӣ аз қадамат гул рӯяд,
Ҳам зеби чаман, ҳам чаманоро бошӣ.

Эй миллати сарбаланду саргардонам,
Донои ба кори хештан нодонам.
Ёрони ту сарҳисоби худ ёфтаанд,
Ман, лек зи бадбахтии ту ҳайронам.

Иқболи баланд аз саховат бошад.
Пок аст диле, ки бомуҳаббат бошад.
Обод бувад хонаи уммеди касе,
Андар дили ӯ меҳру садоқат бошад.

Рақсат ба дилам ҳавои бӯстон овард,
Рухсори ту накҳати гулистон овард,
Он гуна ту печутоб хӯрдӣ ба ҳавас,
Гулнози ту ҳар кӣ дид, имон овард.

Ҳар узви ту хубу дилситон мерақсад,
Ҳамроҳи ту қалби ошиқон мерақсад.
Дар чашми мани масти висолат гашта,
Гӯё ки замину осмон мерақсад.

То чанд бинолам аз ғами камбағалӣ,
Пеши ҳама аз бешу ками камбағалӣ.
Ман аҳли биҳиштам, ки дар ӯ хӯрдан нест,
Ёрон, ҳазар аз ҷаҳаннами камбағалӣ.

Имрӯз ба ҷои панд фанд аст сухан,
Беқадру залилу мустаманд аст сухан.
Аз теғи қаламкашони бедарди замон
Хунинҷигар асту дардманд аст сухан.

Як зумра зи дарди доварӣ мелофанд,
Аз санъати худ ба боварӣ мелофанд.
Аз лутфи сабукнигоҳи маънисанге,
Аз ҷавҳари маъниофарӣ мелофонд.

Як равзана дар шеърӣ дарӣ накшода,
Хиште ба иморати сухан нанҳода,
Таъне бизанад ба санъати Фирдавсӣ,
Санге фиканад ба шеъри Турсунзода.

Як зумра зи шеъру шоирӣ меболад,
Як санъати сеҳру соҳирӣ меболад.
Нодида шиканҷи ишқу кӯҳи аламаш,
Бо Лайливу Қайси Омирӣ меболад.

Ё раб, ҳазар аз асириҳои асрӣ,
Аз арбадаю хабисиҳои касрӣ.
Ку шеъри равоне, ки равонам бахшад,
Озурдадилам зи шеърҳои насрӣ.

Аз вожаи фаҳш шеърсозӣ афзуд,
Бе завқи асил хоматозӣ афзуд.
Шуд ҷоизадор он кӣ сазовор набуд,
Дар илму адаб ҷоизабозӣ афзуд.

Як зумра зи бекасӣ сухансанҷ шуда,
Бомартаба безаҳмату беранҷ шуда.
Бар даргаҳи ганҷури сухан истода,
Аждарсифатона соҳиби ганҷ шуда.

Бархе зи ғазалсарой мепарҳезанд,
Шавкат ба бағалкушой меангезанд.
Дар қолаби шеъри нав ба алфози дурушт,
Худро ба дағалсарой меомезанд.

Дардо, ки касони шулти беандеша,
Аз гардиши давр гашта соҳибпеша.
Чун заҳри ҳалоҳиланд бар ҷисми ҳама,
Монанди табар захм зада бар реша.

Он ҷо ки бувад зи нек гуфтор, ҳаҷ аст,
Бар хастадиле шавӣ мададгор, ҳаҷ аст.
Донӣ чу ту қадри модари зор, ҳаҷ аст,
Ҳар лаҳза физои ишқи он ёр, ҳаҷ аст.

Ку Лоиқию таровати шеъру сухан,
Бозорию ҷоннисории ишқи Ватан.
Аз ҷурми ғаразнигоҳ дар мулки сухан,
«Не зинда Ватан ёбаду не мурда кафан».

Фарёд аз ин муғулихои асрӣ,
Худхоҳию ҳам чуғулиҳои асрӣ.
Фозил нарасад зи фазл бар кӯи мурод,
То ҳаст агар фузулиҳои асрӣ.

Парвардаи пирони батадбирам ман,
Як саҳфа аз он китоби тафсирам ман.
Сармаст зи як каломи пурарзаму лек,
Аз як сухани ҳавоӣ мемирам ман.

Бо ишваю ноз шеърхонӣ муд аст,
Дар пир кунун завқи ҷавонӣ муд аст.
Бе сӯзу гудози ишқу шаҳди васлаш
Тан дода ба ғайру пулситонӣ муд аст.

Бекор шуда кунун тарозуи сухан,
Ҳам рафта модару зӯри бозуи сухан аст.
Ку нозукию таровату бӯи сухан,
Бинад самаре аз ӯ худоҷӯи сухан.

Байти нави ошиқона гӯям имрӯз,
Аз сӯзи дилам тарона гӯям имрӯз.
Хушбахтам, агар ба хотири дидорат
Як мисраи шоирона гӯям имрӯз.

Аз деҳаи ман меҳру вафо мехезад,
Аз чеҳраи мардумаш сахо мехезад.
Аз синаи ӯ суруди шодӣ ҳама дам,
Чун селаи мурғони ҳаво мехезад.

Лағжид ба кӯҳу теппаю ҷар назарам,
Сад фикру хаёли тоза омад ба сарам.
Ҳар як ба назар чу ҷовидон захме тофт
Дар қалби замину кард хуни ҷигарам.

Наврӯз ба қулла шамъ афрӯхт зи нав,
Лола чу шафақ ба пуштаҳо сӯхт зи нав.
Бо сӯзану риштааш табиат имрӯз,
Пироҳане бар қади замин дӯхт зи нав.

Эй лола, чаро қабои пурхун дорӣ,
Ё доғ ба дил зи даври гардун дорӣ?
Пайваста ба дарди хештан месӯзӣ,
Лайлисифате ба хеш Маҷнун дорӣ?

Эй лола, бигӯ ба ин ҳама зебоӣ,
Ту дидаи Қайс ё рухи Лайлоӣ?
Пироҳани Юсуфӣ, ки ғарқи хунӣ?
Ё машъали сӯзони дили Данкоӣ?

Дунёи куҳан, касе надонат розат,
Анҷом бувад аз пайи ҳар оғозат.
Ту соҳиру мо фитода бар найрангат,
Ҳайратзадаи ҳазору як эъҷозат.

Бо хори Ватан гули муродам хандад,
З-ихлос ба ӯ меҳру муҳаббат бандад,
Осуда касе нест пас аз марг чу ман,
Тақдир танам ба хоки ӯ пайвандад.

Дар куштани ман камони абрӯи ту бас,
Як ишваи чашмакони ҷодуи ту бас,
Ҳарфе зи гули даҳони хушбӯи ту бас,
Сарви қади ошиқкуши дилҷӯи ту бас.

Хушрӯй гуле чу лолаи рӯят нест,
Хушбӯй гиле чу атрии гесӯят нест,
Дар олами ҳурони биҳиштӣ бе шак,
Зеботар аз он қомати дилҷӯят нест.

Дил мот шавад дида бару дӯши туро,
Зебо тани гулнамою гулпӯши туро.
Ҳар кӣ ба лабаш ниҳад лаби нӯши туро,
Аз дил набарад хумори оғӯши туро.

Ҳар қатраи бодае, ки аз ҷом чакад,
Пеши қадами ёри гуландом чакад.
Афсӯс маҳӯр, ки беҳуда рехтиаш,
Пиндор ба рӯи қабри Хайём чакад.

Модар, модар, ҷаҳони дардам бе ту,
Паҷмурдаю хору рангзардам бе ту.
Ҳар панди ту раҳнамои тақдирам буд,
Раҳгумзада марди раҳнавардам бе ту.

Беҳавсалаҳо вазир гаштанд имрӯз,
Дар мартаба ҳам кабир гаштанд имрӯз.
Ҳар ҷо ки яке бафаҳму идроке буд,
Барвақт зи умр пир гаштанд имрӯз.

Навдавлатакон зи ҳад гузаштанд, афсӯс,
Дар зулми зи деву дад гузаштанд, афсӯс,
Дар роҳи талошу мансабу ҷоҳи наве,
Аз раҳбару раҳбалад гузаштанд, афсӯс.

Навмансабаке шукри замонӣ мекард,
Бо хурди бузург бадзабонӣ мекард.
Дидам, ки ба пеши хоҷаи хеш чу сол,
Бо санъати хоса думликонӣ мекард.

Як кӯрнамак ба мансаби олӣ шуд,
Машҳур ба зиштию бадафъолӣ шуд,
Рӯзе ки зи ҷоҳи хештан шуд маҳрум,
Он рӯз ҷаҳон дар назараш холӣ шуд.

Афсӯс ки дар замона фарҳанг намонд,
Ҷуз ҳавли дурӯғу макру найранг намонд.
Дар мартаба бар муроди қалби мардум,
Як марди асилу соҳиби нанг намонд.

Як мансабӣ даъвои худоӣ мекард,
Сад ҷабр ба мардуми фидоӣ мекард.
Аз курсии мансабаш нагун афтода,
Дар кӯча ба ҳоли бад гадоӣ мекард.

Ин тахт туро тахти Сулаймон гардад,
Бахти ту накӯ, ризқ фаровон гардад.
Ҳусни ту биафзояду бо амри Худо,
Ҳамранги ҷамоли моҳи Қанъон гардад.

Ин умр, ки банди орзу мегузарад,
Некӯст, агар ба обрӯ мегузарад.
Монандаи гул ханда ба лаб бояд мурд,
Эй дӯст, баҳори рангу бӯ мегузарад.

Аз ишқи ту оламе гирифтам дар дил,
Сад шодиву сад ғаме гирифтам дар дил.
Аз баҳри сипоси ту, аё ишқи нахуст
Сӯзи ту чу марҳаме гирифтам дар дил.

Эй шамъ, забона зан, ки дил ғам дорад,
Аз абри алам ду дидаам нам дорад.
Эй оташи пок, сӯзи ту кӯтоҳ аст,
Он сӯз туро нест, ки одам дорад.

Шаб рафт, вале маро даме хоб набурд,
Ғамҳои маро хандаи маҳтоб набурд.
Рӯзона бигуфтам ҳама он қисса ба об,
Зангори дили маро, вале об набурд.

Умрам бигузашт, мурғи тақдир куҷост,
Озурдадилам, давою тадбир куҷост.
Як бор насиби ман нашуд хандаи бахт,
Файзу самари дуоят, эй пир куҷост?

Эй бахт, ба сӯи нокасон механдӣ,
Баҳри чи фақат ба рӯи ман дар бандӣ?
Дард аст мудом баҳри ман подошат,
Бошад, ки маро ба шодие пайвандӣ?

Ҳар лаҳза дилам зи ғусса хун мегиряд,
Аз толею аз бахти нагун мегиряд.
Чун шамъ зи дарди дигарон месӯзам,
Касро набувад ғамам, ки чун мегиряд.

Чун роҳ чаро баланду пастӣ, эй умр,
Гаҳ ғолибу гаҳ ту дар шикастӣ, эй умр.
Якранг найӣ, ки ин қадар ширинӣ,
Гаҳ шоду гаҳе ту ғампарастӣ, эй умр.

Эй ишқ, ту орзуи рангинам бош,
Пайғоми нишоти тумри ширинам бош.
Эй шӯълаи ҷовидони меҳри азалӣ,
Покиза ту чун мазҳабу оинам бош.

Модар, модар, ҷавоният рафт, дареғ,
Ранг аз рухи арғувоният рафт, дареғ.
Дар фикри ғами зиндагиву қисмати мо,
Ҳар лаҳзаи зиндагоният рафт, дареғ.

Ту рашки ҷаҳонию ҷаҳонат хоҳам,
Як тоза баҳори бехазонат хоҳам.
Ҳар чист муроди ту, ҳамонат хоҳам,
Хизрона ҳаёти ҷовидонат хоҳам.

Эй ёр, ниҳоли қаду бастат зебост,
Сурхии лабони майпарастат зебост.
Чун лола гули ҳинои дастат зебост,
Афсуни нигоҳи чашми мастат зебост.

Ин умр чу боди саҳарӣ даргузар аст,
Ҳамвор раҳаш гаҳеву гаҳ пурхатар аст.
Бедор касе, ки қисматаш медонад,
Дар хоб, касе зи рафтанаш бехабар аст.

Дардо, ки сухан ба бенизомӣ омад,
Аз пухтагӣ сӯи хомӣ омад.
Чун фоҳиша шуд духтари зебои забон,
Ноасл бувад, он кӣ ҳаромӣ омад.

Аз бӯи ватан ҷону дилам об хӯрад,
Нахли тану кишту ҳосилам об хӯрад.
Дунёи саховат аст меҳраш, ки аз он
Ҳар решаи фикри комилам об хӯрад.

Дар боғи дилам нахли қадат реша гирифт,
Турки нигаҳат ҷаҳони андеша гирифт.
Чун кӯҳкан орзуи ширини маро
Ин Хусрави рашк бо дами теша гирифт.

Бувад таърихи миллат «Шоҳнома»,
Бувад кони фазилат «Шоҳнома».
Сано хонад ба мардию шуҷоат,
Биҷангад бо разилат «Шоҳнома».

Зиҳӣ, эй пири Тӯсӣ, ҷовидона,
Бимондӣ дар ҷаҳон аз худ нишона.
Ҳақиқатро басе афсона созанд,
Ҳақиқат сохтӣ ту аз фасона.

Чу Рустам зӯру ботамкин шав, эй дӯст,
Ба қалби хасми худ зубин шав, эй дӯст.
Пайи ободии халқу Ватан кӯш,
Ҷасуру марди бекин шав ту, эй дӯст.

Занон дар «Шоҳнома» мисли марданд,
Ба рағми ҷангҷӯён дар набарданд.
Ба гоҳи разм чун Гурдофаринанд,
Чу Таҳмина ҳалиму дилписанданд.

Чу Рустам марди оқил бош доим,
Ба мардум сахт моил бош доим.
Хатое рехт хуни поки Сӯҳроб,
Адӯи ҷони қотил бош доим.

Ҳар он кас бад кунад, ҷуз бад набинад,
Зи нахли умри худ ҷуз бад начинад.
Машав ғамгин ту аз тӯфони тақдир,
Агар нокас зи кас боло нашинад.

Дар иқлиме, ки адлу иттифоқ аст,
Халоиқ душмани ҷангу нифоқ аст.
Камон пайке аз ободӣ наорад,
Харобиҳои олам аз ироқ аст.

Ватан, оромиат оромии мост,
Ҳама нокомиат нокомии мост.
Туро ҳаргиз набошад ҳеҷ айбе,
Ғаму дардат нишони хомии мост.

Насиби ман гудозу сӯхтан шуд,
Давои дарди ман шеъру сухан шуд.
Дили модар агар аз баҳри ман сӯхт,
Дили ман доғ аз дарди Ватан шуд.

Ту бошӣ олами фикру хаёлам,
Туӣ дар зиндагонӣ шоҳболам.
Ҳама гӯянд сарват рамзи бахт аст,
Туӣ, эй шеър бахти безаволам.

Зи зӯри бозувон ҳаргиз наболам,
Зи заъфи дигарон ҳаргиз наболам.
Бувад мардонагӣ дар ҷавҳари мо,
Ман аз пушти камон ҳаргиз наболам.

Нигоҳат сеҳру афсун дорад, эй гул,
Нишони меҳри афзун дорад, эй гул.
Ба абрӯят дили ман чашм дӯзад,
Хаёли байти мавзун дорад, эй гул.

Касе, ки халқ аз ӯ шодком аст,
Ҳамеша некбахту некном аст.
На ҳар Рустам бувад чун Рустами Зол,
На ҳар як бошараф авлоди Сом аст.

Дареғо, зумрае беору нанганд,
Барангезандаи ғавғою ҷанганд.
Ҳазорон сарвату ганҷина доранд,
Вале умре ҳарису чашмтанганд.

Зи умри рафта ҳаргиз ғам надорам,
Зи таҳдиди касе мотам надорам.
Бибахшам бар ҳама ганҷи вафоям,
Агарчи сарвати Ҳотам надорам.

Гаҳе аз шавқ хандон мешавам ман,
Гаҳе аз дард гирён мешавам ман.
Гаҳе розистам аз зиндагонӣ,
Гаҳе аз худ пушаймон мешавам ман.

Ҳама панди ту бар ман судманд аст,
Каломат нарму хубу дилписанд аст.
Бирафтӣ, модаро, лекин дуоят
Таби ҳастии моро чун сипанд аст.

Ту ҳастӣ, олами меҳру вафоям,
Ту ҳастӣ, матлаи шеъри расоям.
Бувад ҳаҷри ту ҳамранги шаби тор,
Бувад васли ту субҳи босафоям.

Парастам одами дардошноро,
Дили лабрези уммеду вафоро.
Зи файзи сӯҳбаташ ғам дур гардад,
Ҷаҳон тобад ба чашмонам гуворо.

Ба мисли чашмасорон соф мебош,
Сафобахшандаи атроф мебош.
Бишӯ дил аз сияҳкорию зиштӣ,
Фақат ҷӯяндаи инсоф мебош.

Дили бедард ҳаргиз дил набошад,
Разолат пешаи оқил набошад.
Надорад ҷавҳаре аз одамият,
Касе бар асли худ моил набошад.

Вуҷудам бастаи меҳри замин аст,
Равонам моили меҳрофарин аст.
Ба он адам надорам эътиқоде,
Дилаш пур аз нифоқу бухлу кин аст.

Касе шоистаи давру замон аст,
Ки ӯро ҷавҳари теғи забон аст.
Зи ҳарфе метавон сад дил кунӣ реш,
Ки захми лафз бадтар аз камон аст.

Давои қалби ошиқ васли ёр аст,
Разолат зодаи ҷангу ниқор аст.
Надорад интиқом, эй дӯст, охир,
Ки даҳшат з-ахтари думболадор аст.

Касе ки бо разилон ҳамнишин аст,
Аҷал ӯро ҳамеша дар камин аст.
Нағунҷад дар замини бекарона,
Агар худ зодаи чархи барин аст.

Ҳамеша дӯстдори илму фан бош,
Ҳамеша ташнаи шеъру сухан бош.
Зи иқлими сухан берун манеҳ пай,
Гадо бошу ҳамеша дар Ватан бош.

Гурӯҳе гоҳи сӯҳбат ҳақшиносанд,
Валекин аз ҳақиқат дар ҳаросанд.
Агар аъмоли эшонро биҷӯӣ,
Ҳама мардумфиребу носипосанд.

Якеро завқ бар чангу рубоб аст,
Якеро майл бар нуқлу шароб аст.
Ба чашми ман бувад хуш он азизе,
Ки умре дар паи кори савоб аст.

Ту бо он рангу рӯи арғувонӣ,
Гузар созӣ ба нозу дилситонӣ.
Равад то даргаҳат мурғи хаёлам,
Чу гумҷӯе суроғи навҷавонӣ.

Бигирям аз ғаму дарди азизон,
Бигирям ман ба ҳоли бетамизон.
Яке обод карду бенаво рафт,
Дигар аз нафрати мардум гурезон.

Ту кони меҳру лабрези вафоӣ,
Ҳалиму нозанину дилрабоӣ.
Надорам ман хаёли ганҷи олам,
Ту баҳрам олами беитиҳоӣ.

Дили беорзу дил нест, ҳаргиз,
Набошад дона, ҳосил нест, ҳаргиз.
Ба мақсад мерасӣ, гар азм созӣ,
Ки маҳ бе сӯз комил нест, ҳаргиз.

Ҳама хубу ҳама зебост имшаб,
Аҷаб базми хуше барпост имшаб.
Ба доми чашми масту ишқбозат,
Дили ман волаю шайдост имшаб.

Туро бахти накӯ бошад муборак,
Нигори моҳрӯ бошад муборак.
Ҷаҳон аз ишқ дорад рангу бӯе,
Ҷаҳони рангу бӯ бошад муборак.

Дили ман беқарорӣ, беқарорӣ,
Ба ҷон андешае дорӣ, надорӣ.
Шикебоӣ наорад суд аз пай,
Дареғи одамию хоксорӣ.

Гули хушрангу бӯӣ, модари ман,
Ту дилсӯзу накӯӣ, модари ман,
Дилат лабрези уммеду ҳавасхост,
Ҷаҳони орзуӣ, модари ман.

Шароби ишқ дар ҷоми ту бошад,
Нишоту хуррамӣ коми ту бошад.
Бихоҳам сабт андар дафтари ишқ,
Қатори ошиқон номи ту бошад.

Қанори чашмасор охир ғанимат,
Лаби нӯшини ёр охир ғанимат.
Ҷавонӣ бигзарад чун рӯди ҷӯшон,
Гузашти рӯзгор охир ғанимат.

Ғами ту оташи сӯзони ман буд,
Вафоят дорую дармони ман буд.
Туро ман бовафо меофаридам,
Агар ин чарх дар фармони ман буд.

Набошад ошиқӣ ин чашмдузӣ,
Ки ишқ аст аз барои поксӯзӣ.
Муҳаббат арчаи солинавӣ нест,
Чароғашро ту ҳар соле фурӯзӣ.

Насими кокулонат анбарӣ буд,
Ду чашмат чашмаи шеъри дарӣ буд.
Ҷилои ҳалқаю овезаҳоят,
Баҳои ишқи моро доварӣ буд.

Ба соли нав туро ёд оварам ман,
Ғуборе дар дили шод оварам ман.
Ғаму дарди туро дар сурати шеър,
Ба илҳоми худодод оварам ман.

Дили ман метапад монанди соат,
Биё, дорӣ агар меҳру садоқат,
Ҳама амволи дунё ҳам нарзад,
Ба моли кӯҳнабозори муҳаббат.

Биё, бе ту ба ғам афтодаам ман,
Ба гирдоби алам афтодаам ман.
Ба ёди партави хуршеди рӯят,
Мисоли субҳдам афтодаам ман.

Ба шеърам нусхаи рӯи ту бошад,
Шамими атри гесӯи ту бошад.
Бар ҳар байте, ки сӯзу дарди ишқ аст,
Нишони ҳусни дилҷӯи ту бошад.

Бигӯяд ҳар замон абри баҳорӣ,
Ки душвор аст ранҷи сугворӣ.
Вале шодам ман аз подоши қисмат,
Кунам шодоб боғу киштзоре.

Чӣ ҳосил, эй ҳасуд, аз бадгумонӣ,
Зи бухлу кинаву рашки ниҳонӣ.
Чу гулҳои баҳорӣ чеҳра бикшо,
Найӣ дар даҳр охир ҷовидонӣ.

Ту рафтию ҷавонӣ рафт аз ман,
Нишоту шодмонӣ рафт аз ман.
Тамоми орзуҳои дили ман,
Чу мурғи ломаконе рафт аз ман.

Маро дар сар ҳавои дигаре нест,
Ба дил меҳру вафои дигаре нест.
Чунон ишқи ту дар дил ҷо гирифта,
Ки ҷои дилрабои дигаре нест.

Дили ман ошёни ишқи пок аст,
Зи бедардии ёрон дарднок аст.
Аз он сӯзад, ки санг ин дил надонад,
Насиби одамӣ як мушт хок аст.

Ту, эй боди сабо мушкил надорӣ,
Шитобон меравӣ, манзил надорӣ.
Дареғо, даҳри дунпарвар, дареғо,
Ғами инсони соҳибдил надорӣ.

Ту чун оби равон бояд, ки бошӣ,
Умеди ташнагон бояд, ки бошӣ.
Ҷавониям ниҳон дар туст, эй шеър,
Ба ёди ман ҷавон бояд, ки бошӣ.

Ду соҳил чун ду ёри бовафоянд,
Ба дил наздик, лек аз ҳам ҷудоянд.
Ту гӯӣ бо забони мавҷи дарё,
Ғаму дарди ҷудоиро сароянд.

Чу дарёе талотум мекунад дил,
Ба соҳилҳо шабехун мекунад дил.
Бисӯзад аз барои ҳар баду нек,
Ғаму андӯҳам афзун мекунад дил.

Туро дидам, ҷавонӣ ёдам омад,
Гузашти зиндагонӣ ёдам омад.
Ғаму дардам тагрӯ гашт аз нав,
Зи чашм ашку зи дил фарёдам омад.

Туро дидам, вале мағрур дидам,
Зи базми ишқбозон дур дидам.
Чу тори канда тори аҳди мозӣ,
Ба сози қалби ту ноҷӯр дидам.

Ту зебову дилафрӯзӣ, кӯҳистон,
Ту ҷовидону фирӯзӣ, кӯҳистон.
Чу рӯҳи Рустамӣ дар бовиқорӣ,
Китоби пандомӯзӣ, кӯҳистон.

Фидои сангҳои кӯҳсорам,
Ҳаводори суруди обшорам.
Бихоҳам сӯи гардун қад фарозад,
Чу кӯҳе як замон санги мазорам.

Ту будию маро ҳам оламе буд,
Куҷо парвои ҳар бешу каме буд.
Бирафтию гумонам, қиблагоҳам,
Хушиҳои ҳаёти ман даме буд.

Ҷаҳони дигаре будию рафтӣ,
Сарамро сарваре будию рафтӣ.
Самои хотирам гардид тира,
Дурахшон ахтаре будию рафтӣ.

Ду рухсорат гули бишкуфтаи ман,
Ду чашмат ҳарфҳои гуфтаи ман.
Ду абруи ба ҳам пайвастаи ту,
Рамузи байтҳои суфтаи ман.

Раҳи дунёи мо шебу фароз аст,
Ҳадиси умри мо дуру дароз аст.
Набошад қисмати якранг моро,
Яке хушбахту дигар пургудоз аст.

Дили дардошно дорем, эй дӯст,
Зи меҳри ҳақ зиё дорем, эй дӯст.
Ҳама пайванди афлоку заминнем,
Ба асли худ вафо дорем, эй дӯст.

Ҳама аз рози даҳр огаҳ нагардад,
Дурахшад ахтар, аммо маҳ нагардад.
Зи доройӣ марав аз худ, ки умре
Ҷаҳон бар комат, эй аблаҳ нагардад.

Ту нопокӣ, ро, ба ту дунё ҳаром аст,
Ба дастат гарчи мансабро зимом аст.
Натобад хору хас чун лола зебо,
Агарчи дар сари девору бом аст.

Маро аз мансабат тарсондӣ, эй бад,
Қабулгоҳат бирафтам рондӣ, эй бад.
Нагардад хар ба кӯшиш аспи тозӣ,
Ту аблаҳ будӣ, аблаҳ мондӣ, эй бад.

Зиҳӣ абре, ки чашмаш ашкбор аст,
К-аз ӯ сарсабз олам чун баҳор аст.
Зи ту, эй зиштхӯ, нафъе нахезад,
Ки аз хӯи бадат дилҳо фигор аст.

Лаби пурхандаат, эй ёр зебост,
Дилат покиза мисли оби дарёст.
Ду абру чун ғизоли ташнаи ишқ,
Ду чашмат чашмаи оби мусаффост.

Шитобон доимо дарёи умр аст,
Ғанимат гавҳари яктои умр аст.
Чаро , эй бевафо, сарватпарастӣ,
Муҳаббат моҳии дарёи умр аст.

Дили ошиқ пур аз ганҷина бошад.
Ба покӣ соф аз оина бошад.
Диле, ки ишқпарвар нест, донам
Пур аз бӯҳтону бухлу кина бошад.

Ба сар ошиқ хаёли бад надорад,
Ба ҷуз дил ёфтан мақсад надорад.
Дилашро олами беимтиҳо дон,
Ҷаҳони ошиқон сарҳад надорад.

Нишастам бар лаби рӯди хурӯшон,
Ба ман мегуфт ӯ бо шӯру афғон.
«Ки умрат мисли ман андар шитоб аст,
Бидон қадраш, аё фарзанди инсон».

Замин, эй модари ғамхлору дилсӯз,
Саховатманду ботамкину фирӯз.
Ба фарзандони нофарзонаи хеш
Даме аз хоксорӣ ибрат омӯз.

Туро неку каломе нест имрӯз,
Ба мардум эҳтироме нест имрӯз.
Наӣ тоҷик ту, тоҷикранги,
Туро бо кас саломе нест имрӯз.

Дареғо, сад дареғи одамизод,
Наосояд дар ин даҳри ғамобод.
Ба дил сад ормон мирад замоне,
Ҳама мардони маҳбубу худодод.

Баҳор аз ҳуснат, эй зан нозанин аст,
Ҳаловатбахш ақсои замин аст.
Ҷаҳон бе ту надорад рангу бӯе,
Ту ҳастӣ , зиндагонӣ дилнишин аст.

Баҳорон аз ту ранги тоза дорад.
Замон аз ту баланд овоза дорад.
Ба ғайри ишқи поку беқиёсат
Ҳама завқи ҷаҳон андоза дорад.

Ба рухсорат табассум ҳаст зебо,
Ба лабҳоят такаллум ҳаст зебо.
Ту моли мардуму ман дузди ошиқ,
Ба чашмам моли мардум ҳаст зебо.

Қатори турнаҳо бигзашт имрӯз,
Сабои дилрабо бигзашт имрӯз.
Зи гулгашти хаёли ишқи аввал
Хамӯшу бесадо бигзашт имрӯз.

Гули ҳуснат маро шайдои худ кард,
Ба ту ғамхору бепарвои хувд кард.
Зи мулки беғамӣ овард берун,
Муҳаббат сокини дунёи худ кард.

Суруди обшорони ту зебост,
Шамими боду борони ту зебост.
Ватан, эй олами буду набудам,
Вуҷудат чун баҳорони ту зебост.

Аё Наврӯзи ман шодӣ биовар,
Ба мардум хонаободӣ биовар.
Худотарсу худодод аст тоҷик,
Ба ӯ бахти худододӣ биовар.

Ҷавоно, ҳасрати пиронаат чист?
Набояд сарддил дар ин ҷаҳон зист.
Зи сарват не, зи умри рафта андеш,
Чӣ некӣ бар халоиқ аз ту шарҳест.

Ту бигзаштӣ зи паҳлӯям шитобон,
Зи пушти абр ҳамчун моҳи тобон.
Задӣ оташ ба ҷонам барқи чашме,
Ба дил шуд шӯълаи ишқат фурӯзон.

Маноз аз зӯри бозӯи ҷавонӣ,
Ки сангин аст ранҷи зиндагонӣ.
Ғурурат бигзарад монанди дарё,
Равӣ дар коми баҳри бадгумонӣ.

Нахоҳам шоире ошуфта мирад,
Ба лаб шеъри таре ногуфта мирад.
Ба санги сактаи бедорхобӣ
Сари худро занад, нохуфта мирад.

Гули дардему дар ҳукми хазонем,
Нишонҷӯяндагони бенишонем.
Дар ин дунёи раҳомӯзу раҳгум,
Ҳама ҳамқисмати як корвонем.

Дили ман ҳам ғами маҳпорае дошт,
Самои ишқи ман исторае дошт.
Сапедӣ чун набуд дар тори мӯям,
Сияҳабрӯ аҷаб назорае дошт.

Эй дӯст, маро аз хатари тир матарсон,
Аз маҳкамаю кундаю занҷир матарсон.
Аз ҳилаю аз макру зи тадбир матарсон,
Мо доди худоем, зи тақдир матарсон,
Аз ҳайбати «мардони ҷаҳонгир» матарсон.

Мо соҳили сахтем, зи селоб натарсем,
Бедордилем, аз аксари хдоб натарсем.
Чун майзада аз харҷи майи ноб натарсем,
Мо дузд наем, аз шаби маҳтоб натарсем,
Бо тезию бо сӯҳбати дилгир матарсон.

Моро тамае нест, пайи қисмати хешем,
Қонеъ ба лаби нону раҳи ҳиммати хешем,
Озурдадил аз дарду ғами миллати хешем,
Тарсанда фақат аз зарару иллати хешем,
Аз ҳишмати ҳар дилсияҳи пир матарсон.

Нахли тани мо санг хӯрад аз самари хеш,
Сад зарбаи ҷонсӯз хӯрем аз табари хеш,
Ёбем шараф дар ҳама ҷо аз ҳунари хеш,
Кардем ба худ меҳри Худоро сипари хеш,
Моро ту ба дашному ба таҳқир матарсон.

Покиза дили сӯхтаи зори Сайид аст,
Аз боғи вафо ғунчаи уммед начидаст,
Кай зори ту, эй нохалаву бухлу палид аст.
Аз бори худованд фақат ӯ ба умед аст,
Ӯро ту ба доройю таъсир матарсон.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ШАВКАТИ БУХОРОӢ

Ғам зи дил аз сӯҳбати аҳбоб меояд бурун,
Бо машаққат гавҳари ноёб меояд бурун.
Ханда аз лаҳни хуши асҳоб меояд бурун,
«Гиряи мо аз дили бетоб меояд бурун,
Сели мо аз чашмаи симоб меояд бурун».

Зиндагӣ бошад гуворо пир мегардад ҷавон,
Тир агар набвад, намемонад дигар қадри камон.
Хомфикрӣ раҳкушо бошад ба андӯҳу зиён,
«Ҷисм чун гашт аз риёзӣ пухта мегардад аён,
Кӯзаи мумӣ зи оташ об меояд бурун».

Мешавад афсурда ҳар кӣ дорад андӯҳу алам,
Мефишорад қалбҳоро дасти пурозори ғам.
Гарчи месозам қаноат ман ба ҳар як бешу кам,
«Дасти афсӯс аз пушаймонӣ чу меорам ба ҳам,
Чун даҳон захме аз ӯ хуноб меояд бурун».

Ҳар ки дар дил машъали илму амал афрӯхтаст,
Шодкомие надида ранҷу ғам андӯхтаст.
Баски фикрам чашм бар роҳи ҳақиқат дӯхтаст,
«Хонаамро барқи чашми нимрангӣ сӯхтаст,
Ҷои дуд аз равзанам маҳтоб меояд бурун».

Обшори дида месозад гусели ашки ман,
Танг монад дар гулӯ оҳ аз ҳамели ашки ман,
Дард мехезад зи ҳар як тобу ғели ашки ман,
«Карда Шавкат баҳрро девона сели ашки ман,
Шевани занҷир аз гирдоб меояд бурун».

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЙИДО

Дар сарам имшаб хаёлат, эй гули сероб буд,
Орзуи оразат андар дили бетоб буд.
Тан чу мӯ аз оташи ҳаҷрат ба печу тоб буд,
«Бе ту дар чашмам нигаҳ дар шиша чун симоб буд,
Мардумак дар дидаам чун бисмили қассоб буд».

Метапид аз беқарорӣ дил чу кавкаб то саҳар,
Неш мезад ҳаҷр бар ҷонам чу ақраб то саҳар.
Мерасид аз ҳаҷр ҷон сад бор бар лаб то саҳар,
«Интизори мақдамат мебурдам имшаб то саҳар,
Ҳамчу шамъи кушта дар вайронаам маҳтоб буд».

Дар вуҷудам боварӣ бо рашк будӣ дар набард,
Гоҳ шодӣ буд ғолиб, гаҳ ғаму андӯҳу дард.
Худ нафаҳмидӣ ба зудӣ маънии рухсори зард,
«Навбаҳори абри хат обе заду бедор кард,
Баски умре сурма дар чашми ту масти хоб буд».

Дил агарчи гашт шайдо, аз паи Маҷнун нарафт,
Шуд гадои ганҷи ишқат, аз паи Қорун нарафт.
Аз лаби ман лаззати рӯю лаби майгун нарафт,
«Имшаб аз базми ҳарифон то саҳар берун нарафт,
Соғари май киштии афтода дар гирдоб буд».

Меҳаросам ман зи авзои замони бимнок,
Баски ҳар нопокро камтар намедонад зи пок.
Гар Фалотун ҳаст одам, мешавад рӯзе ҳалок,
«Мурдаи фарзанди қобил ҳайф бошад зери хок,
Умрҳо бар дӯши Рустам қолиби Сӯҳроб буд».

Аҳли маънӣ гашта ин дам хору бебаргу наво,
Аз ягон даргаҳ намеёбад ба дарди худ даво.
Баски бо бадгавҳарон дунёи дун шуд ошно,
«Дар замони мо сухан қадре надорад, Сайидо,
Ин гуҳар з-ин пеш дар ганҷинаҳо ноёб буд».

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЙИДО

Ишқи ӯ андар дили осуда исён мекунад,
Лашкари наззорааш ҷонро гаравгон мекунад.
Чун баҳори ханда ҳуснашро дучандон мекунад,
«Зулф бо холи лабаш тасдиқи имон мекунад,
Номусулмон номусулмонро мусулмон мекунад».

Рашки Хусрав кӯҳканро медиҳад охир ба бод,
Бехирад кохи суханро медиҳад охир ба бод.
Нотифоқиҳо Ватанро медиҳад охир ба бод,
«Нафси саркаш мулки танро медиҳад охир ба бод,
Ҳокими золим диёри хеш вайрон мекунад».

Хӯи бадро тарк бинмудан бувад кори гарон,
Некӣ асло барнамеояд зи шамшеру камон.
Маргро шафқат набошад ҳеҷ бар пиру ҷавон,
«Рози худ дар сина хандонрӯ намедорад ниҳон,
Ҳар чи дорад дар дили худ гул намоён мекунад».

Эзид он рӯзе, ки хоки тинати Одам сиришт,
Дар замини қалби ӯ тухми ғаму андӯҳ кишт.
Ронд ӯро бо Ҳаво аз даргаҳи боғи биҳишт,
«Ишқ доғи ҷаври лола рӯзии ошиқ навишт,
Соҳибэҳсон ҳар чи дорад, сарфи меҳмон мекунад».

Ҳар ки айби худ бипӯшад, ӯ ба ҷонаш душман аст,
Зиштхӯро теғи марг аз аблаҳӣ бар гардан аст.
Ҳикмате бинҳуфта дар авроқи боғу гулшан аст,
«Тангдил будан нишони айш рӯ овардан аст,
Ғунчаро охир насими субҳ хандон мекунад».

Баҳри чӣ, эй дил, ту андар тобу таб афтодаӣ,
Дур аз дидори ӯ андар ғазаб афтодаӣ.
Чун маҳи рухсораш дар тирашаб афтодаӣ,
«Сайидо дар фикри зулфи ӯ аҷаб афтодаӣ,
Ин парешонӣ туро охир парешон мекунад».

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЙИДО

Зиндагӣ бо ман чу ойинаи вафо тағйир кард,
Бо ғаму шодӣ маро наздику ҳамтақдир кард.
Ақл чун боби китоби умрро таҳрир кард,
«Сарвро шамшоди қаддаш маҳв чун тасвир кард,
Обро мавҷи хаёлаш пой дар занҷир кард».

Нокасе гар кард хокам, шиква аз тақдир чист?
Чун насим аз ноумедӣ оҳи оламгир чист?
Гар сухан гӯӣ, бидон, ҳар нуқтаро таъсир чист?
«Эй дами субҳи қиёмат, ин ҳама таъхир чист?
Поси хотирдории сӯҳбат маро дилгир кард».

Дар самои дил ҳумои шеър чун бикшуд бол,
Суда шуд андар такопӯи сухан пои хаёл.
Дар набарди дарду ғамҳо умр меёбад завол,
«Ҳар сари маҳ бо қади хамгашта мегӯяд ҳилол:
Гардиши айём моро дар ҷавонӣ пир кард».

Чун насими васли ту аз мулки идрокам гузашт,
Теғи ҷонсӯзи вафо аз синаи чокам гузашт,
Барқосо дарди ҳаҷр аз уфқи афлокам гузашт,
«Он камонабрӯ ғазабнок аз сари хокам гузашт,
Чун ҳадаф санги мазорамро нишони тир кард».

Ҳар ки дар роҳи амонӣ гар дуои шукр кард,
Хонаи дилро мунаввар аз шуои шукр кард.
Аз сухан марди суханофар бинои шукр кард,
«Мӯҳтасиб мурду сурохӣ саҷдаҳои шукр кард,
Шишаро аз бода холӣ марги ин бепир кард».

Носипосӣ бинад охир ҳар кӣ бошад носипос,
Зиндагӣ бо нокасон ҳаргиз намегирад тамос.
Ростиро орзу дорад тамоми умр дос,
«Сайидо, дунёпарастонро нагардад нав либос,
Чуғз натвонад ба худ вайронае таъмир кард».

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ САЙИДО

Чу роҳи зиндагӣ дар печутобам метавон гуфтан,
Зи ранҷи ҳақталошӣ дар азобам метавон гуфтан,
Бар рағми ноҳақӣ дар инқилобам метавон гуфтан,
«Ба дарё кардам хӯ, мавҷи обам метавон гуфтан,
Ба каф дорам сари бетан, ҳубобам метавон гуфтан»

Ба гӯши зумрае бошад ҳақиқат ҳамчу афсона,
Ба чашми тӯдае ҳаст ошно монанди бегона,
Зи дарди ҷоҳилӣ гардида қалби зор ғамхона,
«Ба шохи шӯъла дорам ошён монанди парвона.
Самандартинатам, мурғи кабобам метавон гуфтан»

Надонад хоки умри ман нишони оби осоиш,
Набошад рӯзии ман гавҳари ноёби осоиш,
Надорам гӯиё аз нотавонӣ тоби осоиш,
«Ба боғи даҳр чун шабнам надорам хоби осоиш,
Чу аҳли корвон по дар рикобам метавон гуфтан».

Агарчи дар талоши зиндагӣ ҳамқисмати рӯдам,
Паи сарсабзии дунё ба заҳмат роҳ паймудам,
Зи дасти порасозон лек дур аз баҳри мақсудам,
«Ба мардум менамоям хешрову лек нобудам,
Дар ин саҳрои бепоён саробам метавон гуфтан».

Ҷаҳони дигарам, дар интиҳоям ибтидо дорам,
Сари пур аз хаёлоту дили дардошно дорам,
Зи шеъри оташин баҳри сияҳрӯзон зиё дорам,
«Либоси фақру табъи равшане, эй Сайидо дорам,
Ба зери абр пинҳон офтобам метавон гафтан».

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ СОИБ

Саҷдаҳо бар рӯҳи поки осмонӣ кардаам,
Умри худро сарфи лутфу меҳрубонӣ кардаам,
Талхкомӣ дидаву ширинзабонӣ кардаам,
«Чеҳраро аз ишқи хубон арғувонӣ кардаам,
Шӯхчашмӣ бин, ки дар пирӣ ҷавонӣ кардаам».

Ҳеҷ кас ойини паймонро намедонад чу ман,
Дар ҷаҳони хайр эҳсонро намедонад чу ман,
Шодию ғам, васлу ҳиҷронро намедонад чу ман,
«Кас забони чашми хубонро намедонад чу ман,
Рӯзгоре ин ғизолонро шубонӣ кардаам».

Дур афтодам зи хубӣ аз нигоҳи эътибор,
Тирарӯзам кард чашмони сиёҳи эътибор,
Лаҳзае будам агарчи дар паноҳи эътибор,
«Сад қадам биншаст аз мо хоки роҳи эътибор,
Гарчи дар роҳи ту умре ҷонфишонӣ кардаам».

Аз ғаму дарди дили мо ҳеҷ кас огоҳ нест,
Аз сафои меҳри ту моро зи қисмат оҳ нест.
Дар ҷаҳони дигарем, он ҷо талоши ҷоҳ нест,
«Офтобу моҳро дар хилвати мо роҳ нест,
Шамъи болини худ аз равшанравонӣ кардаам».

Меҳрубониҳои мо бар халқ ҳар дам равшан аст,
Покии мо аз булурин соғари Ҷам равшан аст,
Баҳри одам қисмати ёрони ҳамдам равшан аст,
«Номуродиҳои мо, Соиб, ба олам равшан аст,
Бо муроди халқ доим зиндагонӣ кардаам».

# МАРСИЯҲО

## МОДАР

Модар. Навозише гуворотар аз навозиши ту нест, гудозише сӯзандатар аз гудозишҳоят.

Ту он фариштаи меҳрофаринӣ, ки хуршеди оламафрӯз аз ту сӯхтану афрӯхтан омӯхтааст. Ҷаҳон аз ту ибтидо мегираду интиҳо мепазирад. Ту саропо эъҷозӣ. Яздони пок вуҷудатро аз меҳру вафо сиришттааст. Дар замири қалби беолоишат наҷибтарин эҳсосоти инсониро бикиштааст.

Бӯи гарми муҳаббати беҳамтоят бо нармию гармии шири поку нонҳои лазизат то абад дар машомам хоҳад монд. Дигар дар ҳеҷ мавҷуди олам ин бӯи муаттару зиндагиафзорро эҳсос намекунам. Касе даргоҳи туро чун ту обод намегардонаду хотири ҳазинамро ҷуз навозишҳои ҳаётбахшат хурраму шод. Агарчи инсони сарсахт баъдҳо шодию фараҳ мебинаду рӯзгорони шодмониҳо мепазирад. Вале модарҷон, касе ҷои туро дар зиндагӣ намегирад.

Дигар танҳо бӯи меҳрофаринатро аз нафаси бодҳо рӯи хотирнишинатро аз ёдҳо ҷамъ хоҳам овард.

Ҳайҳот мо пайвандон баъзан дар муҳаббат беиродаву дилсардем. Аммо гармии муҳаббати ту дар дили хоки сард ҳам то ҷовидонҳо боқист. Дар он дури дуриҳо дар ҷаҳони хотиротам нарм-нарм қадам мегузорӣ. Ту то ҳанӯз ҳам он мусофирони бо амри тақдир дар зиндагӣ аз худ дургаштаи ризқу рӯзиҷӯятро интизорию интизорӣ.

Аз сари он баландӣ дар паноҳи он ниҳоли дулонае, ки решапайванди ниёгонат гаштааст, соябону посбонат гаштааст…

Шояд мурғони кӯҳӣ, ки дар ин дарахт нишеман гирифтаанд, парвозӣ шуда ба боғи ҳотаи мо, ки замоне қомати мавзунат байни ниҳолон аз ҳама гулбасару зеботар менамуд меоянд ва қиссаи пургудози танҳою ҷудоиятро месароянд модар, ба мани дилшикаста, ба Файзуллоҷони дар ғарибӣ ба роҳаш дидабаста ва ба Ҳамидаҷони бармаҳал аз дидори биҳиштият бенасибгашта…

## МАРСИЯ

Аз он рӯзе зи дунё модарам рафт,
Нишоту шодмонӣ аз барам рафт.
Падарро зинда шуд дарди ятимӣ,
Чу ашк аз дидагони хоҳарам рафт.
Баҳорон гулфишонӣ дошт афсӯс,
Баҳори аз баҳорам хуштарам рафт.
Ҷаҳон аз рафтанаш мотамсаро гашт,
Зи мурғи бахт шаҳболу парам рафт.
Зи як сӯ хонавайронӣ маро сӯхт,
Зи як сӯ ғамгусорам аз сарам рафт.
Насозад хандаи гулҳо маро шод,
Зи боғи умр садбарги тарам рафт.
Нашуд пайдо зи даргоҳе давояш,
Чу дарди ҷонгудозе аз дарам рафт.
Ба дардаш интизорӣ дарди нав гашт,
Аз он рӯзе ба Маскав додарам рафт.
Сарам хам гашт баъди сарфарозӣ,
Чу аз олам шафиқу сарварам рафт.
Каси пурдард дар дунё чу ман нест,
Зи баъди бахти хуш бахтоварам рафт.

08. 05. 2004.

## ҒАМБЕМОР

*Дар сӯгвории падарам*

Хуршедсифат аз осмонам рафтӣ,
Эй нурфишони хонадонам, рафтӣ.
Бори ғаму ранҷи ман кашидӣ, афсӯс,
Нодида самар аз остонам рафтӣ.

Ёди ту маро ба ҷониби пушта барад,
Мадҳӯши ғамат чу як тани кушта барад.
Дар хуни хаёлу ғусса оғушта барад,
З-он рӯз ба пушта пуштбонам, рафтӣ.

Аз ғам чу чароғ мешавам ҳар соат,
Чун лолаи боғ мешавам ҳар соат.
Месӯзаму доғ мешавам ҳар соат,
Бахри чӣ анису меҳрубонам, рафтӣ.

Бе ёди ту зистан ба ман душвор аст,
Шодию ҳавас чу ғуссаю озор аст.
Охир чӣ кунам, ки умр нотакрор аст,
Сад ҳайф, ки зуд аз ҷаҳонам рафтӣ.

## ПАНҶАИ ЁД

Зиндагӣ бе ёди ту бар ман гаронӣ мекунад,
Навбаҳори умр ҳам рӯ бар хазонӣ мекунад.
Чун хуморӣ мешавам аз баҳри дидорат, падар,
Тифли умрам тарки айёми ҷавонӣ мекунад.
Бо ту будам рӯзгоре сарфарозу шодмон,
Бе ту ношодӣ насибам зиндагонӣ мекунад.
Дардманде будию будӣ нигаҳбон хонаам,
Кӣ ба тифлонам дигар ширинзабонӣ мекунад?
Меҳрубоне гар наёбам дар ҷаҳони орзу,
Панҷаи ёди ту бар ман меҳрубонӣ мекунад.
Гӯиё аз оташи дарди гарон сӯзӣ ҳанӯз,
Оҳи ҷонсӯзат нидои ҷовидонӣ мекунад.
Ҳар замон баҳри тасаллӣ бингарам бар суратат,
Суратат дилро пур аз дарди ниҳонӣ мекунад.

## ОЛИҲАИ ШОДӢ

Ҳар пагоҳӣ пеш аз тулӯи Офтоб кӯлвори орзую ҳавасҳои ширин бар дӯши хаёлоти рангин сӯи дабистони деҳи ҳамсоя роҳ пеш мегирифтам. Ҳамин ки ба таълимгоҳ наздик мешудам, чеҳраи нуронию лабони ҳамеша ба табассум моили ӯ пеши назарам ҷилвагар мегардиду модарона истиқболам менамуд ва чун олиҳаи шодӣ дили аз заҳмати омӯзгорӣ ба таъсири замон қадре сардгаштаамро таскину тасаллӣ бахшида, дилгармам мекард.

Ӯ зани миёнақади гандумгуни кушодачеҳрае буд, ки чашмони сиёҳи қадре аз ранҷу ташвиши рӯзгор камнуршудаю абрӯвони чун моҳи нав ба нозукӣ хамгаштае дошт, ки аз заковату хирадмандияш огаҳӣ медоданд. Аз олами нигоҳаш ба дилҳо пайваста нури меҳру вафо аз хайру сахо мерехт ва шаҳди каломи

шакаринаш ин ҷазобату назокатҳоро ба ҳам меомехт. Иродаи қавию ҷаҳони ғании маънавӣ дастони пурэъҷозу чеҳраи ҳалиму меҳмоннавозе дошт ӯ.

Яздони пок аз саховату малоҳати дунёӣ он чӣ ки муносиби одамизод аст, насиби ӯ гардонда. Каси хуштолеу дарёдиле буд, ки ҳамагон эҳтиромаш мекарданд.

Аҳён –аҳён тирадилону носипосоне баҳри озораш мекӯшиданд, аммо аз гарди маломату бадгӯияшон ин дарёи мусаффо заррае тира намегашт ва баръакс нафъу саховаташ ҷои ҷазо ба рақибонаш ҳам мерасид.

Фишори рӯзгор навакак ба мӯяш сафедӣ ва ба рӯяш нақши ожанг кашида буд, вале гармии дидору покии гуфтораш ӯро ба назарҳо ҷавону дилрабо ҷилвагар мегардонид. Дили поку беолоишаш маскани умеду ҳавасҳои бепоёне буд. Чун каси дар ҳаёт ғамдидаю мушфиқ ҳамеша ғами ҳамагонро мехӯрд.

Оре, ана ҳамин нирӯи тавоною каси ҷонфидо, ҳамин чашмаи поку мусаффои ҳақиқату машъали ҷовидони ҷаҳони маърифат ба ман рӯҳу илҳоми тоза бахшида, берун аз ихтиёр ба сӯи олами дилҳо, ба сӯи кошонаи маърифат раҳнамунам мекард.

Инак, боз арӯси нозанини субҳи содиқ чеҳраи назаррабою дилкашашро баҳри дидори оинаи пурҷилои офтоб моил мегардонду ман банди орзую ҳавасҳои зиёде роҳи коргоҳро пеш мегирифтам. Вале хоби ваҳмангези иншаба баногоҳ дар кадомин гӯшаи танӯри дил чун лахчаи ғаму дард фурӯзон гашту аз абрҳои тираи ясъу ноумедӣ хотирам мушаввашу парешон.

Тез-тез қадам мегузоштаму аз навои ҳазини боди саҳроӣ дилам чун каси дар биёбони ғам танҳоафтода пайваста сард мегашт.

Чун ба binои мактаб наздик омадам, саҳни дабистонро ин саҳар аз ӯ холӣ дидам. Ва оҳи сарде аз дил кашидам.

Дигар офтоби рӯи накӯяш аз паси абри шохаҳои дарахтон падидор нагардид, ба истиқболам то зинароҳи мактаб наздик наомад. Ин лаҳза диламро панҷаи ғаму дарди ҷонгудозе фишор дод ва зуд бо

хотири мушавваш сӯи хонааш, ки дар ин деҳа ягона кошонаи умедам буд, роҳӣ шудам. Ин дафъа ҷои садои ханда аз хонадонаш садои гиряи ғамангез боло мегашт. Кабӯтари дили бегуноҳаш ба чанги шоҳини бераҳму бешафқати марг афтода буд.

Мардуми деҳа– хурду калон , ки аз сахою накӯкориаш доимо бархурдор буданд, баҳри видояш меомаданд.

Деҳа чун кӯҳсорони доманаш, ки банди бухори ғафси ҳузнангези зимистон буд, намуди мотамие дошт. Ин лаҳза ҳастиамро мисли навшиновари ба коми гирдоб наздикомада, ки ҳуҷуми мавҷҳои саркаш пайваста аз зиндагӣ навмедаш мегардониданд, ғаму андӯҳи фаровоне фаро гирифт ва борони ҳасрат аз абри дидагонам рехт.

Ин рӯзи наҳс чун хотири ошуфтаи ман оҳиста–оҳиста тира гашта, ниҳоят ҷои худро ба хати сиёҳи шаб, ки аз омаданаш ғаму дард аз пештара афзун мегардад, супорид.

Рӯзи дигар моҳи мунири талъати зебояш, ки шоми дилҳои навмеду ошуфтаро бо зиёи равшанибахши меҳри модарӣ мунаввар мегардонд, ба уфуқи зулмонии хоки сард, ба ғуруби абадӣ рафт.

Дили ошуфтаам аз дарду доғи Рӯзигули Азиз ва ситорагонаш, ки дар як гӯшаи осмони дарду ғам банди ғубори навмедӣ аз ғами бемодарӣ месӯхтанду мегиристанд, об мегашту об мегашт…

## СЕ МАРСИЯ ДАР СӮГВОРИИ МУАЛЛИМАИ МЕҲРУБОН РӮЗИГУЛИ АЗИЗ

### ГИРЯИ ДИЛ

Дар марги ту, ай ҳамдилу ҳамдам, нагиристам,
Шуд мулки дилам арсаи мотам, нагиристам.
Чун чеҳраи хандони ту имрӯз надидам,
Бигрифт гулӯям нафаси ғам, нагиристам.
Чашмат ба вафо пок буд аз чашмаи хуршед,
Чашмам бишуд аз доғи ту пурнам, нагиристам.

Як олами эҳсону вафо буд дили покат,
Хун гашт дилам аз ғами олам, нагиристам.
Пеши назари тӯдаи ноодаму нокас,
Бар қисматат, эй маънии одам, нагиристам.
То шод нагардад аҷал аз бурди ҳаромаш,
Шуд қоматам аз бори ғамат хам, нагиристам.
Бо дил бигиристам, ки набудӣ ту забонӣ,
Бахшиш, ки бо нолаи як дам нагиристам.

## ЗИ ЁДИ МАН НАРАФТ

Чеҳраи чун меҳр хандонат зи ёди ман нарафт,
Олами меҳри фаровонат зи ёди ман нарафт.
Ёфтам аз ҳимати ту обрӯю эътибор,
Модаросо лутфу эҳсонат зи ёди ман нарафт.
Қалби ту аз ормону орзу лабрез буд,
Ҳасрату умеду армонат зи ёди ман нарафт.
Дар шаби эҷоди ман будӣ ту аз ман шодтар,
Ашки шодӣ дошт чашмонат, зи ёди ман нарафт.
Умри худро баҳри шодии дигарҳо бохтӣ,
Покии виҷдону имонат зи ёди ман нарафт.
Лаҳзае ки ҷони ту бо марг будӣ дар ситез,
Ҳар нигоҳи чашми ҳайронат зи ёди ман нарафт.
Буд ноором қалбат дар раҳи фарзанди хеш,
Он дили пурдарду пазмонат зи ёди ман нарафт.
Марҳами дарди касон будӣ, валекин сад дареғ,
Кас набитвонист дармонат, зи ёди ман нарафт.
Рӯзи маргат тоза шуд дар ман ғами бемодарӣ,
Гиряи пурсӯзи тифлонат зи ёди ман нарафт.

## ЁДНОМА

Хун шуд дилам зи дардат, ношод гиря кардам,
Омад чу тарҳи рӯят бар ёд, гиря кардам.
Чун ранҷа гашт хотир аз хор гаштани илм,
Бар ранҷу заҳмати ту устод, гиря кардам.
Дар гуфтани маонӣ вақте ки лол мондам,
Чун аз касе надидам имдод, гиря кардам.
Дар Бесутуни ёдам акси ту офаридам,

Бар қалби реш-реши Фарҳод гиря кардам.
Мулки дилам ҳазин буд, доғи ту оташин буд,
Дар гиряҳои борон чун бод гиря кардам.
Бозии тирақалбон ранги маро хазон кард,
Вайрона шуд чу шаҳри ободд, гиря кардам.
Марги ҳазор Шағод раҳме ба дил наовард,
Чун кушт Рустамеро Шағод, гиря кардам.
Дил чун қалам-қалам шуд, лабрези дарду ғам шуд,
Ҳар мисрае, ки кардам эҷод, гиря кардам.
Чун модар аз бари ман рафтӣ ба ногаҳонӣ,
Бе рӯи ту чу тифли навзод гиря кардам.
Бе як даво туро кушт вақте ки сактаи дил,
Бар сактаҳои қалби аҷдод гиря кардам.

## НЕКНОМ

*Ба хотири устод Борони Сайф*

Аввалин шеърро шунидам ман
Аз ту, эй марди фозилу машфиқ.
Ту ба шеъру сухан маро кардӣ
Аз гаҳи кӯдакии ман ошиқ.

Гар китобе накардаӣ иншо,
Аввалин шеъри деҳа моли туст.
Шеърҳои китоби ман, устод,
Балки ангезаи хаёли туст.

То дами марг мисли Зоконӣ
Хазл кардию бегумон мурдӣ,
Покдил будию ба мисли гул
Ҷони ширин ба ханда биспурдӣ.

Ин замон ҳазлпеша бисёр аст,
Ханда бар лаб, сиёҳ қаъри дил.
Он ки умре набуду ҳаргиз нест
Қалби мардум бо ҳарфашон моил.

Гарчи аз ҳазлашон гаҳе хандад
Тӯдаи пурзиёну пурозор,
Халқ ҳамроҳашон намехандад,
Заҳр дорад каломашон чун мор.

Дигар андар саросари деҳа
Нест пире маро бипурсад ҳол,
Ҳар ҳиҷои маро кунад таҳрир,
Ҳар китобам ба шавқ истиқбол.

Зиндагӣ марди зиндадил мислат
Умрҳо офарида натвонат,
Гарчи рафтӣ, зи даҳр байни халқ,
Ҳазлҳои ту ҷовидон монад.

## МАЗҲАБИ НАКӮКОРӢ

*Дар сӯгворои устод Маҳмадкарим Назаров*

Хандаи тифлакони хушилҳон
Як ҷаҳон муждаи баҳораш буд.
Пешрафти маорифу мактаб
Шохаи сабзи эътибораш буд.

Боғзори зи хуни дил сабзаш
Ҳиммати мазҳаби накӯкорест,
Ҳифз кардан ҷиҳози мактабро
Беҳтарин мактаби ватандорист.

Дарси мардию худшиносӣ буд
Зиндагономааш ба шогирдон.
Пос дорад, ҳар он кӣ инсон аст,
Дур аз пос ҳаст инсон.

Ин ҷаҳон бар ҷаве намеарзад,
Олами макри ӯст бепоён.
Як замон ғолибаш бувад Ҳурмузд,
Ҷовидон ғолибаш бувад шайтон.

Олами одамӣ чӣ бенангист,
Баҳри озори ҳамдигар кӯшем.
Баъди маргаш ба кас гузорем арҷ,
Шарафу ному нанг бифрӯшем.

Дар кафи нахли зиндагӣ охир
Ҳар як одам ба ҳукми як барг аст.
Ҳаст шафқат ба қалби Азроил,
Одамӣ худ фариштаи марг аст.

Марги ту марги ногаҳонӣ буд,
Марги пирии пур аз ҷавонӣ буд.
Рӯзи маргат баҳори гулгунро
Доғҳои ғами хазонӣ буд.

Гарчи рафтӣ нишони ту боқист,
Заҳмати ҷовидони ту боқист.
Дар гулу барги ҳар ниҳоли сабз
Пирии навҷавони ту боқист.

Дар фазои баҳори кӯҳистон,
Абрҳо зор-зор гирёнанд,
Дар сари қабри марди соҳибдил,
Дӯстдори баҳор гирёнанд.

## ҲАСРАТ

Он субҳи навбаҳор,
Буд деҳа мотамӣ,
Шодӣ намонда буд
Дар қалби хуррамӣ.
Мегуфт баъди субҳ
Сад ҳайфи одамӣ,
Як ориёӣ рафт,
Марди фидоӣ рафт.

Он рӯзи навбаҳор,
Хуршед мегирист,
Ҳамранги оташи
Ҷовид мегирист.
Бар қадри заҳматаш
Эзид мегирист,
Ашкаш зиёӣ буд,
Ашки илоҳӣ буд,
Як ориёӣ рафт.

Он субҳи навбаҳор,
Дилҳо фигор буд,
Дар чашми боғҳо,
Ашки қатор буд,
Меомадам ба гӯш,
Ҳамвора ин суруш.
Омӯзгор буд.
Озодазодаи.

Озодакор рафт,
Оне, ки дошт ӯ
Хуни ниёӣ рафт,
Як ориёӣ рафт.

Он субҳи навбаҳор,
Чун тирамоҳ буд.
Дар чашми боғҳо
Ашки нигоҳ буд.
Мегуфт ҳар ниҳол,
Як хайрхоҳ буд,
Дар гарму сарди мо
Ӯ гармоҳ буд.
Дардо давоӣ рафт,
Як ориёӣ рафт.

Он субҳи навбаҳор,
Мурғони дар фирор
Шодона омаданд,
Бар гӯшаи диёр
Биншаста лаҳзае,
Дар мулки шохсор
Оҳе кашидаанд,
Бигриста зор-зор
Гуфтанд боалам:-
Ку марди боғкор?
Як ориёӣ рафт,
Некӯ зиёӣ рафт.

## ҲАСРАТИ ПАДАР

Ба дӯстам Зувайдулло Кабудов, ки фарзандаш
Меҳроб саргарми бозии тифлона худро овехт.

Дур будам аз барат, то бишканам армони худ,
Сад ҷаҳон лаззат барам аз диданат бар ҷони худ,
Бар ту бахшам аз ҳавас ин меҳри бепоёни худ,
Шикваҳо дорам кунун аз бахти носомони худ,
Пеш аз маргат надидам сер бо чашмони худ.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

Байни фарзандон ба ҳикмат аз ҳама оқил будӣ,
Дӯстрӯю меҳрубону бар ҳама моил будӣ,
Гапдарою қадрдону мунису қобил будӣ,
Нури чашми хонадони мо ба ҳар маҳфил будӣ,
Пурҳарорат аз садоқат худ саропо дил будӣ.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

Модаратро байни мардум сарфарозе кардаӣ,
Ҳам ба хулқу ҳам ба кори хеш розӣ кардаӣ.
Аз куҷо донам, ки бо мо корсозӣ кардаӣ,
Нӯш карда ҷоми маргу дилнавозӣ кардаӣ,
Шуста худро то аҷал поку намозӣ кардаӣ.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

Бори охир аз ҳавас бар осмон кардӣ назар,
Пок буд абри равону шамс буди шӯълавар,
Буд шояд дар хаёлат ин замон ёди падар,
Баҳри чӣ тоқат накардӣ то ягон рӯзи дигар,
Об гардад дил зи дардат, пора мегардад ҷигар.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

Ғофил аз фанди аҷал гаштӣ ту пайванди аҷал,
Пеши чашмат зиндагонӣ тофт монанди аҷал,
Бозии қисмат туро бинмуд хурсанди аҷал,
Кардаӣ бовар ба макру ҳилаю фанди аҷал,
Ҷон супурдӣ оқибат дар ҳалқаи банди аҷал.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

Абри ғамҳои ту гардад дар самои ёди ман,
Хун бигиряд аз ғамат ҳар дам дили ношоди ман,
Дуди ғам акнун бисӯзад решаву бунёди ман,
Ҷисми беҷонат нафаҳмад нолаю фарёди ман.
Ғарқаи ғам гашта акнун хонаи ободи ман.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

Оҳи ту дар ёдҳо аз теппаю тел мерасад,
Бӯи ту аз саҳфаи девони Туғрал мерасад.
Бе ту ҳар байташ ба гӯшам номукаммал мерасад,
Теғи ғам ҳар дам ба қалбам мисли пайхал мерасад.
Ханда бар ҷонам кунун чун неши ғундал мерасад.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

Рафт айёми хазону чеҳраҳои зард монд,
Тарҳи рӯят ёдгор аз қисмати номард монд,
Куртаю шиму китобат ҳамчу раҳовард монд,
Ҷои ту дар хонаи мо ранҷу доғу дард монд,
Ҳасрату андӯҳу доғу сӯзу оҳи сард монд.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

Чун Сайид аз меҳри покат нақш бар дафтар кашид,
Дарду доғи дӯстро дар ришта чун гавҳар кашид,
Дар тарозӯи сухан адӯҳу ҳаҷрат баркашид,
Ғуссаю дарди ту аз ҳар мисраи ӯ сар кашид,
Гуфт васфат то саҳар, шеван ба чашми тар кашид.

Зуд рафтӣ аз ҷаҳон, эй гавҳари ноёби ман,
Ҳисрати ман, доғи ман, андӯҳи ман, Меҳроби ман.

## ШЕВАН

*Ба Фотима Сафарова ки аз марги нобаҳангоми ҷигарбандаш дилрешу маҳзун аст*

Дарду ғамат обам кунад,
Маҳзуну нотобам кунад.
Сӯзад дилу ҷони маро,
Ҳаҷри ту бехобам кунад.

Дунёнадида духтарам,
Эй Фотима – маҳпайкарам.

Рӯят гули маҳтоб буд,
Сарви қадат ноёб буд.
Атрии шамими мӯи ту
Аз бӯи гул сероб буд.

Ҳулбӯю садбарги тарам,
Эй Фотима– маҳпайкарам.

Он ҳусни беҳамтои ту,
Овози ҷонбахшои ту.
Ояд зи мулки ёдҳо,
Холист, аммо ҷои ту.

Эй зеби маъвою дарам,
Эй Фотима– маҳпайкарам.

Дил хун кунад ҳиҷрону ту,
Сарпастии тифлони ту.
Сад ҳайфи ҳусни дилкашу
Уммеди ту, армони ту.

Эй доғи рӯзи маҳшарам,
Эй Фотима-маҳпайкарам.

Нахли қадат бар хок рафт,
Рӯҳи ту бар афлок рафт.
Рӯзи сайиди рӯзҳо,
Бар назди зоти пок рафт.

Африштаи баҳру барам,
Эй Фотима– маҳпайкарам.

Мирад зи ғам бадхоҳи ту,
Бадхоҳи ноогоҳи ту.
Бо панҷаи дасти аҷал
Бигрифт охир роҳи ту.

Эй бози давлат бар сарам,
Эй Фотима– маҳпайкарам.

Касро набошад нанги ту,
Овози ту, оҳанги ту.
Рангинкамон ёд оварад
Дунёи рангоранги ту.

Н-ояд ба маргат боварам,
Эй Фотима– маҳпайкарам.

## ҶИГАРХУН

*Ба падари мусибатзада Хушвақти Бердӣ*

Замин аз гиряи мардонаат имрӯз меларзад,
Само аз оҳи дилсардонаат имрӯз меларзад,
Дару деворҳои хонаат имрӯз меларзад,
Шароби умр дар паймонаат имрӯз меларзад,
Ба гирди шамъи ғам парвонаят имрӯз меларзад

Набуд дар хоксорӣ ҳеҷ кас ҳамранги фарзандат,
Ба ёдаш ашк резад гӯӣ аз ҳар узву пайвандат,
Надорад лола ҳам дар сина доғ имрӯз монандат,
Бидида ларзаат дар пеши тобути ҷигарбандат,
На танҳо ошно, бегонаат имрӯз меларзад.

Гиристан баҳри ту дар мотами фарзанд душвор аст,
Дилат аз давраи бемодарияш сахт ғамдор аст.
Бифаҳмад сӯзу дардатро ба олам ҳар кӣ ғамхор аст,
Бидонад хасми фарзандат кунун бар чӣ сазовор аст,
Ба пеши наъраи шеронаат имрӯз меларзад.

## СӮЗИ ПАДАР

*Барои Шарбати Гулмурод, ки ба ёди фарзанди ҷавонмаргаш пайваста месӯзад.*

Зи даҳри бевафо, эй гавҳари қимматбаҳо рафтӣ,
Мадоре нест бар тан, баҳри чӣ, эй муттако, рафтӣ,
Чароғи хонадону нури чашми пурзиё, рафтӣ.
Тани пурдард дорам, бедавоям, эй даво рафтӣ,
Нидо кардам, накардӣ гӯш бар ман, бенидо рафтӣ.

Дили хунбор дорам, резад ашк аз дидаам ҳар дам,
Нишон аз рӯйсурхӣ нест дар рӯям, гули зардам.
Шавад аз соҳили ҳастӣ бурун рӯди ғаму дардам,
Ба мисли ҷисми сардат аз ҳаёти хеш дилсардам,
Чӣ созам, офтоби бахту иқбол, аз фазо рафтӣ.

Ҷигарбандам, ба ёди ту ҷигархун гаштаам имрӯз,
Парешонфикр ҳамчун беди Маҷнун гаштаам имрӯз,
Ман он сели ғаму дардам, ки афзун гаштаам имрӯз,
Чаро ту хоку ман аз хок берун гаштаам имрӯз,
Маро марг аст бе ту зиндагӣ, бе ман чаро рафтӣ?

## НОЛАИ МОДАР

*Дар сӯгвории ҷигарбандаш*
*Исломуддини Теша*

Мекашад фарёд модар, оҳ, эй Исломи ман,
Ғунчаи нашкуфтаи ман, баччаи нокоми ман,
Офтоби субҳгоҳу моҳтоби шоми ман,
Паҳлавони ғуррамаргу аввалу анҷоми ман,
Бе ту бошад заҳр шаҳди зиндагӣ бар коми ман,

Душмани бераҳми ту андешаи ҷонат накард,
Як сари мӯ раҳм бар фарёду афғонат накард.
Заррае парвои сад умеду армонат накард,
Ӯ нашуд ором, то вақте ки қурбонат накард,
Вой бар ман, вой бар тақдири бадфарҷоми ман.

Кош пеш аз марг медидам ба серӣ рӯи ту,
Кош медидам ба серӣ қомати дилҷӯи ту.
Ёд орам рӯзу шабҳо сурати некӯи ту,
Кош боре бод орад бар машомам бӯи ту,
То шавад ором қадре қалби нooроми ман.

Хонаат вайрона гашту тобу дармонам намонд,
Гиря кардам дар фироқат, оби чашмонам намонд,
Тоқати андӯҳу дарду бори ҳиҷронам намонд,
Ғусса хӯрдам, ғам кашидам, ин замон ҷонам намонд,
Эй Худо, душман набинад дарди беанҷоми ман.

## БУЛБУЛИ ШӮРИДА

*Ба сарбози ормонӣ Рамазон Холиқов*

Чун булбули шӯридаам, аз дард афғон мекашам,
Омад хазони умри ман, рахт аз гулистон мекашам.
Аз душмани пуркинаам, хун гашт мулки синаам,
Дар қалби чун оинаам, сӯзи фаровон мекашам.
Бигзаштаам аз ёд рафт, ояндаам барбод рафт,
З-ин даҳри бадбунёд рафт, з-он оҳи сӯзон мекашам.
Дур аз ту аз баҳри зафар, эй қуввати ҷони падар,
Сад тир дар банди ҷигар бо чашми гирён мешакам.
Эй модари дилсӯзи ман, эй шамъи худафрӯзи ман,
Омад ба охир рӯзи ман, дард аз дилу ҷон мекашам.
Дил гашт лабрези алам, аз панҷаи андӯҳу ғам,
З-ин даҳр бар мулки Адам ман бори ҳиҷрон мекашам.

## ХУНБАҲО

*Дар мотами Файзиддини Раҳим.*

Мешавад аз хонае боло нидои «Файзиддин»,
Гиряҳои талху хешу ақрабои Файзиддин,
Осмон ҳам ашк мерезад барои Файзиддин,
Пур шуд аз хурду калон мотамсарои Файзиддин.

Буд умре ӯ низомӣ, ҷон пайи имдод дод,
Дарси мардию шуҷоат бар ҷавонон ёд дод,
Умри худро баҳри ҳифзи миллаташ барбод дод,
Ҷони худ дар кишвари мазлум не, озод дод.
Бар ватан монад нишон меҳру вафои Файзиддин.

Монда даргоҳу дараш бар пушта мисли бод рафт,
Аз ҷаҳони бевафо бо оҳи пурфарёд рафт,
Душманашро шод карду худ вале ношод рафт,
Сад дареғи ҷони ӯ аз дасти як ҷаллод рафт,
Теғи ҷони хасм гардад хунбаҳои Файзиддин.

## НОКОМ

*Ба хотираи Олимҷони Тағаймурод*

Тарҳи ҷои хона мерехт,
Бар заминаш дона мерехт.
Аз ду дасти сеҳрбораш,
Олами афсона мерехт.

Ӯ надид аз умр ҳосил,
Орзуяш монд дар дил.
Нақши дасташ ҳар куҷо буд,
Нақши пояш монд дар гил.

Лаънати дунё ба ҷоҳил,
Лаънати дунё ба қотил,
Вориси фарҳангро кушт,
Хасми ҷони ҷангро кушт.

## ОРМОНӢ

*Дар сӯгвории Эмомалии Ҳақназар*

Рафтию уммеду армонат ҳама барбод рафт,
Рӯзи маргат то Сурайё нолаю фарёд рафт,
Дӯстат ҳам ин сафар аз хонаат ношод рафт,
Дарди ҷонсӯзе падарро сахт дар бунёд рафт,
Аз ҷаҳонаш шаҳсутуни хонаи обод рафт.

Бахти неки модарат андӯҳу дардатро надид,
Пештар ҷон аз ту доду ранги зардатро надид,
Ҷони афгору тани захмину сардатро надид,
Ҷоҳилию қотилии ҳамнабардатро надид,
Фориғи дарду ғамат аз ин ҷаҳон озод рафт.

Бар фалак мепечад акнун гиряҳои додарат,
Об месозад ҷигарро нолаҳои ҳамсарат,
Гиряҳои тифлакони пурғаму муштипарат,
Аз садои гиря меларзад ҳама бому дарат,
Халқ гӯяд, ҳайфи ӯ, аз олами ношод рафт.

## ПАЙКОНХӮРДА
*Дар марги Давлатмуроди Касир*

Эй хокхуфта дони ман,
Эй киштаи армони ман.
Имрӯз печад аз ғамат,
То бар фалак афғони ман.

Эй сарвати гумкардаам,
Эй давлати гумкардаам.
Фарзанди пайконхӯрдаам,
Ту зиндаӣ, ман мурдаам.

Рафтӣ маро ғам ёр шуд,
Андӯҳу мотам ёр шуд.
Тан зери бори дард монд,
Дил чашмаи хунбор шуд.

Эй сарвати гумкардаам,
Эй давлати гумкардаам.
Фарзанди пайконхӯрдаам,
Ту зиндаӣ, ман мурдаам.

## ҲАСРАТИ МОДАР
*Дар мотами Маҳмадуллои Саид*

Ҷанг, эй даррандаи ваҳшии кӯи умри мо,
Эй сабабгори тамоми кулфату ранҷу бало,
Ёвари номеҳрубону довари ноошно,
Баҳри чӣ партофтӣ дар чоҳи дарду ғам маро?

Хушк шуд аз оташат он донае, ки коштам,
Хирмани ҳасрат зи ранҷу заҳматам бардоштам,
Аз сафои меҳри ӯ рӯи намозӣ доштам,
Гаштаам девона аз дастат, наёбам қибларо.

Рафт аз дасти ту охир баччаи яктои ман,
Аз ғамаш хун мешавад ду дидаи binои ман,
Кош бинад душманонам ғуссаву ғамҳои ман,
То қиёмат мисли ман гарданд дар ғам мубтало.

## ВИДОИ САРБОЗ

*Ба Ғайибназари Файз*

Монанди номи худ ғойибназар шудам,
Андӯҳи модари хуничигар шудам.
Бе шафқати падар солор гаштаам,
Бе ёрии падар соҳибҳунар шудам.
Бо хасми пурзиён ҷангида беамон,
Дар хуни хештан ҷӯшида, тар шудам.
Эй кишвари азиз, эй модари азиз,
Дар ҳифзи номи ту ман номвар шудам.

## ХУНИНҚАБО

*Ба Субҳонқули Раҷаб*

Саховатманд буд, ӯ бебаҳо буд,
Ба халқу миллати худ бовафо буд.
Ҷавони шӯху ширинкору бекин,
Ба покӣ ҳамчу субҳи босафо буд.
Барои модари сарчашмаи меҳр,
Чу тори сахтпайванди шуо буд.
Ба ёрон ҳамдаму дилсӯзу мушфиқ,
Ба душман офати ҷону бало буд.
Ба ҳангоми ғуруби шамси ҷонаш,
Шафақосо буду хунинқабо буд.
Намирад ҳеҷ гаҳ, ҷовид монад,
Ҷавонмарди далери мулки мо буд.

## ПИРИ ҲАҚШИНОС ВА НАДИМИ НОСИПОС

*(Қисса)*

– I –

Дар миёни кӯҳҳои сарбаланд,
Буд деҳи дилрабою дилписанд.

Зиндагӣ мекард он ҷо фозиле,
Дӯстрӯю бар халоиқ моиле.

Соҳибэъҷоду саховатпешае,
Хоксору марди боандешае.

Эҳтиромаш байни мардум беш буд,
Марҳаме бар қалбҳои реш буд.

Буд олиҳиммату меҳмоннавоз,
Халқ меовард аз меҳраш намоз.

Рӯзи шаб осуда не, дар ранҷ буд,
З-ин сабаб дорою соҳибганҷ буд.

Ӯ надиме дошт, номаш Хол буд,
Як каси бечораю бадҳол буд.

Не варо фикри замину хона буд,
Дар ба дар овора чун девона буд.

Ҷандапӯше буду дунёбехабар,
Бенасиб аз шаҳди умри даргузар.

Чун ба ин даргоҳи хайр овард рӯ,
Рӯзгораш гашт пурфайзу накӯ.

Шуд дуои пир чун оби ҳаёт,
Бурдаш аз кӯи аҷал сӯи наҷот.

Хизмати он авлиё мекард ӯ,
Ҳар замон шукри Худо мекард ӯ.

Пир аз ин кирдори некаш шод буд,
Мисли фарзандаш навозиш менамуд.

Ҳар кӣ бар ин хона мешуд меҳмон,
Буд умре сарфарозу шодмон.

Офарин мехонд ӯ бар кори Хол,
Аз барои меҳнати поку ҳалол.

Холи аз асрори динё бехабар,
Шуд аз ин таърифҳо болоназар.

Гуфт: «Ман кай аз бузургон камтарам,
Бар бузургишон наояд боварам,

Ҷумла мардони замину хокианд,
Дар нигоҳи ғофилон афлокианд.

Пири ман аз чист ин сон номдор?
Халқ бо номаш намояд ифтихор?

Лек ман умре надиму бандаам,
Пеши ӯ мӯҳтоҷу сарафкандаам.

Меҳнати ман буд, ӯ машҳур шуд,
Наҷми бахташ ин қадар пурнур шуд.

Аз сахои ман бишуд болонишин,
Некбахту некному некбин.

Офтобам, ар бувад ӯ осмон,
Бе ман ӯро нест равшан ошён.

Мисли шаккоке ба мардони Худо,
Баъд аз ин дар дил намудӣ иштибоҳ.

– II –

Як пагоҳӣ ҳамраҳи амвоҷи нур,
Меҳмонҳо омаданд аз роҳи дур.

Аз қазо дар хонадон равған набуд,
Ғуссаю дарду ғами пираш фузуд.

Пир чун номи Худоро ёд кард,
Аз ғаму ранҷаш Худо озод кард.

Холро бар назди худ даъват намуд,
Гуфт: «Рав аз чашма равған ор зуд».

Хол аз ин кирдори ӯ дар ханда шуд,
Ӯ ба дил гуфт: «Авлиё шарманда шуд».

Кас надида чашмаеро то кунун,
Равған аз он ҷои об ояд бурун.

Ноилоҷ ӯ рафт бар маъвои об,
Кӯзае пур карду омад бошитоб.

Об шуд дар дег равған ҷо ба ҷо,
Бо дуои пиру бо амри Худо.

Қадри чашма шуд баланд аз Хол паст,
Носипос охир фитод андар шикаст.

Чашма номи Хоҷаи Маъло гирифт,
Чун зиёратгаҳ ба дилҳо ҷо гирифт.

Хол аз ин ҳайрат бишуд дарди фалаҷ,
Гарданаш бо амри ҳақ гардид каҷ.

– III –

Ҳар ки тарки ҳақшиносӣ мекунад
Бар бузургон носипосӣ мекунад.

Мешавад расвою зишту рӯсиё,
Муфлису нодору бебаргу наво.

Олам аз файзи азизон хуррам аст,
Олам аз меҳри азизон олам аст.

Гар набошад оқиле хор аст мулк,
Дар шикасту банди озор аст мулк.

Орзу дорӣ ту гар аҳволи нек,
Ҷуз вафо ҳаргиз набошад фоли нек.

Мерасӣ бар матлабат бе иштибоҳ,
Аз дуои хайри мардони Худо.

Ҳурмату қадри азизонро бидон,
Ҳақ туро бахшад нишоти ҷовидон.

## ДУ МАНЗАР

*(Манзума)*

*Ба дӯсти азизам Нодир Шарифзода*

Баста будам бор аз баҳри сафар,
То шавам аз ҳоли ёре бохабар.

Чун бурун аз саргаҳи русто шудам,
Шоҳиди як баҳси пурғавғо шудам.

Садрашон як аблаҳи донотарош,
Баҳри даъвӣ буд дар азму талош.

Қомати ӯ буд чун сарви баланд,
Чеҳрааш ҳам буд хубу дилписанд.

Паҳлавоне, зӯрманде, беғаме,
Зиштхӯе, нокасе, ноодаме.

Шикваҳо аз халқу меҳан менамуд,
Гарм маҳфилро чу гулхан менамуд.

Гоҳ мегуфт ӯ: «туӣ одамшинос.
Халқи мо бошад бахилу носипос.

Қадри мардонро намедонад басе,
Ҳар куҷо моро бихонад нокасе.

Ҳар замон моро насиҳат мекунад.
Бар накӯкорӣ ҳидоят мекунад.

Пандҳо гӯянд з-ашъори кӯҳан,
Мо куҷову шоиру шеъру сухан.

Худ гумон доранд моро содаем.
Гӯиё бар амрашон омодаем.

Пандашон бар мо намесозад асар,
Роҳи онҳо дигару аз мо дигар.

Пухта метобанду хомӣ мекунанд,
Умри худро сарфи номе мекунанд.

Ҳар кӣ меҳнат карду нангу ор кард,
Хештанро муфлису нодор кард.

Лаззати умри азизашро надид,
Дар дили хоки сияҳ шуд нопадид.

Беҳтарин амволи дунё сарват аст,
Ҳар куҷо доро каси боҳурмат аст.

Низ зӯрӣ беҳтар аз доной аст,
Зӯрмандӣ манбаи дорой аст.

Хуб донам сарҳисоби хешро,
Ман биомӯзам «китоби хешро»,

Кист шоир? Шеър чисту панд чист?
Ин ҳама макру фиребу фанд чист?

Ҳикмати онҳо ҳама бекора аст,
Як тасаллои дили бечора аст.

Гар бидонанд, аз чӣ худ хорӣ кашанд?
Шодкомӣ нею душворӣ кашанд?

Ишқ мегӯянду покӣ мекунанд,
Даъвии улвию хокӣ мекунанд.

Худ намедонанд, ишқи пок нест,
Мастӣ андар май бувад, дар ток нест.

Ишқбозӣ ҷуз ҳавою шавқ нест,
Покбозонро ғам асту завқ нест.

Пул агар бошад, хазорон дилбар аст,
Айшу мастӣ худ ҷаҳони дигар аст.

Ин ҷаҳон фанд аст, сар то пой фанд,
Гар ту дорой, раҳо ёбӣ зи банд.

Илму доной намеояд ба кор,
Нӯши доно нест шаҳди рӯзгор.

Бе насиҳат ҳам ба матлаб мерасем,
Ҳаст дорой, ба мансаб мерасем»,

Завқ мекарданд аз ин асҳоби ӯ,
Аз суханҳои фаҷу нобоби ӯ.

Ҷумла мегуфтанд мисли доваре,
Нест доное зи ту донотаре.

Баҳсашон қалби ҳазинам реш кард,
Ғуссаю дарду ғамамро беш кард.

Хуб шуд он лаҳза як мошин расид.
Чун давои ин дили ғамгин расид.

Бурд манро то ба он манзил расонд,
Назди ёри ҳамдаму ҳамдил расонд.

Ӯ маро биншонд андар хонае,
Пеши ҷамъи оқилу фарзонае.

Баҳси ҳикмат андар он чо гарм буд,
Шеваи гуфтори онҳо нарм буд.

Хона аз дидорашон чун бӯстон,
Буд нигини баҳс марде хушзабон.

Лоғарандому каси бечорае,
Лек рахшон ҳамчу тиллопорае.

Мисли номи хештан нодир будӣ,
Нуқтафаҳму ҳамдами шоир будӣ.

Буд нобино, вале аз зиракӣ,
Тофт дар чашмам чу рӯҳи Рӯдакӣ.

К-аз насими сӯҳбаташ дил шод шуд,
Лашкари ғам рафту дил озод шуд.

Шукри беше дошт аз халқу Ватан,
Ифтихоре дошт аз шеъру сухан.

Ифтихор аз он ки шоирпарвар аст,
Шеър мисли чашм ӯро раҳбар аст.

Шукрҳо аз Ҳофизу Хайём дошт,
Шукри Мавлоною пири Ҷом дошт.

Шукри Айнӣ буду Турсунзодааш,
Шукри халқи бар сухан долдодааш.

Гуфт ӯ, «Ҳар кӣ суханноошност,
Мурданаш авло, ки марди носазост».

Одами беҳафм кони зиллат аст,
Хасми илму мулку халқу миллат аст.

Кишваре, ки моили фарҳанг нест,
Қавми ӯро ҷуз нифоқу ҷанг нест.

Не дар он ҷо пешрафту ваҳдат аст,
Не нишоне аз вафою ҳурмат аст.

Зодагонаш муфлису бечораанд,
Дар ҳама рӯи ҷаҳон овораанд.

Гӯш додам ман ба ҳар як панди ӯ,
Бар насиҳатҳои бемонанди ӯ.

Панди ӯ бинмуд бар ҷонам асар,
Шуст занги қалбро бо оби зар.

Буд рӯзеву вале ду манзаре,
Он яке зишту дигар ҷонпарваре.

Аз яке ғам, аз яке шодӣ расид.
Бӯи ғайру бӯи аҷдодӣ расид.

Ақл ошуфт аз қиёси ин ду ҷуфт,
Дил пас аз андеша боисрор гуфт:

«Кӯр беҳ аз ҷоҳили бино бувад,
Гунг беҳ аз аблаҳи гӯё бувад».

## МУНДАРИЧА

Ба ҷои сарсухан .......................................................... 3
Шеърҳо ................................................................... 8
Сурудҳо ................................................................. 80
Ашъори бадоҳатан гуфташуда ................................ 88
Ғазалиёт ................................................................. 91
Рубоиҳо ................................................................. 140
Дубайтиҳо .............................................................. 150
Мухаммасҳо ........................................................... 161
Марсияҳо .............................................................. 167
Пири ҳақшинос ва надими носипос ........................ 185
Ду манзар .............................................................. 188

**Саид Ғоиб**

**КУЛЛИЁТ**

Муҳаррири ороиш *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ М. *Саидова*

Ба матбаа 15.02.2010 супурда шуд. Ба чопаш 18.02.2010 имзо шуд. Андозаи 84x108 $^{1}/_{32}$. Коғази офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 6.0. Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17а